субъект аз эҳтимоли тағйири ҳолати ин воқеият дар оянда мебошад. Мавҷудияти идеали иҷтимоӣ барои пешниҳод ва интихоби улгуи рафтору фаъолияти иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад. Аз ин ҷиҳат идеали иҷтимоӣ ҳавасмандию рағбати субъектро барои тағйири ҳолати мавҷудаи иҷтимоӣ ва сайъу кушиши тезондани суръати ба дараҷаи камолоти тасаввуршаванда расидани воқеияти кунуниро ба вуҷуд меорад. Дар робита бо ин идеалҳои иҷтимоӣ аҳёнан ба ҷузъҳои таркибии мафкураи ҳаракату ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ табдил меёбанд.

Дар баробари ҷузъиёти зикршуда бояд ёдовар шуд, ки идеали иҷтимоӣ танҳо аз тасаввуроти зеҳнии субъектҳои иҷтимоӣ иборат нест, балки он аз бисёр ҷиҳат ба диди воқеии равандҳои таърихии инкишофи ҷомеаи мушаххас асос ёфта, барои дарки қонуниятҳои рушди минбаъдаи он кумак менамояд. Аз ин ру ҳар як ҷомеа кушиш менамояд чунин идеалҳоро назарияпардозӣ намояд, ба ин васила зиддиятҳоро дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ошкор созад ва фаъолнокии аъзоёни худро дар тағйиротҳои суратгиранда назаррас намояд. Ташаккули иделҳои иҷтимоӣ ин як навъ маҳсули ҷустуҷуи ҷавоби ҷомеа ба даъватҳои шароити нави инкишофаш мебошанд ва бинобар ҳамин ҳам зуҳури идеалҳои нави инкишофи иҷтимоӣ нишондиҳандаи мавҷудияти имконияту захираҳои ҷавобгу ба талаботҳои ҷадиди тараққиёти ҷомеа аст. Ҳар қадар вазъи инкишофу суботи ҷамъиятии ҷомеа хусусияти ноустувор дошта бошад, ҳамон қадар ҷомеаи мазкур ба таҳияи намунаҳои идеали рушди иҷтимоии худ камтар таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Зеро ҷомеа дар ҳолати дар чунин вазъ қарор доштанаш бештар ба ҷустуҷуи роҳҳои ҳалли масъалаҳои ҷории мавҷудият, бақои худ андармон аст. Барои ҷомеаи тоҷикистонии солҳои навадум аслан чунин ҳолат хос буд. Бинобар ҳам вобаста ба ҷомеаи тоҷикистонӣ мо метавонем пас аз имзои шартномаи истиқрори сулҳ дар бораи зуҳури шаклҳои муайяни идеалҳои рушди иҷтимоии он андешаронӣ кунем.

Ҳар як ҷомеа бинобар ҳамин ҳам дар раванди инкишофаш дар тасаввуроти аъзоёнаш тамоюлҳои мухталифро оид ба ягон шакли рушди идеалиаш ба вуҷуд меорад. Мӯҳтавои ин идеал дар ҳама маврид иборат аз хоҳишу ормони ба даст овардани чунин ҳолати ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки дар он таъмини беҳтари талаботу ниёзҳои аъзоёни ҷомеа ба даст меояд. Тамоюлҳои мазкур барои амалигардонияшон шаклҳои гуногуни рафтори иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Зуҳури ин шакли амалҳои иҷтимоӣ вобаста ба шароитҳои мушаххаси инкишофи ҷомеа ва инчунин сохтори сиёсии он дар навъҳои гуногун зоҳир мешавад. Шакли зоҳиршавии ин фаъолнокӣ метавонад танҳо дар доираи шуғлу фаъолияти гуногуни меҳнатӣ боқӣ монад ва ё дар бисёр ҳолатҳо ба фаъолиятҳои сиёсию ҷамъиятӣ пайвандад. [1] Ҳамчунин тамоюлҳои мазкур метавонанд ҷойгоҳи худро дар фазои илму санъат ва иҷрои маросимҳои динию фарҳангии аъзоёни ҷомеа пайдо кунанд, ки ин амал бештар дар зинаҳои авали ташаккулёбии идеали матлуби инкишофи ҷамъият мушоҳида мешавад ва ба тадриҷ ба зершуури аъзоёни дигари ҷомеа роҳ меёбад. Ҳар қадар низоми иҷтимоӣ хусусияти кушод дошта бошад ҳамон қадар ба зершуури омма роҳ ёфтани моделҳои гуногуни идеали инкишофи ҷомеаро ҳамвортар месозад. Дар ҷомеаи низоми иҷтимоияш хусусияти демократидошта тамоюли ташаккул додани чунин идеалҳо ҳам аз ҷониби сохтори сиёсӣ ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандии он хеле бештар ба назар мерасад, зеро онҳо ба ин васила кушиш менамоянд захираи фаъолнокии одамонро ба самти барояшон мақбул равона созанд.

Ҳар қадар дар байни идеалҳои инкишофи аз ҷониби ин ниҳодҳо пешниҳодшаванда зиддиятҳо хусусияти оштинопазир дошта бошанд, ҳамон қадар суботи иҷтимоӣ ноустувор мегардад ва эътимоди онҳо ба ҳамдигар камтар мешавад. Идомаи ин ҳолат метавонад дар бисёр ҳолатҳо имконияти зуҳури муноқишаҳои иҷтимоиро бештар созад. Бинобар ҳамин ҳам дар низоми

---

[1] Вебер М. Избранное. Образ общества. – М.: Юрист, 1994., Эллиас Н. Общество индивидов. – М.: «Праксис», 2001.

демократӣ сохтори сиёсии ҷомеа пайваста кушиш менамояд мӯҳтавои идеали инкишофи ҷамъиятии тарғибшавандаашро дар заминаи талаботу манфиатҳои на фақат гуруҳи маҳдуди одамон, балки дархури идеалҳои доираи васеи аъзоёни ҷомеа ташаккул диҳад. Яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, ки дар он аксар маврид диди идеалҳои одамон аз инкишофи ҷамъият ба ҳамдигар наздик мешаванд ин бидуни шубҳа истеҳсолоти моддӣ аст. Майли мусоидат ба рушди ин соҳа ва баҳрабардорӣ аз натиҷаи он яке аз арзишҳои калидӣ дар мухтавои ҳама гуна идеали рушди ҷамъиятӣ аст. Аксар маврид мусоидат ба ин равандро идеалҳои мазкур аз дигар арзишҳо бартарият медиҳанд. Дар навбати худ раванди мусоидат ба рушди соҳаи мазкур ба тадриҷ муносибатҳои дигари иҷтимоии аъзоёни ҷомеаро метавонад тағйир диҳад, зеро онҳо ба он вобастагии ногусастанӣ доранд.

Яъне соҳаи истеҳсолот ҳамчун асоси мавҷудияти ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор рафта аз таъмини рушди инкишофи он таъмини тамоюлҳои марбут ба инкишофи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа вобастагии ногусастанӣ дорад. Ин раванд аз бисёр ҷиҳат двр низоми демократии идоракунӣ низ имконияти баҳрабардории қишрҳои гуногуни ҷомеаро аз ҳуқуқу озодиҳои пешниҳодшаванда фароҳам меорад. Мавҷудияти зиддиятҳои оштинопазир дар соҳаи истеҳсолот омили суст шудани суръати рушди ҷамъиятӣ гардида, нақши худро ташаккули шаклҳои алтернативию бо ҳамдигар оштинопазири идеалҳои рушди иҷтимоӣ мегузоранд. Яке аз масъалаҳои мубрам дар ин маврид барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ хос ин назари одамон ба риоя нашудани адолати иҷтимоӣ дар ҷараёни хусусигардонии моликияти ҷамъиятӣ пас аз барҳам хурдани низоми шуравӣ мебошад. Тибқи назари омма ин моликият беадолатона аз ҷониби гуруҳҳои наздик ба ҳокимият тақсим гардида, имруз барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намекунад. Бинобар ҳам тамоюли идеали рушди иҷтимоие, ки алҳол дар тасаввури бештари мардум вобаста диди инкишофи истеҳсолоти моддии ҷамъият вуҷуд дорад, аз бисёр ҷиҳат хусусияти эсхатологӣ дорад. Яъне мундариҷаи онро чунин майлу орзуе ташкил медиҳад, ки гардиши чархи таърих ҳамаро ба ҷои худ мегузорад ва бар ивази ҷуброни маҳрумиятҳои имруз таҳаммулкунандаи онҳо рузе фаро мерасад, ки ин беадолатӣ аз байн меравад. Бинобар ҳамин ҳам дар ҷомеа тамоюли муносибати хусуматомезу бадбинона нисбати шахсоне, ки имруз аз нигоҳи даромад пешрафт доранд, бештар ба назар мерасад. Такя ба чунин як идеали рушди ҷомеа наметавонад барои татбиқи ташаббускорию фаъолнокии аксари аъзоёни ҷомеа дар соҳаи истеҳсолоти моддии ҷамъият мусоидат намояд.

Бинобар ҳамин ҳам, либоси арзишҳое, ки бо он идеали рушди ҷамъиятии ниҳодҳои расмӣ зоҳир мешавад, бояд дар шароити муосир бештар дар худ тамоюли ҳамоҳангсозии манфиат ва фаъолияти табақаҳои иҷтимоиро дар заминаи таъмини дастрасии мутавозини онхо ба захираҳои инкишоф ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онхо, коҳиши нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодии мардумро дошта бошад. Баъзе аз ин арзишҳо дар мухтавои диди самтҳои инкишофи стратегии мамлакат, ки аз ҷониби давлат муайян шудаанд, вуҷуд доранд, вале тавзеҳу таъмини назарияпардозии илмии онҳо барои ба сифати як идеали рушди ҷомеа шинохта шуданашон алҳол вуҷуд надорад. Аз ин рӯ имконияти нерубахши ин барномаҳо барои афзоиши ангезаи ташаббускорию фаъолнокии аъзоёни ҷомеа ва инчунин эътимоди онҳо ба дурахшонию шукуфоии эҳтимолпазири мамлакатамон барои солҳои минбаъда камтар мушоҳида мешавад.

Амалияи ҳамоҳангсозии манфиат ва фаъолияти табақаҳои иҷтимоиро дар заминаи таъмини дастрасии мутавозини онхо ба захираҳои инкишоф ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онхо, коҳиши нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодии мардумро метавонанд ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки расолаташон марбут ба ҳимоя ва намояндагӣ аз манфиати қишрҳои мухталифи ҷомеа иборат аст, то андозае татбиқ намоян.

Зеро ин имконият медиҳад саликаи дар фазои ҳуқуқӣ зоҳиршавии аксуламали созандаи ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба падидаҳои ҷамъиятӣ густариш ёфта, он барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани ҷустуҷӯи воситаҳои самараноки ҳалли масъалаҳо замина фароҳам оварад. Вале рушди намоён надоштани ин ниҳодҳо алҳол нақши онҳоро дар ҷомеаи муосири мо барои иҷрои ин амал нишон намедиҳад. Аз ҷиҳат тамоюли имруз дар илми ҷомеашиносӣ ва амалияи ҷомеасозии мо мавҷуд буда, ки кушиши ба сифати идеали рушди иҷтимоии мамлакат муаррифӣ намудани ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро менамоянд, ниёз ба ковишҳои густурдаи назариявии марбут ба хусусиятҳои маҳаллиро доранд.

Дар робита бо қазовати фавқуззикр бояд гуфт, ки аслан вазъи кунунии зиндагии иҷтимоии инсони муосирро ба як ҳолати коҳиши боварӣ ба суботи мудавом ва кӯшиши раҳоҷӯйӣ аз оғуши идеологемаҳои пешин ташбеҳ медиҳанд. Аз ин хотир баъзе аз мутафаккирон онро замони анҷоми таърих ва пирӯзии ҳамагонии либерализми гуногунчеҳра ҳисобидаанд. Ин арзёбиҳо ҳарчанд аз лиҳози коҳиши бовари инсони муосир аз устураҳои сиёсии даврони пеш дуруст аст, вале ҷомеаро мушкил аст тасаввур кардан, ки он барои пешниҳоди меъёрҳои муайяни рафтори иҷтимоӣ барои аъзоёнаш фикри эҷоди ягон устура ва ё барномаи сиёсиеро надошта бошад. Зеро дар ҳолати сарфи назар намудан аз ин зарурат ҳамеша имконияти фурӯравии амиқи тӯи масоили зиндагии инфиродӣ вучуд дорад, ки идомаи беохири он болоравии худкомагиро ба бор хоҳад оварад ва фарҳанги сиёсии руйи худхоҳии афрод қарордошта наметавонад замонати ҳифзи ваҳдати иҷтимоӣ, истиқлолият ва таҳкими ниҳодҳои сиёсиро таъмин созад.

Дар ҳаёти сиёсии бисёре аз ҷомеаҳо имрӯз ба сифати яке аз чунин идеологемаҳо зери унвони «ҷомеаи шаҳрвандӣ» эътироф шуда, кушиши ниҳодинасозии меъёрҳои ҷудогонаи он– ҳуқуқи шахс, ҳуқуқи дахлнопазирии ҳаёти шахс, ташкили ташкилотҳои ихтиёрӣ, гуногунандешӣ, озодии соҳибкорӣ ва ғайра васеъ ба харҷ дода мешавад. [1] Мисоли барҷастаи ин Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар он ба ин арзишҳо мақоми намоён дода шудааст. Вале дар ин чо суоле пайдо мешавад, ки оё имрӯз бо эъломи эътирофи арзишҳои марбут ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеаи тоҷик тасаввуроти муносиб оид ба интихоби ягон шакли ҷомеаи шаҳрвандӣ барои низоми кунунии иҷтимоии он вуҷуд дорад ё не?

Посух ба ин суол он қадар саҳл нест, чунонки дар назари аввал менамояд. Зеро бархе агар чомеаи шаҳрвандиро аз ниҳодҳои ҷудогонаи анъанавӣ иборат донанд, пас дигарҳо аслан ҷомеаи шаҳрвандиро маҳсули назарияҳои фалсафии пеш аз муосирият дониста, онро камтар дархӯри воқеияти печидаю мураккаби ҷомеаҳои ҳозира медонанд. Вале аслан ин чунин нест. Чунки агар барои ниҳодҳои анъанавӣ усулҳои демократии қабули қарор бегона бошанд, пас ҷомеаҳои муосир бар иллати зарурати дарёфти механизми фурӯ нишондани майли болоравии фишангҳои маъмӯрӣ, дар ҳалли масоили иҷтимоию сиёсӣ, пайваста ниёз ба таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҳис мекунанд. Дар радду тасдиқи ҳар кадоме аз ин мавъқеъҳо бурҳонҳои раднашаванда мавчуд аст, ки баррасиҳояшон ҷолиб аст. Ин бардоштҳо пеш аз ҳама аз тафсирҳои мухталифи мундариҷаи мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» бар меоянд.

Дар ҷомеашиносии муосир барои такмили мӯҳтавои назарияҳои мавҷудаи тафсири ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба воқеият наздик намудани рукнҳои он солҳои охир равияҳои дигар низ ба миён омаданд. Яке аз чунин назарияҳо марбут ба анъанаи сотсиалдемократӣ аст, ки он аслан рӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад. Тавассути муносибати ҳокимиятӣ сиёсат ҳаёти ҷомеаро фарогир мешавад ва ҷеҳраи ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккул дода, барои оромии он саҳм мегирад. Дар ин маврид давлат бояд дар таъмини мавҷудияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намояд, то ин ки таъмини

[1] Джин Л. Коэн, Эндрю Арато. Гражданское общество и политическая теория. – М.: «Весь мир», 2003.

роҳбарии демократии онҳоро дошта бошад ва ягон бахши ҷомеаи шаҳрвандӣ ба нерӯи дарҳамшикананда табдил наёбад, бозор ҷомеаро таҳти итоати худ надарорад. Батанзимдарории давлатии иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва дигар равандҳои иҷтимоиро ҳатмӣ меҳисобад.

Навобаста аз фарқиятҳои ҷузъӣ дар ҳамаи мавридҳо таъкид ба он мешавад, ки давлат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷузъи зарурии ҳаёти иҷтимоии аъзоёни ҷомеа буда, барои ташаккули муносибатҳои (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ) муайяни онҳо хизмат менамояд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ пеш аз ҳама ҳамчун фазои ҳамкории озоди иқтисодию иҷтимоии шаҳрвандони баробарҳуқуқ ба ихтиёри давлат вазифаи танзими ҳуқуқии рафтори одамонро дар ин соҳаҳо вогузор месозад. Давлат дар навбати худ тавассути фишангҳои ҳуқуқии ҳокимияти сиёсӣ барои инкишофи на танҳо ҷомеа, балкӣ амалишавии кӯшиши ҳар як шахс шароит фароҳам меорад. Яъне давлат ҳамеша қудрати ба танзимдарории сиёсии иқтисодиёт, фарҳанг ва ғайраро дорад. Таҷрибаи инкишофи даҳсолаҳои охири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ин раванд бо вуҷуди дастовардҳо пайваста бо мушкилиҳо мувоҷеҳ мешавад. Одатан яке аз омилҳои ба ин мусоидаткунанда аз он иборат аст, ки давлат ба ҳифзи бартарият бар ҷомеа қаноат накарда, мехоҳад онро пурзӯр кунад. Дар шароити муосири Тоҷикистон чунин намунаи талошҳо дар соҳаи муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ бештар заминагузорӣ шуда истодааст, ки ногузир шиддати алоқаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба бор хоҳад дошт. Аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати фавқуззикр ноқисӣ дар ташаккули баъзе аломатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бидуни онҳо мавҷудияти онро тасаввур кардан мумкин нест, мусоидат мекунад. Ин нишонаҳо чунинанд:

1) камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳо;

2) танг будани имконияти фаъолияти ошкорои ниҳодҳои ғайрирасмии иҷтимоӣ, ҳаракату гурӯҳҳои сиёсӣ;

3) риоя нашудани бартарияти алоқаҳои иҷтимоӣ нисбати алоқаҳои шахсӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ:

4) таъмини нокифояи шароити ташаккули шахсиятҳои сиёсӣ;

5) инкишофи нокифояи масъулияти шаҳрвандӣ.

Ҳамин тавр агар идеалҳои рушди иҷтимоиро дар шакли идеалҳои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дошта дастабандӣ кунем мебинем, ки дар фазои иқтисодӣ зуҳури як чунин идеали равшану аксарияти ҷомеаро фарогиранда ба вуқуъ напайваст. Барои ин омилҳои гуногун мавҷуданд, ки муҳимтаринаш ин идомаи бӯҳрони иқтисодист, ки фурсатро барои таҳияи улгуҳои рушди дарозмуддати кишвар дар ихтиёри ниҳодҳои иқтисодӣ зиёд боқӣ намегузорад ва онҳо аслан ба ҳалли масъалаҳои техникию ҷории идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ машғуланд. Дар баъзе мавридҳо фаъолнокии посухгуии ин ниҳодҳо ба масъалаҳои марбути равандҳои ҳамарузаи ҳаёти иқтисодии дохил ва минтақа низ он қадар муассир нест. Мусаллам аст, ки дар ин замина албатта шароити эҳсоси таваҷҷӯҳ ба зарурияти мавҷудияти чунин моделҳо низ аҳамияти хос пайдо намекунад. Ба ин на танҳо камфаъолияти ниҳодҳои истеҳсолоти дохилӣ инчунин сатҳи баланди нигариш, интизории мардум аз даромади муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун сарчашмаи беҳбуди зиндагияшон таъсир мерасонад. Чунин ҳолати камтаваҷҷӯҳӣ ба зарурияти таҳия ва доштани модели рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳатто барои давраи миёнамуҳлат заминаи эътимоди одамонро ба самаранокии фаъолияти ниҳодҳои иқтисодии кишвар коста месозад. Боиси тааҷҷуб аст, ки ҳатто модели рушди иҷтимоию иқтисодие, ки дар баробари кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ инчунин барои Тоҷикистон низ аз ҷониби мамлакатҳою созмонҳои манфиатдор ба тараққиёти ин минтақа таҳти унвони «Эҳёи роҳи абрешим» дар ҷараёни таҳия ва баррасӣ қарор дорад, дар дохил аз ҷониби доираҳои манфиатдор, аз ҷумла илмҳои ҷамъиятӣ, мариди таҳлилу баррасии камтар қарор гирифтааст. Ҳоло он ки таъмини заминаи мафкуравию назарияпардозии модели мазкур метавонад барои дастгирии оммавӣ пайдо кардани барномаҳои таҳияшавандаи рушди мам-

лакат чӣ дар дохил ва чӣ дар берун замина фароҳам орад.

Бояд тазаккур дод, ки аз бисёр ҷиҳат чеҳраи мушаххас касб накардани моделҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакатамон фазоро барои зуҳури моделҳои рушди иҷтимоию сиёсӣ фарох намуданд. Ин моделҳоро на танҳо ниҳодҳои расмӣ, ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсии ба тариқи легалӣ фаъолияткунанда, инчунин ҳаракату аҳзоби фаъолияти ғайрилегалӣ дошта низ мехоҳанд ба ҷомеа ироа кунанд ва ба рафтору ҷаҳонбинии одамон таъсири худро расонанд. Модели иҷтимоию сиёсии аз ҷониби ниҳодҳои расмӣ пешниҳодшаванда аслан эъмори давлати миллии руи усули дунявият, қонуният ва арзишҳои демократӣ қарордошта мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки тули ин солҳо дар ин самт амалҳои назаррас сурат гирифтанд ва бинобар ҳамин ҳам модели мазкур дар назари аксари мардум мақбулият дорад. Тайи солҳои истиқлолият дар ҶТ амалҳои гуногуне рух доданд, ки онҳо барои таъмини ин зарурияткои истиқрори истиқлолияти сиёси нигаронида шуда буданд. Амалҳои иртиҷоӣ ва монеъавӣ дар инкишофи истиқлолияти ҶТ хеле мураккаб ва зиёд рух додаанд. Хавфноктарини онхо моҷароҳои сиёсие буданд, ки дар сатҳи баландтарин - ҷанги ҳамватанӣ ва ошӯбҳои дохилиро ба дунбол доштанд. Роҳбарияти сиёсӣ тавонист роҳу воситаҳои зарурии аз муқовимат баромаданро дарёбад ва ваҳдату якпорчагии кишварро таъмин намояд, истиқлолиятро нумӯъ бахшад.

Амалхое, ки дар давоми ин муддати истиқлолёбӣ баҳри ҳимоя ва инкишоф ба харҷ дода шуданд низ чандон кам нестанд. Дар солҳои истиқлолият дар ҳаёти сиёсии ҶТ корҳои созандаи ҷиддию назаррас ва тақдирсозе пиёда гардидааст, ки зикри онхо фурсати зиёдро талаб мекунад. Яке аз мухимтарин амалхои истиклолиятгаройӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат мебошад. Ҳадафҳои стратегие, ки тӯли солҳои истиқлолият Тоҷикистон пайваста барои таъмини онҳо кӯшишу ғайрати беандозаро ба харҷ медиҳад ин мақсади аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва озуқаворӣ мебошад ва он дар сиёсати мамлакат ҷойи муҳимро ишгол намудааст. Зеро бидуни ҳалли ин масъалаҳо таъмини якпорчагии ва ваҳдати милли гайриимкон мегардад. Дар ин муддат қабул Конситутсия ва тағйиру иловаҳо ба он заминаи боэътимоди ислоҳоти сохтори сиёсию ҳуқуқӣ гардиданд. Дар айни замон ҶТ моҳиятан ба сифати давлати мустақили миллӣ инкишоф меёбад ва мушкилиҳои дар ин роҳ ба миён омадаро тавассути ҷалби нерӯи созандаи ҷомеа паси сар мекунад. Аз ин рӯ алҳол дар назди ҶТ вазифаҳои мураккаби таҳкиму инкишофи истиқлолияти сиёсӣ истодааст, ки ҳалли онҳоро бе рушду нумӯъи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла илму маориф, тасаввур кардан мушкил аст.[1] Зеро маҳз дар ҳамин замина эътироф ва арҷгузорӣ аз волоияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди кишвар аз ҷониби қишрҳои гуногуни аҳолӣ ташаккул меёбад.

Барои бо шароит ва талаботи имрузаи рушди мамлакат созгор намудани модели мазкур соли 2013 дар саҳифаҳои матбаоти даврӣ андешаҳои назариявии муҳаққиқони зиёд нашр гардиданд. Тибқи андешаи онҳо имрӯз бо мурури ба арсаи фаъолият баромадани созмону ташкилотҳои фаромиллӣ мӯҳтавои истиқлолияти сиёсии давлатҳо ва шароити таъмини суботи иҷтимоии онҳо низ ба тадриҷ чеҳраи худро тағйир медиҳад. Яъне агар ба таърихи ташаккули раванди истиқлолиятхоҳии давлатҳои миллӣ ва эътироф ёфтани ин кӯшишхо назар андозем, мебинем, ки имрӯз доираи татбики истиқлолияти ин давлатҳо маҳдудтар мешавад. Истиқлолият ва истиқлолияттталабӣ ҳамчун падидаҳои сиёсии қобили эътирофу эҳтироми тарафайни давлатҳо пас аз ба имзо расидани шартномаи Вестфал(1648) амалан рӯи кор омаданд. То ин давра дар заминаи назарияҳо ва амалияҳои ташкили ҳаёти сиёсии кишварҳо бо он дучор омадаамон мушкил аст. Ба тасвиб расидани шартномаи Вестфал чунин низоми муносиботи байналхалқиеро ба миён овард,

[1] . Гиёев Қ. Национальние интересы. – Душанбе, 1999.

ки тибқи он акнун вазифаи муайян намудани самти сиёсати байналмиллалӣ, доварӣ дар ҳалли масоили байнидавлатӣ, замонати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудудҳои миллӣ, инҳисори истифодаи ошкорои зӯрӣ, маҷбурнамоӣ нисбати аҳолии ин ҳудуд барои ба даст овардани мақсади умумӣ в.ғ. ба зиммаи давлатҳои мустақил вогузор карда шуд. Чунин амал аз ҷониби соири давлатҳо эътироф ва қонунӣ ҳисобида мешуд ва ғасби якдигарӣ маҳкум карда мешуд. Вале ин маънои истиқлолияти мутлақро ба даст овардани кишварҳоро надошт ва аслан ин худ ғайриимкон аст. Вале на дар ҳама маврид бо чунин тартиби ҷараёни муносиботи байналхалқӣ давлатҳои абарқудрат муросо карданро раво меҳисобиданд. Бинобар ҳамин ҳам аксари даавлатҳо аз ягон ҷиҳат ҳатто дар амалиёти дохилияшон муқовимати кишварҳои дигари қудратталабро пайваста эҳсос мекунанд. Тавсеаи фишори қудратталабии ин гунна кишварҳо дар ҷараёни татбиқи сиёсати берунияшон низ ҷой дорад ва он аксаран тавассути ниҳодҳои байналхалқӣ (НАТО, СММ в.ғ.) таъмин мегардад. Яъне на ҳама вақт давлатҳои бузург омода ҳастанд ба истиқлолияти кишварҳои хурд эҳтиром гузоранд ва бинобар ҳамин ҳам дар низоми кунунии муносибатҳои байналхалқӣ фишангҳои аввалан барои таъмини истиқлолияти кишварҳо пешбинишуда на дар ҳама маврид пурра ин вазифаашонро иҷро карда метавонанд. Сабаби инро аксари муҳаққиқон дар он мебинанд, ки баъзе кишварҳо бо сӯиистифода аз имконеиятҳои сиёсии истиқлолият дар чараёни танзими ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳояшон ба поймолсозии ҳуқуқу манфиатҳои одамон роҳ медиҳанд. Аксар маврид чунин амали як давлатро нисбат ба давлати дигар бо он ҳақ баровардани мешаванд, ки истиқлолияти ҳама гуна давлат бемаҳдуд аст. Бо таъкиди ин ҷанбаи истиқлолият усули татбиқи он дар муносибат бо давлатҳои дигар аксар маврид аз мадди назар дӯр мемонад. Ин ҳам бошад дар он ифода меёбад, ки истиқлолияти бемаҳдуди ҳар як давлатро узвияти он дар ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ маҳдуд менамояд, агар он ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони давлати дигар нигаронида шуда бошад. Барои пешгирии чунин амал созмону ташкилотҳои байналхалқӣ амалан аз маҷмӯӣ таҳримҳои сиёсию иқтисодии дар ихтиёр доштаашон бояд истифода баранд, вале воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки ин фишангҳо на ҳама вақт муаассир мебошанд. Махсусан дар ҳоле, ки Тоҷикистон пайваста солҳои охир мавриди муҳосираи иқтисодии кишварҳои алоҳидаи ҳамҷавори худ қарор мегирад, барои бартараф сохтани ин ҳолат аз ҷониби ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ аксуламали муаассир ба чашм намерасад.

Барои аз байн бурдани чунин ҳолат бояд доварии маҳдуд сохтани истиқлолияти ин гуна давлатҳо ба зиммаи ташкилотҳои эътирофшудаи байналхалқӣ вогузор карда шавад. Дар ин самт алҳол ҷомеаи байналхалқӣ чандин ниҳодҳоеро дар ихтиёр дорад, ки онҳо бояд доварии бетарафонаро дар ин самт таъмин намоянд. Мушкилие, ки дар мавриди фаъолияти онҳо аз кӯшиши маҳдуд гардонидани истиқлолияти давлатҳои алоҳида аҳёнан ба миён меояд ва боиси норозигии ҷомеаҳои алоҳида мегардад ин набудани асосҳои эътирофшуда барои татбиқи амали мазкур аст. Ин дар навбати худ эҳтимоли татбиқи «стандарти духела»- ро нисбати кишвари алохида бештар месозад. Айни ҳол ин масъалаест, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷустуҷӯи ҳалли он нерӯи ақлонӣ ва амалияи сиёсии худро равона сохтааст. Дарёфти роҳи ҳалли масъалаи мазкур имконият медихад, ки дахолати созмонҳои байналхалқӣ ба корхои сиёсати дохилии ин ва ё он давлат заминаи ҳуқуқӣ пайдо намояд ва легетимӣ дониста шавад. Эҷоди ҳарчи зудтари ин асосҳоро мушкилоте, ки имрӯз ҷомеаи байналхалқӣ бо он рӯ ба рӯ аст, талаб мекунад.

Татбиқи номутавозини хусусияти бемаҳдуди истиқлолияти сиёсии давлатҳои мустақил дар муносибатҳои байналхалқӣ паёмади дигари манфиро низ ба дунбол дорад. Бештари давлатҳои қудратманд бо истифода аз ин усул умдатан кӯшиши таъмини ҳарчи бештари амнияти худро ба харҷ медиҳанд. Ин ҳолат дар амалияи сиёсии муосир «му-

аммои амниятӣ» ном гирифтааст ва моҳияташ аз он иборат аст, ки таъмини ҳарчи бештари амнияти як кишвар таҳдиди амнияти кишвари дигарро зиёд мекунад. Аз madди назар дӯр кардани зарурияти ҳарчи бештари муҳокимаи паёмадҳои чунин тарзи татбиқи истиқлолияти сиёсии давлатҳо минбаъд метавонад боиси болоравии таҳдидҳои муғризонаи баъзе аз онҳо нисбати якдигар гардад.

Ин ва дигар масоили матраҳгашта зарурияти пайваста дар заминаи вазъи тағйирёбандаи дунёи муосир мавриди баҳсу андешаронихои назарӣ қарор додани дурнамою равиши татбиқу ҳифзи истиқлолияти давлатии кишварамонро пеш мегузорад. Яке аз амалҳои муассиру самарабахш дар ростои ин мушкилотҳо барои таъмини суботи ҷомеаи имрузаи тоҷикистонӣ ба андешаи аксари олимон ин такя ба неруи идеяи миллӣ мебошад. Ҳарчанд назари онҳо вобаста ба он ки идеяи миллии тоҷикистониён бояд чӣ гуна муҳтаво дошта бошад, аз ҳамдигар фарқ мекунад, вале дар таъкиди неруи ҷомеасозӣ доштани он барои шароити имрузаи инкишофи мамлакатамон муҳаққиқони номбаршуда мавқеи наздик доранд. Лозим ба ёдоварист, ки модели мазкури рушди иҷтимоии Тоҷикистон имруз заминаи густурдаи назарияпардозӣ пайдо намудааст.[1]

Моделҳои алтернативии идеали рушди иҷтимоии аз ҷониби ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсии ба тариқи легалӣ фаъолияткунандаи кишварамон аз бисёр ҷиҳат ҳадафи ҷустуҷуи роҳи ҳалли мушкилотҳои дар раванди татбиқи модели расмии рушд ба миён омадаро доранд, вале барои аксари онҳо ба таври куллӣ эъмори давлати миллии руи усули дунявият, қонуният ва арзишҳои демократӣ қарордошта қобили қабул мебошад.

Дар руёрӯи моделҳои зикршуда инчунин андешаҳои ба инкори на танҳо мундариҷа, балки зарурияти умуман вуҷуд доштани ягон идеали инкишофи иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосир пешниҳод гардиданд, ки намунаи ҷолиби он ба Зоҳидов О. тааллуқ дорад. Ба надешаи ӯ ҳеҷ ягон модели пешниҳодшуда наметавонад ба сифати идеали рушди итимоии Тоҷикистон қабул карда шавад, зеро таркиби иҷтимоии ҷомеаи мазкур хусусияти оштинопазир дар самти тақсим ва дастрасӣ ба захираҳои инкишоф касб кардааст, ки имконият намедиҳад гуруҳҳои дар зинаҳои гуногуни табақабандии иҷтимоӣ қарордошта диду интизории бо ҳамдигар наздик аз инкишофи минбаъдаи ҷомеа дошта бошанд. Аслан ташаккули чунин дидҳо дар ҷомеашиносии муосир падидаи нав нест ва он иртибот бо инқирози диди ақлгаройӣ аз инкишофи ҳаёти ҷомеа ва умуман ҳадафгузориҳои инсон дар ин самт дорад. Тибқи ин андеша ҷомеашиносӣ бояд камтар ба ҷустуҷӯи моделҳои прогрессии иҷтимоӣ машғул шавад вагарна он аз оғуши улгуҳои ормонгароёна халосӣ нахоҳад ёфт. Вале алорағми ин андешаҳо ҷомеаҳои муосир бар асари вусъати падидаи ҷаҳонишавӣ ҳарчи бештар ба эҳсосу ниёзи доштани моделҳои гуногуни пешрафт рубару мешаванд.

Дар давраи ҳозираи инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон зуҳури идеалҳои рушди ҷомеа, ки ба арзишҳои динӣ такя менамоянд, бештар меафзоянд.[2] Пешниҳоди ин моделҳо ҳам аз ҷониби ниҳодҳои динии легалӣ амалкунанда ва ҳам ҳаракату ҳизбҳои ғайрилегалӣ сурат мегирад ва аҳёнан ҳадафи онҳо зери савол гузоштани дурнамои модели дунявии таъмини суботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон аст.

Дар ин раванд бо диди амалӣ, вале на ҳамеша бо такя аз таъмини асосҳои назарияпардозии густурдаю ба ташаккули ҷаҳонбинии муайян равонашуда имруз дар фаъолияти ҳокимияти сиёсии кишвар иқдомҳое сурат мегиранд, ки аз тасаввури идеалҳои муайяни рушди иҷтимоии ҷомеа дар марҳилаи кунунӣ шаҳодат медиҳанд. Ин идеалҳои рушди иҷтимоиро шартан ба се гуруҳ ҷудо намудан намудан мумкин аст:

[1] Назарияи ваҳдат. Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. – Китоби X1У, ХУ1. – Душанбе.: Дониш, 2012.

[2] Раҳнамо А. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. – Душанбе.: Дониш, 2008.

- ноил шудан ба ҳамкорию гуфтугӯи баробар бо кишварҳои минтақа ба хотири раҳоӣ аз хатарҳои ба мавҷудияти ҳаётии Тоҷикистон ба сифати давлати миллӣ таҳдидкунанда;

- ба хотири таъмини адолати таърихӣ ба маҷрои табиии рушди худӣ баргардонидани ҷомеаи тоҷик, ки бар асари дахолатҳои беруна аз заминаи аслияш канда шуда буд;

-афзалиятдиҳии баъзе масъалаҳои глобалӣ (об, таҳдиди ифротгаройӣ, қоҷоқи маводи мухаддир) барои ҷалби таваҷҷӯҳу пуштибонии кишварҳои абарқудрат аз татбиқи барномаҳои миллии инкишофи Тоҷикистон.

Дар алоқа бо дидҳои мазкур аз идеалҳои рушди иҷтимоии Тоҷикистон ҳаминро таъкид кардан ба маврид аст, ки ин идеалҳо умдатан аз умқи хотираи таърихии мардум ва дарки зарурияти ҳалли бетаъхири масъалаҳои имруз дар назди ҷомеа қарордошта сарчашма мегиранд. Идеалҳои мазкур дорои имконияти таъсири мусбат расонидан ба фаъолияти созандаи аъзоёни ҷомеа, ташаккули образи эҳтимолию хосташавандаи инкишофи дарозмуддати ҷомеа дар онҳо, муҳайёсозии ангезаи муҳиме барои таъмини суботи иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳалли мақсадноки масъалаҳои тараққиёти минбаъдаи мамлакат мебошанд. Бинобар ҳамин ҳам идеалҳои дар боло зикршудаи рушди ҷамъиятии Тоҷикистон дархури интизориҳои доираи васеи аъзоёни ҷомеа мебошанд.

Х.У. Идиев, Эдлер Тед.Қурбонов А.

**Анализ идейных основ формирования новых общественных отношений и эволюция идеалов общественного развития Таджикистана**

В статье рассматривается процесс выработки идеалов общественного развития Таджикистана на современном этапе ее развития. Авторы на основе анализа конкретных явлений общественной жизни показывают степень реалистичности существующих идеалов общественного развития Таджикистана свои видения проблемы. В статье утверждается, что диапазон существующих идеалов общественного развития простирается от описания явлений до моделирования ожидаемой действительности, что придает им общественную и научную эффективность.

Ключевые слова: идеалы общественного развития, общественное развитие, гражданское общество, автономия личности, социальные изменения, трансформация, национальное государство, национальная идея, рациональность, общественное мнение.

**KH. U. Idiev., Edler Ted**

**MODERN IDEALS OF SOCIAL DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF SOCIAL CHENGES**

In article process of development of ideals of social development of Tajikistan at the present stage of its development is considered. The author on the basis of the analysis of the concrete phenomena of a public life shows degree of realness of exiting ideals of social development of Tajikistan and the visions of a problem. As article affirms, that диапазон existing ideals of social development it is stretched from the description of the phenomena before modeling of the expected validity that gives to them to public efficiency.

Key words: social development ideals, public developments, civil society, autonomy of the person, social changes, transformation, the national state, national idea, rationality, public opinion.

# АСЛИ ДУНЯВИЯТИ ДАВЛАТ ВА ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

Мирзоев Ғ.Ҷ.

Дар мақола ҷиҳатҳои умумии мушкилот, имконият ва пайдо намудани заминаҳои ҳамзистии принсипи дунявияти давлат ва фарҳанги динии исломӣ матраҳ шудааст. Муайян шудааст, ки асли дунявият ба андешаи исломӣ бегона набуда, барои замони муосир низ модели хеле мувофиқи таъмин намудани ҳам ниёзҳои диниву эътиқодӣ ва ҳам таъмини пешрафту инкишофи ҷомеа мебошад.

**Калимаҳо ва вожаҳои калидӣ**: асли дунявият; андешаи исломӣ; давлати дунявӣ; фарҳанги исломӣ; идеологияи давлатӣ.

Коркард ва пайдо намудани заминаи назариявию ғоявии ҳамзистии асли дунявияти давлат ва андешаи шаръиву ҳуқуқии исломӣ барои ҷомеаҳои мусулмоннишини замони муосир яке аз талаботҳои муҳими рӯз ба шумор меравад. Тағйиротҳои азими иҷтимоӣ, ки дар рафти ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, пай дар пай зуҳур намудани бӯҳронҳои молӣ, рақобати шадиди кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, густариш ёфтани экстремизму терроризми байналмилалӣ дар ниқобҳои динӣ ва ғайраҳо рӯи кор меоянд, аз кишварҳои исломӣ тақозо менамоянд, ки механизми аз дохил ҳимоя намудани ҳастии худро дар муқобили ин хатарҳои афзояндаи глобалӣ пайдо намоянд. Зеро бе доштани пояи ниҳодии худҳифозатӣ ва мутобиқ шудан ба ин равандҳои тағйирёбанда ҳеҷ фарҳанг ва тамаддуне наметавонад ҳастии худро нигоҳ дорад ва ҳамқадами замон бошад.

Асли дунявият ва модели дунявии давлати миллӣ, ки аз усулҳо ва арзишҳои сиёсиву иҷтимоии хеле пуртаъсири замони ҳозира ба шумор меравад, метавонад чунин механизм ва олоте дар ин равандҳо барои фарҳанги исломӣ бошад. Зеро таҷрибаи солҳои охир аз ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва низоъҳои минтақавии кишварҳои исломӣ нишон медиҳад, ки мутлақгардонии идеологияҳои муайяни мазҳабӣ ва фаҳмишҳои мутафовит аз ин таълимотҳо заминаи аслии нобоварии гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ва авҷ гирифтани хушунат дар онҳо мегардад. Аз ин лиҳоз, модели нави идориеро, ки тавонад баробарии мафкураҳои мухталифро эҷод намуда, фаъолияту ҳамзистии онҳоро таъмин ва эътимоди байниҳамдигарии ин ғояҳоро созгор бошад, пайдо намудан лозим меояд. Ин модели идории иҷтимоиро лозим аст бояд пеш аз ҳама ба зеҳнияти собиқаи давлатдорӣ ва низоми идории ин миллатҳо зиддият надошта бошад ва тағйиротҳои иҷтимоии замони навинро низ мувофиқ бошад.

Чунин модели идории иҷтимоӣ метавонад, принсипи давлатдории дунявӣ бошад, дар сурате, ки меъёрҳои муайяни ҷомеаро мувофиқат кунад. Вале пиёдасозии комили принсипи дунявият ва ба арзиши иҷтимоӣ мубаддал намудани тарҳи он дар ҷомеаҳои мусулмонӣ ба вуҷуди доштани таҷрибаҳои назаррасе дар ин бахш боз мушкилот ва сӯитафоҳумҳоеро доро мебошад, ки сараввал онҳоро дар сатҳи назариявӣ ҳаллу фасл бояд кард. Аз ҷумлаи чунин мушкилотҳо, аввал равшан набудани фаҳмиши «дунявият» ва «давлати дунявӣ» дар ҷомеаҳои мусулмонӣ мебошад. Дар зеҳни ин ҷомеаҳо то ба ҳанӯз дар доираи назария ва доираи шаръи исломӣ усули дунявиятро барғалат бо маънои зиддидинӣ ва зидди исломӣ фаҳмидан ва шарҳ додани иддае аз ғояпардозони динӣ мебошад. [1] Ин фаҳмиши сатҳӣ монеаи ба таври табиӣ ҳазм ва иҷтимоӣ нашудани хусусияти дунявии давлат дар фарҳанги исломии ҷомеаҳои мусулмонӣ гаштааст. Ҳол он,

---

[1] Малащенко А. Исламская альтернатива и исламский проект – Москва, Весь мир, 2006 – С.138

ки дар андешаи исломӣ масъалаи дину дунё ва дунёву охират ҳаргиз аз ҳам ҷудо ва бегонаи ҳам гузошта нашудаанд. Вале шорреҳони зиддияти онҳо дар хусуси он, ки мафҳуми «дунёӣ» ва «дунявият» барои фарҳанги исломӣ бегона нестанд ва дар андешаи исломӣ онҳо мантиқ ва ҷойгоҳи муайян доранд, сарфи назар менамоянд.

Аз ин ҷост, ки дар тайи солҳои охир муқобилгузории тарҳҳои «исломӣ» ва «дунявӣ» яке аз иллатҳо ва пояҳои сар задани бӯҳронҳои сиёсию ғоявӣ ва мунокишаҳои зиёде дар ҷомеаҳои мусулмонишин аз қабили Туркия, Тунис, Покистон, Миср ва ғайраҳо гаштаанд[1].

Вале ба вуҷуди ин ҳама дунявият ва унсурҳои аслии онро дар шаклҳои гуногун ҳамеша дар фарҳанги исломӣ мушоҳида намудан мумкин буд. Унсурҳои дунявияти идорӣ, дунявияти маъмурӣ, дунявияти муқаррарӣ, интихобӣ ва интисобӣ дар олами ислом ҳамеша вуҷуд доштаанд. Дар асли таълимоти исломӣ рад ва маҳкум шудани узлатнишинӣ, гӯшанишинӣ ва охиратпарастӣ ин гуфтаҳоро тасдиқ менамояд. Ҳадиси маъмули «ло раҳбония фи-д-дин», (дар дин гӯшанишинӣ нест) аз ҳамин андеша берун омадааст.

Дар фаҳмиши истилоҳӣ ва маъниофаринии исломии мардуми тоҷик бошад, махсусан дар адабиёти классикӣ мафҳумҳои «диниву дунявӣ », «дунёву охират », «фанову бақо» ва ғайраҳо фақат дар ифодаи маҷозиву эсхотологии онҳо ҷудо омадаанд, вале сирф аз ҳам ҷудо ва ҳаргиз муқобили ҳам нестанд. Онҳо идома ва давоми қонуниятмандӣ ва мантиқии ҳамдигаранд.

Ин ҷахону он ҷаҳон ҳарду якест,
Ҳардуро садде миёни хеш нест.
(Носири Хисрав)

Ё дар андешаи фалсафиву ҷаҳонфаҳмиии гузаштагон, гарчи офаридагори олам берун аз замону макон қарор дошта бошад ҳам, дар тасвири пантеистӣ фақат дар ягонагӣ бо ҳарду олам, ҳам улвӣ ва ҳам дунёӣ, ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ мундариҷаву муҳтаво пайдо мекунад. Ҳастии моддӣ ва дунёӣ аз доираи вуҷуди он берун нест:

Дар ду олам нест чизе ҷуз Худой,
Дар замону дар макону дар макин.
(Носири Хисрав)

Фаҳмишҳои «дин»-у «дунё», роҳу воситаи ба ҳақ расидан дар тафаккури пайравони ирфону тасаввуф боз ҳам наздиктару қаринтар ба чашм мехӯранд. Умумияти солику маслук, обиду маъбуд ва дунёву охират дар тасаввуф хеле аён аст:

Эй ғалаткарда раҳи кӯчаи мо хона якест,
Дар раҳи кӯҳи яқин Қаъбаву бутхона якест.
(Мавлавӣ)

Дунявия ҳамчун унсури идории иҷтимоӣ бошад, дар ҷомеаи мусулмонӣ аз бомдоди он роиҷ аст. Дар замони халифаҳои рошидин ҳарчанд онҳо пешвоёни дин маҳсуб меёфтанд, вале дар пайи корҳои идорӣ ва ҷомеадорӣ аносири дунявиро на камтар аз бардоштҳои динӣ ба назар мегирифтанд. Унсурҳои дунявияти маъмурӣ, интихобӣ ва амалӣ ҳамеша дар он ҷомеаҳо дар тафовут бар аносири динӣ зиёдтар ба назар мерасиданд. Дар замонҳои баъдина бошад, дар давлатдории ҷомеаҳои исломӣ тавозуни дунявият ва диният қариб ҳамеша баробар арзи ҳастӣ менамуд. Ҳамин тариқ, чунончи мушоҳида мешавад, дар масъалаи давлатдорӣ низоми ислом низоми теократӣ нест, худи ҷомеа аст, ки халифа ва пешвои худро интихоб мекунад, то ӯ масоили дин ва дунявии онҳоро куна два ба танзим дарорад. Дар ин маврид фақеҳи муътабари исломӣ Шайх Юсуф Қарзовӣ зикр намудааст: «Ҳоким ва раҳбар ва халифа аз назари ислом намояндаи мардум аст, на намояндаи Худованд. Мардум ӯро интихоб мекунанд ва корҳои ӯро зери назар доранд ва ӯро мавриди муҳосиба ва бозпурсӣ қарор медиҳанд ва ҳар гоҳ зарурат эҷод кунад, метавонанд ӯро барканор намоянд»[2].

---

[1] Ниг.Абдуллоҳи Рањнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ – Душанбе, 2008, - С.114.

[2] Ќарзовї Ю. Фиќњи сиёсӣ – Теҳрон – Эњсон. 1381њ. –С.98.

Вале фаҳмиши «дунявият» чун падидаи зиддидинӣ фақат дар фарҳанги аврупоию масеҳӣ ҷой дошт, ки баъзеҳо инро имрӯз чун падидаи мутлақ меҳисобанд. Зеро дар он ҷо давлати дунявӣ дар муқобили салтанати мутлақи калисои насронӣ, ки дар асрҳои миёна ҳукмронӣ дошта ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, махсусан низоми давлатиро зери назорати қатъӣ гузошта буд, рӯи кор омадааст. Аммо барои фарҳанги исломӣ, чунончи қайд намудем, ин на чандон дуруст аст. Чун дар олами ислом навъи ҳокимият баъди пайғамбар ҳеҷ гоҳ сирф динӣ – теократӣ набуд. Аслан, интиқоли ҳукумат аз тариқи интихобӣ, ки хусусияти дунявӣ дошт, сурат мегирифт. Фаҳмиши давлати дунявӣ дар тайи садсолаҳои охир ба таври ҷиддӣ моҳияташро иваз кардааст. Аз ин рӯ, мафҳуми дунявиятро якмаъно ва якнавохту шахшудамонда қабул кардан мумкин нест. Муҳақиқи тоҷик Ш. Абдулоев дар ин бора қайд менамояд, ки дар як асри гузашта дунявияти моҳиятан наве, на дар Ғарб, балки дар Шарқ рӯи кор омад. Таҷрибаи кишварҳои зиёде, аз қабили кишвари Туркия ва махсусан Ҳиндустон дар ин маврид ҳам барои кишварҳои исломӣ ва ҳам барои дигар кишварҳои Шарқ намунаи хуб шуда метавонад[1]. Намунаи хуби таҷрибаи фаъолияту ҳамзистии давлат ва асли дунявиятро дар ин кишварҳо тайи солҳои маддид метавон мушоҳида намуд. Дар Ҳиндустон, ки ҳанӯз аз солҳои чилуми қарни гузашта далати дунявӣ фаъолият дорад, тайи чандин солҳо ҳаст, ки пеши роҳи бӯҳронҳои сиёсиву мазҳабӣ гирифта шудаанд. Ин кишвар ба вуҷуди гуногунии фазои динияш ва мавҷудияти ду дини сернуфуз, ҳиндуия ва ислом муҳити таҳаммулпарвар ва озоди эътиқодиро ба вуҷуд оварда, пешрафтҳои зиёди илмию техникӣ ва технологиро низ ба анҷом расонидааст.

Сари масъалаи дунявияти давлат ва зарурати он яке аз асосгузорони ҳаракати миллию озодихоҳии Ҳиндустон Махатма Ганди ба ташаннуҷ ва эҳсосияти муносибатҳои динӣ дар ин кишвар бо таъкиди диндории амиқи хеш гуфта буд: «Ман қасами вафодорӣ ба дини хеш хурдаам. Ман ба марг аз барои вай ҳозирам. Давлат ба ин ҳеҷ муносибате надорад. Давлат дар бораи накӯаҳволии дунявии шумо, саломатии шумо, роҳу таровиши шумо, муносибатҳои хориҷӣ, асъор ва ғайра ғамхорӣ мекунад, на дар мавриди дини ману шумо. Ин ташвиши шахсии ҳар шахс аст».[2] Ин суханонро ӯ ҳангоми бадастоварии истиқлолияти кишвари азизаш Ҳиндустон гуфта буд, ки то имрӯз низ аҳамияти амалии худро аз даст надодаанд.

Ҳамин тариқ, дунявият дар ҳеҷ сурат маънои зид ва баръакси ҷомеаи исломӣ ва арзишҳои исломиро надорад, чуноне ки инро баъзеҳо чунин маънидод мекунанд. Мафҳуми принсипи «дунявияти давлат» пеш аз ҳама ба идеологияи ҳоким табдил надодани ҳеҷ гуна мафкураи гурӯҳӣ, аз он ҷумла мафкураи диниро ифода мекунад. Таҷрибаи Тоҷикистон, дар самти сохтани давлати миллӣ бар асоси асли дунявияти давлат маҳз бар ҳамин нукта асос ёфтааст, ки хеле таҷрибаи нодир маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, барои ҷомеаҳои муосири мусулмоннишин коркард ва таҳкими заминаи ақидатии баҳам мувофиқ намудан, наздик сохтан ва таъмини ҳамзистии мафкураи диниву принсипи давлати дунявӣ ҷиҳати таъмини устувори асосҳо, субботу пешрафт ва тавсеаи ғояҳои давлатдорӣ хеле муҳим мебошад.

**Мирзоев Г.Дж.**

**Принцип светскости государства и исламская культура**

В статье рассматриваются проблемы, перспективы и способы реализации принципа светскости государства в исламском обществе и исламской культуре. Определяется, что светский принцип государства не является чужим и не противоречит исламскому мышлению. А

[1] Абдуллоев Ш. Наќши Эмомалї Раҳмон дар пиёдасозии модели нави давлати дунявї.// «Набзи Замон» №2 – Душанбе, 2013с. – С.13

[2] Иќтибос аз: Абдуллоев Ш. Наќши Эмомалї Раҳмон дар пиёдасозии модели нави давлати дунявї.// «Набзи Замон» №2 – Душанбе, 2013с. – С.13

в современной эпохе светская модель управления государства гарантирует одновременно религиозные права верующим и обеспечивает динамичное развитие общества.

Ключевые слова: светский принцип, исламское мышление, светское государство, исламская культура, государственная идеология.

Mirzoev G. J .

**The origin of secularity of state and Islamic culture**

The general aspects of difficulties, opportunities and appearance of the state secularity principles and Islamic culture coexistence foundation are well described in the article. It has been determined that the origin of secularity is not isolated from the essence of Islam and is an appropriate model to meet the people religious needs as well as to foster the society development and improvement.

The key words and terms: the origin of secularity; Islamic thoughts; secular state; Islamic culture; state ideology.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда:

1.Абдуллоев Ш. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар пиёдасозии модели нави давлати дунявӣ.// «Набзи Замон» №2– Душанбе, 2013

2. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ – Душанбе, 2008

3.Малащенко А. Исламская альтернатива и исламский проект –Москва. Весь мир, 2006

4. Қарзовӣ Ю. Фиқҳи сиёсӣ – Теҳрон – Эҳсон. 1381ҳ.

5. Каримов М. Таҳдиди ҷаҳонишавӣ ба фарҳангҳои миллӣ.Минбари халқ, №7 (882); 14.02.2013.

6.http://www.itar-tass. com/ c1 /276420. html.

7. htt://www.islamnews.tj/banned

# СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ДАР РАВАНДИ ДИГАРГУНШАВИИ ҶОМЕА

**А.Ш.Қурбонов**[1]

Имрӯз на танҳо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурии мо, балки пажӯҳишгоҳҳо ва озмоишгоҳҳои илмии кишварҳои дигари олам низ аз нарасидани олимону мутахассисон танқисӣ мекашанд ва бахри ҷалби «зеҳнҳо» миёни кишварҳо рақобати ҷиддие вуҷуд дорад. Омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки заиф гардидани нерӯи зеҳнӣ дар ҷумҳурии мо бо мушкилоти дар ин самт доштаи кишварҳои хориҷ умумиятҳо дошта, ҳамзамон хусусиятҳои хоси худро дорад, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** муассисаҳои илмӣ, неруи зеҳнӣ, олимони соҳибунвон, муҳоҷирати зеҳнҳо,академияҳои соҳавӣ, буҳрони кадрӣ, меҳнати фикрӣ,корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият, амалӣ намудани сиёсати мақсаднок оид ба тарбияи мутахассисон ва кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ барои таъмин намудани талаботи муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат маҳсуб мешавад. Роҳбарияти давлату Ҳукумат хуб эҳсос намуданд, ки дар замони муосир рақобатпазирии давлатҳо бештар аз рӯи имкониятҳои онҳо дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, ки донишҳои навро тавлид ва самаранок амалӣ месозанд, муқаррар мегардад. Дар ин раванд илму дониш ба соҳаи муҳиме табдил меёбад, ки барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд ва меҳнати фикрӣ бошад, ин омили муҳимтарини рушди устувор ва амнияти ҳар як кишвар маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, нерӯи зеҳнии ҷомеа дар ҷаҳони муосир ба ченаки муҳим ва муайянкунандаи рушд табдил ёфта, заиф гардидани он дар мадди аввал ба амният ва истиқлолияти кишварҳо таъсир хоҳад расонд.

Кишварҳои рушдёфта, аз ҷумла ИМА ва кишварҳои аврупоӣ, барои ба даст гирифтани сарвати зеҳнӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, ҷойҳои холии корхонаю озмоишгоҳҳои илмиро аз ҳисоби ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби хориҷиён, яъне муҳоҷирони дорои қобилият ва истеъдод пур мекунанд. ИМА, ки аз шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ шояд огаҳӣ дошт, аллакай соли 1990 қонун дар бораи муҳоҷиратро қабул кард, ки дар он барои муҳоҷирони ба Амрико воридшаванда, хусусан, мутахассисони лаёқатманд имтиёзҳои зиёд, аз ҷумла додани шаҳрвандии Амрико пешбинӣ гардида буд, ки ин барои рӯ овардани теъдоди зиёди муҳоҷирони соҳибмаълумот, аз ҷумла олимони ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ ба ин кишвар мусоидат намуд.

Имрӯз бошад, фазои ягонаи таҳсилот, ки илҳомбахш ва ташвиққунандаи он кишварҳои аврупоӣ ва худи Амрико мебошанд, воситаи хуби пур кардани ҷойҳои холӣ дар пажӯҳишгоҳ ва озмоишгоҳҳои илмии кишварҳои номбурда мебошад. Тибқи талаботи ин низоми таълим, ҷавонони лаёқатманд аз кадом кишваре набошанд, имкон пайдо мекунанд, ки дар Амрико ва дигар кишварҳои аврупоӣ омада, бе ягон мамониат дар муассисаҳои таълимии онҳо таҳсилро идома диҳанд ва барои зиндагию фаъолияти минбаъдаи худ ин кишварҳоро интихоб намоянд. Яъне ҷавононро ба зиндагии хуб тавассути муҳоҷират ҳавасманд месозанд. Аз ин ҳисоб кишварҳое, ки дар ҳолати ақибмонии рушд қарор доранд, зарар мебинанд, зеро ки «зеҳнҳо»-и беҳтарини онҳо дар ҳамин кишварҳо зиндагиро ихтиёр мекунанд ва бояд ёдовар шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин радиф берун нест.

Бо шикасти сохти Шӯравӣ на танҳо дар ҷумҳуриҳои собиқи он, балки дар дигар кишварҳои низоми сотсиалистӣ

[1] Доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 40, Тел.: (+992 37) 227 67 57, (+992) 988 65 00 49

низ муҳоҷирати зеҳнҳо ба дигар кишварҳо оғоз гардид. Масалан, аз Полша-15%, Булғория-10%, Югославия-10% кормандони меҳнати фикрӣ ин кишварҳоро тарк намуданд. Ин нишондод дар худи Россия аз ҳама зиёдтар аст. Чунончи, аз теъдоди 56 фоиз муҳоҷирони баландихтисоси ин кишвар 16% онро номзадҳо ва докторҳои илм ташкил медиҳанд[10, с.167].

Мавриди зикр аст, ки раванди муҳоҷирати зеҳнҳо дар тамоми кишварҳо мавриди таваҷҷуҳи сохторҳои давлатӣ қарор дорад ва барои пешгирӣ намудани он ҳукуматҳо чораҳо меандешанд. Лекин таҳлили масъалаи мазкур собит месозад, ки мақомоти расмии ҷумҳурӣ то имрӯз ба раванди муҳоҷирати зеҳнҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накардаанд ва оид ба ин масъала омори дақиқ вуҷуд надорад.

Тавре маълум аст, дар ибтидои солҳои 90-ум вобаста ба бuҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҷомеаи моро фаро гирифт, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Бар асари ҳодисаҳои сиёсӣ ва дар ин замина, хароб гардидани иқтисодиёт ва фарҳангу маънавиёт, базаи моддӣ-техникии муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ, қудрати интеллектуалии ҷумҳурӣ, ба раванди рушду нумӯи соҳаи илм халали ҷиддӣ ворид гардид, ки албатта, барқарор намудани чунин талафот ва тибқи талаботи замон ба роҳ мондани фаъолияти он, вақту неруи муайянро талаб мекунад.

Замони истиқлолият ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа, зиёд гардидани муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, мактабҳои олӣ ва ба кор даромадани даҳҳо корхонаҳои саноатии дар асоси технологияи навтарин фаъолияткунанда талаботро ба мутахассисон ва шахсиятҳои донишманду соҳибунвон дар ҷумҳурӣ зиёдтар намуд ва дар ин замина, афзудани теъдоди муассиасаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, марказҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ, миқдори кормандони илмӣ низ мантиқӣ ва тақозои замон аст.

Тибқи маълумотҳои Раёсати марказии омори РСС Тоҷикистон ҳангоми ҷамъбасти плани панҷсолаи ёздаҳум (соли 1985) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 58 муассисаи илмӣ (аз ҷумла 12 мактаби олӣ) ба фаъолияти тадқиқотӣ машғул буд, ки дар ин муассисаҳо 8452 нафар мутахассисону муҳақиқиқон ба фаъолияти илмӣ машғул буданд. Аз ин миқдор 2943 нафар дар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, 5118 нафар дар мактабҳои олӣ ва 391 нафар дар дигар ташкилоту корхонаҳо фаъолият мекарданд. Бояд зикр кард, ки аз ҳайати умумии кормандони илмӣ 3550 нафараш занҳо буданд. Дар ин давра миқдори умумии докторони илм 229 нафар (аз ҷумла, занҳо -28 нафар) ва номзадҳои илм 3074 нафар(занҳо-807 нафар)-ро ташкил медод[5, с.2-3].

Дар сохтори Академияи илмҳо бошад, дар ин давра(соли 1985) 18 муассисаи илмӣ фаъолият намуда, миқдори кормадони илмӣ 1514 нафарро ташкил медод, ки аз ин 85 нафар доктори илм ва 656 нафар номзади илм буданд. Теъдоди аъзои Академияи илмҳо (академикҳо ва аъзо-корреспондентҳо) 51 нафарро ташкил медод [Ҳамон ҷо, с.3].

Тибқи маълумотҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010 дар сохтори муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ 83 муассисаи илмӣ, аз ҷумла Академияи илмҳои ҶТ, 3 академияи соҳавӣ, 36 мактаби олӣ ва 43 институтҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ фаъолият менамоянд, ки дар ин муассисаҳо 12 796 нафар фаъолият менамоянд [6, с.9].

Дар ин давра(с.2010), ин нишондод дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ чунин буд: миқдори умумии кормадони илмӣ-12796 нафар, аз ин докторони илм -677 нафар(10,9%), аз ҷумла занҳо-70 нафар(1,28%) ва номзадҳои илм -2279 нафар(35,5%), аз ҷумла занҳо-632 нафар(8,98%), бе унвонҳои илмӣ-4006 нафар(53,7%) [6, с.9].

Тибқи маълумотҳои расмӣ то охири декабри соли 2014 дар Академияи илмҳо теъдоди кормандони илмии штатӣ 773 нафар буда, аз ин 147 нафар доктор ва 275 нафар номзадҳои илм ва шумораи аъзои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 70 нафар (академик-36нафар ва узви вобаста 34нафар) мебошанд[9, с. 252].

Миқдори аспирантҳо дар соли 1985 ҳамагӣ 564 нафар(аз ҷумла занҳо-200 нафар)-ро ташкил медод, ки аз ин 261 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 303 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекарданд[5, с.2-3] ва дар соли 2010 бошад, миқдори аспирантҳо ва унвонҷӯҳо ба 1190 нафар расид, ки аз ин 470 нафар дар шуъбаҳои рӯзона ва 471 нафар дар шӯъбаи ғоибонаи аспирантура ва 46 нафар дар докторантура таҳсил мекарданд[6,с.13].

Ҷадвали муқоисавии миқдори кормандони илмӣ ва илмӣ педагогӣ, ки ба фаъолияти илмӣ машғуланд

| Дар ҷумҳурӣ | с.1985 | с. 2010 |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ<br>аз ҷумла: | 8452 | 12796 |
| докторҳои илм | 229 | 677 |
| номзадҳои илм | 3074 | 2279 |
| аз ҷумла занҳо:<br>докторони илм | 28 | 70 |
| номзадҳои илм | 807 | 632 |
| Академияи илмҳ | 1514 | 1133 |
| аз ҷумла:<br>докторони илм | 85 | 138 |
| номзадҳои илм | 656 | 214 |
| муассисаҳои илмӣ | 1820 | 2233 |
| мактабҳои олӣ | 5118 | 9489 |
| | | |
| аспирантҳо | 564 | 1190 |

Аз ин рақамҳо бармеояд, ки айни замон масъалаи тарбияи кадрҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ ба дастгирии ҷиддӣ ниёз дорад. Теъдоди умумии муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва кормандони илмӣ дар замони истиқлолият афзоиш ёфта бошад ҳам, вале шумораи кормандони соҳибунвон, аз ҷумла номзадҳои илм дар ин давра дар муқоиса ба соли 1985 қариб 800 нафар камтар аст. Инчунин, миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ дар давраи истиқлолият бамаротиб афзуда, аз 13 мактаби олии соли 1991 ҳоло ба 36 адад расид ва шумораи умумии кормандони онҳо қариб 4 ҳазор нафар зиёд гардид, вале теъдоди олимони соҳибунвон дар ин муассисаҳо аз талаботи муқарраргардида камтар аст. Ҳамин тариқ, ин рақамҳо собит месозанд, ки имрӯз муассисаҳои илмӣ тадқиқотӣ, мактабҳои олӣ ва корхонаю ташкилотҳо мутахассисони соҳибунвон ва лаёқатманд ниёзмандии зиёд доранд.

Воқеан ҳам, мушкилоти кадрӣ айни ҳол дар тамоми муассисаю корхонаҳои ҷумҳурӣ эҳсос карда мешавад. Вале паҳлуи дигари масъалаи мазкур он аст, ки теъдоди ашхоси дорои унвонҳои илмӣ, аз ҷумла номзад ва докторҳои илм, профессору академикҳо ҳар сол меафзоянд, лекин болоравии сатҳи дониш, илму технология, рушди захираи зеҳнии мамлакат назаррас нест ва **илм ба як соҳаи камсамар табдил ёфта истодааст.** Ҳол он ки, **илм бояд ба қувваи истеҳсолкунандаи ҷамъият, нерӯи муҳими пешбарандаи он табдил ёбад ва дар рушди иқтисоду фарҳанги кишвар нақши ҳалкунандаро бар душ дошта бошад.**

Аз ин рӯ, дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ зарурияти таҳия ва қабули барномаи махсус оид ба тарбияи кадрҳои илмӣ пеш омад. Зеро дар сурати наандешидани чорҳои фаврӣ ва муфид оид ба ҳалли масъалаи мазкур ва идома ёфтани ҳамин гуна муносибат ба илм, омода намудани кадрҳои илмӣ ва мутахассисони ҷавон, дарояндаи наздиктарин ба бӯҳрони шадиди кадрӣ рӯ ба рӯ гардидани мақомоти давлатӣ,

кафедраҳои мактабҳои олӣ, пажӯҳишгоҳҳои тадқиқотӣ, корхонаю муассисаҳо ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ногузир буд.

Маҳз бо назардошти вазъи мавҷудаи таъмини соҳаи илми ҷумҳурӣ ба олимону мутахассисон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015" аз 2 июли соли 2008 №308 қабул гардид.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз на танҳо муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурии мо, балки тамоми пажӯҳишгоҳҳо ва озмоишгоҳҳои илмии олам аз нарасидани олимону мутахассисон танқисӣ мекашанд ва баҳри ҷалби «зеҳнҳо» миёни кишварҳо рақобати ҷиддие вучуд дорад. Омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки заиф гардидани нерӯи зеҳнӣ дар ҷумҳурии мо бо мушкилоти дар ин самт доштаи кишварҳои хориҷ низ умумиятҳо дошта, ҳамзамон хусусиятҳои хоси худро дорад, ки дар Барномаи зикргардида роҳу василаҳои бартараф сохтани ин мушкилот баён ёфтаанд.

Бояд зикр намуд, ки ҷиҳати таҳким бахшидани кор дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳо андешида шуданд ва ин тадобир барои ҷалби ҷавонон ба илм, аз ҷумла ба аспирантура мусоидат намуданд. Иқдомоти саривақтии Сарвари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба дастгирии олимони ҷавон ва аспирантону унвонҷӯён, аз қабили таъсиси стипендияҳои президентиву ҷоизаҳо, баланд бардоштани стипедия ва таъсиси хобгоҳи махсус барои аспирантон ва ғайра боиси дилгармӣ ва ҳавасмандии олимони ҷавон ба ин касби пурмашаққат ва пурифтихор гардид. Чунончи, баъди ин иқдомоти ҳукумат теъдоди қабул ба аспирантура аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо рӯ ба афзудан овард. Масалан, имрӯз (с.2014) қабул ба аспирантураи Академияи илмҳои ҶТ дар муқоиса ба соли 2001 ду маротиба афзудааст. Аз 101 нафари дар соли 2014 ба аспирантура қабулгардида, 67 нафари он ба Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ мансуб бошанд, 34 нафари он ба Шуъбаи илмҳои биология ва тиб ва Шуъбаи илмҳои физикаву математика, химия, геология ва техникӣ дохил шуданд[9, с.252]. Дар маҷмӯъ, дар соли 1992 теъдоди аспирантҳо дар муассисаҳои гуногуни илмии ҷумҳурӣ ба 500 нафар мерасид ва ин рақам дар соли 2000-ум аллакай ба 839 ва дар соли 2010 бошад, ба 1190 нафар расид(Ниг. 6, с.7-13).

Ҷаҳони имрӯза бо равандҳои ҷаҳонишавӣ рақобати давлату миллатҳоро дар фазои сиёсию фарҳангӣ боз ҳам шадидтар месозад ва дар ин рақобат, бешубҳа, афзалият ба ҷониби давлату миллатест, ки ҷавонони ташаккулёфта ва дорои тафаккури пешқадами илмию техникӣ дошта бошад. Саволе ба миён меояд, ки имрӯз сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти ҷавонони мо дар кадом поя қарор дорад? Оё ҷавонони мо ҳамчун қишри бомаърифату равшанфикр метавонанд пешоҳанги ҷомеа бошанд, илму техникаи ватаниро ба оламиён муаррифӣ намоянд ва дар лаҳзаҳои барои миллату давлат душвор рисолати аслии хешро иҷро кунанд?

Бояд зикр намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими замони муосир ин **дигаргунии куллӣ дар менталитет, тафаккур ва назари ҷавонон ба арзишҳои маънавӣ** мебошад. Тамоилҳои имрӯзаи рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар тафаккур ва назари ҷавонон оид ба арзишҳо дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овардаанд. Ҷавонони муосир роҳҳои сабуктари зиндагиро ҷустуҷӯ менамоянд ва муносибати онҳо ба илм, ки соҳаи хеле ҳам заҳматталаб мебошад, чандон умедбахш нест. Аз ин рӯ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои илмӣ дар тамоми кишварҳо аз сабаби ба илм таваҷҷуҳ надоштани ҷавонон мушкили кадрӣ доранд. Сарфи назар аз он, ки дар кишварҳои рушдёфта маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва маориф хеле баланд аст, лекин теъдоди ками ҷавонон ба ин соҳаи заҳматталаб таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки ин тамоил характери умумиҷаҳонӣ гирифтааст. Аз ин рӯ, роҳбарони вазоратҳо ва муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олиро зарур аст, ки барои нигоҳдорӣ ва рушди захираи зеҳнӣ дар ҷумҳурӣ чораҳои судманд андешанд,

барои ба соҳаи илм ва таълиму тарбия ҷалб намудани ҷавонон аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Жукова Ю. О. Современные миграционные процессы в сфере интеллектуального труда: социологический анализ. Автореф. дисс. канд.соц.наук. - М.,2001.

2.Илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2005.

3. Қурбонов А.Ш. Илм ва низоми идораи он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: «Ирфон», 2014.

4.Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2010 году / Аналитический сборник / Выпуск 6. - Душанбе 2012.

5.Научные учреждения и научные кадры, дошкольные, внешкольные, культурно-просветительные учреждения и печать Таджикской ССР в одиннадцатой пятилетке / Статистический сборник. – Душанбе, 1986.

6.Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2010 году / Аналитический сборник. Выпуск 6. – Душанбе, 2012.

7.Образование в Таджикской ССР // Статистический сборник. –Душанбе, 1989.

8.Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012. -Душанбе, 2013.

9. Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014.-Душанбе, 2015.

10.Школьников В. Эмиграция высоко квалифицированной рабочей силы из бы вшего СССР:типы, возможные последств ия, причины и воздействие на политику // Сб.к: Утечка умов: потенциал, проблемы, перспективы / Ред. Ж.А. Зайончковская, Дж.Р.Азраэл. -М., 1993.



**А. Ш. Курбонов**


### Государственная политика в сфере подготовки научных кадров в процессе трансформации общества


Сегодня не только научно-исследовательские учреждения и высшие учебные заведения нашей республики, также все исследовательские институты и лаборатории стран мира ощущают нехватку ученых и специалистов, и для привлечения «интеллектуалов» между ними существует серьезная конкуренция. Изучение данного вопроса показало, что ослабление интеллектуального потенциала в нашей республике имеет общее с существующими проблемами в этой области у зарубежных стран, что также имеет свои особенности, которые в этой статье были проанализированы.



**Ключевые слова:** научные учреждения, интеллектуальный потенциал, высококвалифицированный специалист, утечка мозгов, отраслевая академия, кадровый кризис, умственный труд, научно-исследовательские работы.



**A. SH. Qurbonov**


### STATE POLICY IN THE FIELD RESEARCH TRAINING IN CONDITIONS OF SOCIETY TRANSFORMATION


Today, not only scientific institutions and universities of our country, and all research institutes and laboratories of the world there is a shortage of scientists and specialists, and to attract «intellectuals» in between there is a serious competition. The study of this issue has shown that the weakening of the intellectual potential in our country has to do with the existing problems in this area in other countries, also has its own characteristics, which in this article were analyzed.



**Keywords:** scientific institutions, intellectual potential, highly qualified specialist, the brain drain, industrial academies, personnel crisis, intellectual work, research work.

# СОСТОЯНИЕ НАУКИ И НАУЧНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

З. Т. Абдуллаева[1]

С приобретением независимости Республика Таджикистан столкнулась с социальными, политическими и экономическими проблемами, связанными с началом гражданской войны и политической нестабильностью в республике, впоследствии все это оказало негативное влияние на развитие сфер образования и науки в стране. Продолжение гражданской войны, отток из страны квалифицированных специалистов, особенно научных кадров, низкий уровень финансирования отраслей науки и образования в целом отрицательно повлияло на систему образования. Вследствие чего был нанесен огромный ущерб, сформировавшемуся в советский период, научному потенциалу стране, который проанализирован в данной статье.

**Ключевые слова:** научные институты, интеллектуальные силы, точные науки, кризис науки, научные работы, фундаментальные исследования.

Необходимо отметить, что с первых дней независимости Правительство Республики Таджикистан наряду с осуществлением государственной политики по прекращению гражданской войны, установления мира и согласия в стране, предпринимало правовые и другие необходимые меры с целью укрепления и поэтапного создания условий, необходимых для эффективного функционирования научных учреждений.

Разумеется, в тот период, когда еще в отдельных регионах страны продолжались боевые столкновения, социальные проблемы и отсутствие безопасности препятствовали полной и эффективной работе государственных органов, в том числе и научных учреждений. Наряду с этим, из-за низкой оплаты труда работников образовательных учреждений большинство учителей и научных сотрудников были вынуждены оставить свои профессии и перейти на другие работы, которые считались по тогдашним меркам наиболее прибыльными. Государственный бюджет страны имел очень ограниченные возможности, а экономическое состояние научных центров и исследовательских институтов требовало принятия необходимых мер, поскольку кроме ограниченных государственных у них отсутствовали другие альтернативные источники доходов. Используя политическую нестабильность в стране, отдельные преступные и незаконные вооруженные формирования были втянуты в незаконные сделки, основная суть которых заключалась в нелегальной реализации и ограбления государственных имуществ научных центрах и различных образовательных учреждениях(4, с.10). Особенно, такая неблагоприятная ситуация оказывала разрушительное влияние на общее состояние дел в сфере точных наук. Даже в 1997 – 1999 годы многие работники исследовательских институтов, расположенных на территории академического городка столицы республики, придя на работу, не могли чувствовать себя в безопасности, так как эти центры многократно подвергались нападению и ограблению со стороны вооруженных лиц и групп. Были случаи, когда по отношению к научным работникам устраивались всякие незаконные допросы и проверки со стороны этих же лиц.

Другой фактор, препятствующий нормальному функционированию высших учебных заведений и научных исследовательских центров заключалась в том, что в тот момент в стране ощущалась острая нехватка квалифицированных педагогических и научных кадров. В результате политического противостоя-

[1] Соискатель кафедры общественных наук ТГИИ имени М. Турсунзаде 734032, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 73 А. тел.:(+992 37)231-13-51), (+992)938964284

ния тех лет многие ученые и квалифицированные кадры вынужденно покинули страну. На этот счет, по сей день отсутствует точная статистика. Однако тот факт, что сегодня в научных заведениях страны в сравнении с советским периодом не хватает около 800 научных кадров говорит о серьезности кадровой потери, связанной с массовым уходом квалифицированных научных кадров из страны в постконфликтном периоде истории независимого Таджикистана [3,с.45]. Все это в совокупности, были основными факторами, препятствующими эффективному функционированию научно- исследовательских и образовательных учреждений страны в первые годы ее независимости.

Несмотря на это, руководство страны ученые и ответственные лица научно- исследовательских центров прилагали немало усилий для подготовки квалифицированных кадров и обеспечения нормального и желаемого научного функционирования высших учебных заведений и научно-исследовательских институтов. Благодаря сохранению добрых научных связей между научными центрами республики и Российской Федерации российские ученые оказывали посильную помощь своим таджикским коллегам в деле подготовки, презентации и защиты научных диссертаций.

Вместе с тем следует отметить, что несмотря на нестабильную и уязвимую политическую обстановку в стране были приняты и ратифицированы отдельные межгосударственные соглашения в области науки. В том числе, 13 марта 1992 года в городе Москве между 12 бывшими советскими республиками (за исключением прибалтийских республик) было подписано «Соглашение о научно - техническом сотрудничестве между государствами членами Содружества Независимых Государств (СНГ)». Необходимо отметить, что вышеназванное соглашение являлось первым официальным документом, подписанным между вновь созданными независимыми государствами в области научно-технического сотрудничества в условиях независимости бывших советских республик. На базе этого документа 15 мая того года в городе Ташкенте представителями 12 бывших советских республик, был подписан «Протокол об утверждении регламента межгосударственного Совета по научно-техническому сотрудничеству». Подписание данного документа сыграло важную роль в деле проведения фундаментальных исследований, подготовки научных и педагогических кадров, защиты интеллектуальной собственности нации, информационного и научно-технического обмена между членами СНГ.

Этот временной отрезок был периодом, когда иностранные средства массовой информации, в основном, были заняты вопросами освещения вооруженных столкновений между правительственными войсками и силами таджикской оппозиции. С точки зрения иностранной прессы того периода, Таджикистан представлялся внешнему миру как серьезный источник распространения терроризма и место кровопролития. В таком важном и трудном историческом периоде перед руководством и правительством страны стояла непростая задача, которая заключалась в том, чтобы изменить и улучшить политический и экономический имидж страны на международной арене в лучшую сторону. С этой целью руководителем страны Эмомали Рахмоном было поручено тогдашнему Совету министров республики организовать и провести совместное межгосударственное таджикско - американское заседание по вопросам науки, экономики, культуры и образования. Согласно поручению Председателя Верховного Совета Таджикистана с 28 сентября по 8 октября 1993 года в Душанбе прошло первое совместное межгосударственное таджикско-американское заседание по вопросам науки, экономики, культуры и образования. Стоит отметить, что это было одним из первых важных культурных мероприятий независимого Таджикистана, в котором приняли участие представители многих дальних и ближних зарубежных стран. Благодаря этому мероприятию, международной общественности и мировому сообществу была донесена точная и объективная информация о состоянии развития науки, образования и экономики Республики

Таджикистан. Мировому сообществу стало известно, что, вопреки существующим политическим и экономическим трудностям, Таджикистан уверенно стремится по пути политического, культурного и экономического развития, а его трудолюбивый народ прилагает огромные усилия для строительства нового конституционного строя и укрепления мира и национального согласия.

После проведения этого мероприятия, с целью привлечения квалифицированных иностранных ученых и специалистов и укрепления сотрудничества в области науки, 15 ноября 1993 года было принято постановление Совета Министров Республики Таджикистан «О создании Международного центра космических исследований при Академии наук».

Создание этого Международного центра имеет большое значение в деле сохранения, восстановления и дальнейшего обеспечения деятельности исследовательской космической станции Акархар, расположенной на территории Горно Бадахшанской автономной области Таджикистана. Необходимо признать, что принятие подобных важных решений было очень своевременным и полезным, поскольку этим был заложен прочный фундамент для представления таджикской науки на мировой арене и укрепления дальнейших международных научных связей между Таджикистаном и различными зарубежными странами.

В этот период также были приняты постановления Совета Министров Республики Таджикистан «О создании института мировой экономики и международных отношений Академии наук Республики Таджикистан» от 12 марта 1993 года № 113, «О создании при Академии наук государственного хозрасчетного научно-производственного предприятия по разведению ядовитых змей и производстве лекарственных средств на основе змеиного яда» от 6 июля 1993 года, №324, которые в целом способствовали дальнейшему развитию этих отраслей в стране.

Следует отметить, что посещение президента страны Академии наук Республики Таджикистан (1996 г.), его успешные встречи, проведенные с научным коллективом флагмана науки нового независимого Таджикистана стали своеобразной перспективной программой действия для всего научного состава Академии наук и других научно исследовательских центров республики. Президент страны Эмомали Рахмон в ходе встречи и открытой беседы с представителями различных научных кругов, обсуждал основные проблемы, стоящие перед наукой и научно исследовательскими институтами страны. Одна из главных задач, поставленной главой государства перед Академией наук республики, как ведущей научной организации, заключалась в обеспечении надежной эффективной деятельности научных и образовательных центров, отвечающих требованиям современного мира. Ибо, XXI-й век представляет собой век ускоренного развития науки и техники, новых технологий, появления все новых высоких горизонтов науки и серьёзных научно технических преобразований во всем мире.

Необходимо отметить, что во времена Советского Союза система управления наукой была централизованной и управлялась Москвой посредством Государственного комитета по науке и технике и Государственной высшей аттестационной комиссией (ВАК) при Совете Министров СССР. После распада Советского Союза для организации и управления наукой и подготовки квалифицированных кадров в различных научных и образовательных сферах, во всех бывших советских республик были реорганизованы соответствующие государственные структуры в новые «министерства науки и образования» или «комитеты по науке и технологиям». С целью инспекции и координации подготовки научных и научно-педагогических кадров и присвоения научных степеней во всех республиках были организованы национальные государственные аттестационные комиссии.

В период независимости, в соответствии с законодательством эти функции координаторов науки были переданы в компетенцию Академии наук Республики Таджикистан. Для этого в этот период были приняты ряд поручений и указов Президента, постановлений Маджлиси

намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, постановлений и распоряжений Правительства Республики Таджикистан, которые положительно повлияли в организации, управлении и эффективного использования науки и интеллектуальных ресурсов страны в условиях независимости. В том числе, Закон Республики Таджикистан «О науке и государственной научно-технической политике» (1998), Закон Республики Таджикистан «Об Академии наук Республики Таджикистан» (2002), постановлений Правительства Республики Таджикистан «О Совете по координации научно- исследовательских работ в области естественных, технических, медицинских, гуманитарных и общественных наук» от 18 июля 1996 года, №331; «О создании аттестационной комиссии Республики Таджикистан по аттестации научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации» от 1 сентября 1997 года, № 395; «О реформировании системы финансирования науки» от 22 августа 1998 года, № 384; «О концепции государственной научно-технической политики Республики Таджикистан» от 15 марта 1999 года, №87; «Об утверждении порядка государственной аккредитации научных учреждений» от 3 февраля 2000 года, № 54 и др.

Следует отметить, что принятые нормативно-правовые акты в этот период (до 2000 г.г.), оказали комплексное благоприятное влияние на организацию и управление науки и научных учреждений, координации научных тем финансируемой государством во всех научно-исследовательских, образовательных и педагогических центров республики. На основе принятых нормативно-правовых актов научно-исследовательские учреждения и высшая школа постепенно адаптировались к новым процессам, и внесли весомый вклад в устойчивое развитие различных отраслей экономики, социальной и культурной жизни республики.

## АДАБИЁТ


1.Вестник Министерства образования Республики Таджикистан // Некоторые нормативные документы высшей школы.-Душанбе, 1996.

2.Илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2005.

3.Қурбонов А.Ш. Илм дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2013) // Набзи замон. Маҷаллаи илмии МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «ЭР-граф», 2013, №3.

4.Қурбонов А.Ш. Илм ва низоми идораи он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, “Ирфон”, 2014.

5.Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2010 году./Аналитический сборник. Выпуск 6. – Душанбе, 2012.

6.Научные учреждения и научные кадры, дошкольные, внешкольные, культурно-просветительные учреждения и печать Таджикской ССР в одиннадцатой пятилетке./Статистический сборник. – Душанбе, 1986.

7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20 апрели соли 2012.

8. Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004. -Душанбе, 2005.

9. Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012.-Душанбе, 2013.



**З.Т. Абдуллоева**


### Вазъи илм ва муассисаҳои илмӣ дар замони Истиқлолият

Бо фарорасии истиқлолият, ки ҷумҳурӣ ба ноорамиҳои сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид, дар баробари мушкилоти дигар, барои фаъолият ва истифодаи самараноки илм низ масоили ҳалталаби зиёд ба миён омаданд. Идомаи ҷанги шаҳрвандӣ, тарки ҷумҳурӣ намудани теъдоди муайяни олимону мутахассисон, сатҳи пасти маблағгузории соҳаи мазкур фаъолияти мунтазам ва самараноки макотиби олӣ ва муассисаҳои илмиро халалдор сохта, ба хароб гардидани захираи зеҳнии ҷумҳурӣ мусоидат намуданд, ки дар мақолаи мазкур аз ин боб сухан меравад.

**Вожаҳои калидӣ**: муассисаҳои илмӣ, нерӯи зеҳнӣ, илмҳои дақиқ, бӯҳрони илм, рисолаҳои илмӣ, тадқиқотҳои бунёдӣ.

Z.T. Abdulloeva

## SCIENCE AND RESEARCH ORGANIZATIONS DURING OF INDEPENDENCE

With acquisition independence Republic of Tajikistan ran into social, political and economical problems, connected with beginning of civil war and political instability in Republic of Tajikistan Thereafter they rendered negative effect in development of education and science in Republic of Tajikistan. Continuation civil war drained the qualified specialists of the country, especially scientific personnel. Low level financing fields of science and education negatively influenced the system of education. All of these brought huge damage to scientific potential which was formed in soviet period development of science. For all of these and other problems connected with these subject goes speech in this article.

**Keywords:** scientific institutions, intellectual ability, science, the crisis of science, scientific work, fundamental research

# ҲАЁТ ВА ФАОЛИЯТИ ИЛМИИ АБУЛМУИНИ НАСАФӢ

М.З. Эшонхонов[1]

Муаллиф дар ин мақола ҳаёт ва фаолияти илмии Абулмуини Насафиро, ки яке аз донишмандон ва мутакаллимони барҷастаи миллати тоҷик буда, дар равнақ ва густариши мактаби каломии таҳаммулгарои «мотуридия» нақши бориз ва беназиреро иҷро кардааст, мавриди таҳлил қарор додааст. Ақидаҳои солим ва созандаи мактаби каломии мотуридия дар натиҷаи фаъолияти илмии Насафӣ рушду равнақи бештаре пайдо кардааст.

**Вожаҳои калидӣ**: калом, тамаддун, мотуридия, мутакаллим, мӯътазилия, хориҷия.

Ташаккулёбии андешаи каломӣ ва фалсафии мардуми Осиёи Марказӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаолияти илмӣ, фалсафӣ ва фарҳангии гузаштагони мо, аз он ҷумла Абӯмансури Мотуридӣ ва шогирди ӯ Абулмуини Насафӣ(418ҳ-508ҳ) вобастагии зич дорад.

*Чун дар асри имрӯз омӯзиши илми калом ва эътиқоди солим барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хусусан ҷомеаи мо дорои аҳамияти зиёд мебошад, аз ин рӯ бояд пажуҳишҳое ба анҷом расад, ки дарки дурусти масъалаҳоро дар муносибат бо каломи аҳли суннат ва ҷамоат ба вуҷуд оварад. То ҷомеаи имрӯзи мо, хусусан ҷавонони моро аз ҳама равияҳову мазҳабҳои бегона ҳифз намуда, онҳоро дар партави як мактабу мазҳаб ба ҳам оварад ва ҷудоиву тафриқаро аз байни онҳо дур созад, то ваҳдати миллӣ ва динии моро бардавом нигоҳ дорад.*

Тоҷикон аз оғоз то кунун дорои фарҳанг ва тамаддуни пурғановат буда, намунаҳои фикрӣ ва маънавии он ҳамчун ҳалқаҳои ба ҳам пайвастаи як занҷири мустаҳками маданияти ҷаҳонӣ арзи вуҷуд дорад. Ҳар як ҳалқаи он тавассути мутафаккирону донишмандони гузаштаи мо, бо истифода аз ганҷинаи бойи мавҷуда нерӯманд гардидааст. Дар байни фарзандони фарзонаи миллати тоҷик Абулмуини Насафӣ, ки яке аз мутакаллимон ва илоҳиётшиносони ҷаҳони ислом маҳсуб гардида, дар равнақ ва густариши андеша ва осори Абӯмансури Мотуридӣ, ки ӯ муассиси яке аз ду мактабҳои каломии аҳли суннат ва ҷамоат мебошад, саҳми бориз ва чашмрасе дорад. Абӯмансури Мотуридӣ онро аз фақеҳ ва олими машҳур, пешвои мазҳаби ҳанафия - Имоми Аъзам Абӯҳанифа (80ҳ-150ҳ) бо се ё чаҳор восита ба мерос бурдааст. Дар ин замина пойдевори асосии илмиро Имоми Аъзам Абӯҳанифа гузошта буд.

Аммо, саҳми Абулмуини Насафӣ дар инкишофи фалсафа ва каломи Мовароуннаҳр то ҳол мавриди шиносоии пурра қарор нагирифтааст ва пажӯҳишҳои илмӣ нисбат ба он ба чашм намерасад. Таҳқиқот ва баррасиҳое нисбати ду абармарди тоҷик – Имоми Аъзам Абӯҳанифа ва Абӯмансури Мотуридӣ, аввалӣ аз ҷониби бисёр донишмандони дохилию хориҷӣ маҳалли таҳқиқ қарор гирифта буд. Аммо, яке аз дигар бузургони миллат Абулмуини Насафӣ то кунун ба аксари ин миллат бегона боқӣ монда, ягон кори илмӣ ва таҳқиқоту пажӯҳишҳои комиле дар мавриди ҳаёту фаолият ва осори илмии ин шахсияти варзида ва донишманди миллати тоҷик ба анҷом нарасидааст. Аз ин рӯ, барои пур кардани ин хало тасмим гирифта шуд, то ҳаёт ва фаъолияти илмии Абулмуини Насафӣ маҳалли таҳқиқ қарор гирад.

Ҳаёт ва фаолияти эҷодии Абулмуини Насафӣ дар замони қудрати сиёсии сулолаи Сомониён, ки авҷи давраи ташаккули фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик буд, сипарӣ гаштааст. Дар ин давра илму фарҳанги тоҷик ба мартабаҳои баланди шукуфоии хеш расида буд ва мактабу фирқаҳои гуногун барои пешрафти он хидмат менамуданд, ки машҳуртарини

[1] Аспиранти шӯъбаи рӯзонаи фалсафаи дин ва диншиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ

онҳо: мазҳаби фиқҳии ҳанафӣ, мактаби каломии мотуридия, равияи фалсафии машшоия, фирқаҳои муътазиливу мурҷиа, тасаввуфу аҳли тариқат ва ғайра ба шумор мерафтанд. Бешак, ин воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таълимоту ғояҳои фалсафию каломии ин фирқаҳо дар ҷаҳонбинии Абулмуини Насафӣ таъсири худро гузошта буд.

Дар китобҳои таърихӣ ва сарчашмаву таҳқиқотҳои донишмандон, санаи таваллуди Абулмуини Насафӣ мушаххасан зикр нагаштааст. Танҳо Хайриддини Зириклӣ дар китоби «Ал-аълом»-и хеш баён кардааст, ки Абулмуини Насафӣ дар соли 418ҳ мутобиқ ба 1028 м дар Самарқанд ба дунё омадааст.[1] Ибни Қутлубуғо бошад дар китобаш бо номи «Тоҷу-т-тароҷим» навиштааст, ки Абулмуини Насафӣ дар соли 508ҳ мутобиқ ба 1115 м дар синни 70 солагӣ вафот намудааст.[2] Дар ин ҳангом соли таваллуди Абулмуини Насафӣ ба 438ҳ рост меояд. Аз ҳамин сабаб аксари муҳаққиқон қавли Ибни Қутлубуғоро таъйид ва ихтиёр намудаанд.

Дар бораи хонадони Насафӣ танҳо ҳамин қадар медонем, ки онҳо хонадони барҷаста ва илмӣ буданд. Зеро Абулмуини Насафӣ китоби «Ал-олим вал- мутааллим»-и Абӯҳанифаро аз падараш Муҳаммад ривоят кардааст. Ва Абумутиъ Макҳул ибни Фазли Насафӣ бобои чаҳоруми Абӯмуин, аз машоҳири уламои ҳанафӣ аст ва ба далели ҳамин шӯҳрати ӯ Абулмуинро Макҳулӣ низ лақаб додаанд. Макҳул ибни Фазл шогирди Яҳё ибни Муоз ва Муҳаммад ибни Кироми Сиҷистонӣ буд. Ва аз бузургоне чун Абусулаймони Ҷузҷонӣ, Абдуллоҳ ибни Аҳмади Ҳанбал, Абуисо Тирмизӣ ва ғайраҳо ҳадис шунавида ва китобҳое чун «Аш-шуо» ва «Луълуъёт» доштааст.[3] Дар ин маврид Абдулҳаййи Лакнавӣ ҳам дар китоби хеш менависад: Аммо, бобои онҳо (Абулмуини Насафӣ ва бародаронаш) Макҳул ибни Фазли Насафӣ соҳиби китоби «Луълуъёт» ва « Аш-шуоъ» фиқҳро аз Абусулаймон Мусои Ҷузҷонӣ соҳиби Муҳаммад ибни Ҳасан (ваф 380ҳ) он касе, ки аз Абӯҳанифа (р) дар бораи рафъи дастон дар рукӯъ дар китобаш бо номи « Аш-шуоъ» ривоят намудааст.»[4]

Номи пурраи Абулмуинро муҳаққиқон чунин баён намудаанд:

Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Мӯътамад ибни Муҳаммад ибни Макҳул Макҳулии Насафӣ- мутакаллим, фақиҳ ва донишманди барҷастаи ислом мебошад, ки бо лақаби Абулмуини Насафӣ машҳур аст.[5] Ӯ яке аз чеҳраҳои намоёни мотуридия ва инчунин яке аз мутафаккирони барҷаста аз оилаи насафиҳост. Замони зиндагии ӯ яке аз даврахои муҳими мактаби каломии мотуридия мебошад. Доктор Фатҳуллоҳ Халиф мегуяд: « Имом Абулмуини Насафӣ яке аз бузургтарин шахсиятҳое мебошад, ки барои нусрату интишори мактаби Имом Мотуридии Самарқандӣ саҳми бориз гузоридааст. Ӯ барои мазҳаби мотуридӣ ба монанди Боқилониву Ғаззолӣ дар мазҳаби ашъарист.»[6] Инчунин суханони болоро яке аз олимони шинохтаи тоҷик профессор Абдулвоҳид Шамолов таъйид намуда дар китоби хеш навиштаанд: « Абулмуини Насафӣ яке аз бузургтарин пайравони Мотуридӣ буда, вай дасти ёрӣ ба мактаби «мотуридия» дароз кардааст. Абулмуини Насафӣ дар байни ҷонибдорони мактаби «мотуридия» ҳамон мақомеро дорад, ки Боқилонӣ ва Ғаззолӣ дар мактаби «ашъария» доштанд. Бидуни шакку шубҳа «Табсират -ул-адилла»- ӯ , ки дар соли 1990 дар Димишқ ба табъ расида буд, дуввумин манбаи мактаби «мотуридӣ» баъд аз « Китоб-ут-тавҳид»-и худи Абӯмансури Мотуридӣ ба шумор меравад.»[7]

Абулмуини Насафӣ насаби мутафаккир буда, дар иртибот ба зодгоҳаш гирифта шудааст. Самъонӣ навиштааст, ки

---

[1] Хайриддини Зириклӣ «Аълом» нашри 15 китобохонаи «Малойин» Бейрут, Лубнон с. 2002 ҷ.7 – С.341

[2] Зайниддин ибни Қосими Қутлубиғо. «Тоҷу-т-тароҷим фи табақоти ҳанафия» С. 58.

[3] Фатҳуллоҳ Халиф дар таҳқиқи «Тавҳид»-и Абумансури Мотуридӣ – С.5-6

[4] Абдулҳаййи Лакнавӣ . Ал-фавоилд-л-баҳия фи тароҷими ҳанафия. Миср .«Саодат».1324ҳ. - С. 216

[5] Исмоилпошшои Бағдодӣ «Ҳадят-ул-орифин» Истамбул 1951с -ҷилди 2 - С. 487

[6] Фатҳуллоҳ Халиф дар таҳқиқи «Тавҳид»- Абӯмансури Мотуридӣ - С. 6-7

[7] Шамолов А А « Каломи Мовароуннахр» Душанбе «Дониш» 2013с - С. 258

«Насафӣ - ин нисбатест ба шаҳри Насаф, ки яке аз шаҳрҳои Мовароуннаҳр буда, баъзеҳо онро Нахшаб ҳам гуфтаанд.[1] Аз ин шаҳр донишмандону мутафаккирони зиёде баромада барои пешрафти илму фарҳанги миллӣ ва динии мо хидматҳои намоён кардаанд. Инро Муҳиддин Абӯмуҳаммади Қаршии Ҳанафӣ низ дар китоби хеш зикр намудааст. [2]

Абулмуин Насафӣ дар Бухоро ва Самарқанд умр ба сар бурда, асарҳои бебаҳо гузоштааст. Яке аз шогирдони машҳури ӯ Аловуддин Самарқандӣ, Нуриддин ас-Собунӣ, Начмиддин Абуҳафс ан-Насафӣ ва Иброҳим Саффор Бухорӣ мебошанд. Асарҳои Абулмуин Насафӣ аксаран ба илми калом тааллуқ дорад. Яке аз асарҳои машҳури ӯ дар илми калом ин «Табсират-ул-адилла» мебошад, ки дар мақому моҳият яке аз манбаъҳои мактаби каломии мотуридӣ ба ҳисоб меравад. Ин китобро муҳаққиқон дар мақоми дуввум баъди китоби «Тавҳид»-и худи Абӯмансури Мотуридӣ қарор медиҳанд. Инчунин китоби машҳуре, ки дар асрҳои баъдӣ аз тарафи шогирди машҳури ӯ Умари Насафӣ бо номи «Ақоиди насафия» таълиф гардидааст, аз ҳамин китоби мазкур ба таври мухтасар навишта шудааст.

Асари «Баҳру-л-калом фи илми-л-калом» яке аз дигар асарҳои машҳури ӯ дар илми калом буда, дар асоси мактаби Имом Мотуридӣ навишта шудааст.

Инчунин ду асари дигари муаллиф бо номҳои «Ат-тамҳид ли қавоиди-т-тавҳид» ва «Изоҳу-л-маҳаҷати ли кавни-л-ақли ҳуҷҷатан» дар илми калом таълиф гардидаанд.

Азбаски ӯ дар илми фиқҳ ҳам яке аз чеҳраҳои намоёни мазхаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа буд, дар ин ҷода ҳам якчанд китобҳоеро аз худ боқӣ гузоштааст. Ба монанди китоби «Шарҳу-л-чомеъу-л-кабир ли-ш-Шайбонӣ фи фуруъ», «Ал-умда фи усул-ил-фиқҳ» ва «Ал-олим ва-л-мутааллим».

Имом Насафӣ дар асрҳои миёна машҳур гашта, асарҳои дастнависи ӯ дар айни замон нусхабардорӣ гардида дар китобхонаҳои Дубай, Димишқ, Бағдод, Қоҳира ва Искандария маҳфуз аст.

Имом Насафӣ шахсияти парҳезгор, фақеҳ, муҳаддис, мутакаллим буд ва бо далелҳои қотеъ аз фикру ақидаи аҳли салафро (шахсиятҳое, ки дар се асри аввали ислом зиндагӣ карданд ) ҳимоят мекард ва онро далелу ҳуҷҷатҳои равшан баён месохт. Ӯ бар зидди аҳли муътазила, чаҳмия, рофизия, хориҷия ва ғайра мухолиф буда, ботил будани ақидаҳои онҳоро бо далелҳои саҳеҳу ҳуҷҷатҳои ақлӣ исбот мекард.

Абулмуини Насафӣ дар соли 508 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1114 мелодӣ аз олам чашм пӯшидааст. Ҳоло қабри ӯ дар ҳудуди Ӯзбекистони имрӯза дар вилояти Қашқадарё , дар маҳаллаи Ковчин буда, мавриди зиёрати хосу оми мусулмонон қарор дорад.

Дар миёни аҳли суннат ва ҷамоати Мовароуннаҳр Имом Абулмуини Насафӣ яке аз нахустин донишмандоне буд, ки рӯй ба илоҳиётшиносӣ ва илми калом пардохта, мактаби расмии каломро,яъне мактаби «мотуридия»-ро тарвиҷу шарҳу баён дод. Вай барои дифоъ аз ин ақидаи солим илми каломро дар муқобили фирқаҳои бидъатгузори замони хеш истифода намуда, дар радду бадали онҳо пардохт.

Абулумини Насафӣ дар пайравӣ аз низоми мактаби мотуридӣ, ки дар асоси мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа бунёд гашта буд, ба хотири дифои андешаи аҳли суннат ва ҷамоат даст ба ковиши ҷадиде зад. Ӯ кушиши зиёде ба харҷ дод то илми каломро бо бурҳону далели шаръию ақлӣ исбот намуда онро аз тамоми хурофоту бидъатҳо ҳифз намояд. Бо ин роҳу равиш ӯ мехост ин сарзамини аҷдодии моро аз таъсири фирқаҳои ифротгаро ба монанди мӯътазиливу дигар фирқаҳо ҳифз намуда, барои амнияту суботи сулолаи давлати Сомониён хидмате намуда бошад.

Қобил ба зикр аст, ки Абулмуини Насафӣ ҳамчун тарвиҷдиҳандаи андешаву каломи Абӯмансури Мотуридӣ шинохта мешавад, ки ӯ дар ин самт

---

[1] Самъонӣ « Ал-ансоб» Бейрут, «Ҷинон» 1988 с ҷилди 5 - С. 487-488

[2] Муҳиддин Абӯмуҳаммади Қаршии Ҳанафӣ. « Ҷавоҳир-ул-музия фи табақоти ҳанафия» таҳқиқи доктор Абдулфаттоҳ Муҳаммад ҷилди 4 - С.328

корнамоиҳои намоёне анҷом дода китобҳои зиёди каломиро таълиф намудааст. Албатта мавриди зикр аст, ки китоби каломии Абулмуини Насафӣ, ки бо номи «Табсират-ул-адилла» машҳур аст, яке аз китобҳои мӯътабари ин мактаб дониста шуда, дар масъалаи ҳуҷҷату сарчашма будан баъди китоби «Тавҳид»-и худи Абӯмансури Мотуридӣ муассиси ин мактаб қарор дорад. Инчунин донишмандон бар ин ақидаанд китоби «Ақоиди Насафӣ»-и Умари Насафӣ, ки яке аз дигар китобҳои машҳури каломии мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа аст, мухтасари ҳамин «Табсират-ул-адилла»-и Абулмуини Насафист. Аз ин маълум мегардад, ки ин шахсияти бузурги миллати тоҷик яке аз тарвиҷдиҳандагон ва шореҳони каломии мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа ба ҳисоб меравад.

Худи Абулмуини Насафӣ беш аз дигар мутакаллимон ба Мотуридӣ баҳои баланд дода, асарҳои худ «Тамҳид», «Баҳр-ул-калом» ва «Табсират-ул-адилла»-ро дар доираи масъалаҳои дар «Китоб-ут-тавҳид»-и Мотуридӣ инъикос ёфта навиштааст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши каломи мотуридия, ки дар асоси мазҳаби ҳанафии таҳаммулгаро бино ёфтааст барои ваҳадату ҳамзистии миллатҳо дар шароити имрӯзи ҷомеаи мо ва ҳифзи якпорчагии ватану миллат саҳми беандоза дорад.

Он ҷомеаву низомҳое, ки ин илми меҳвариро нодида гирифтанд ба тангнои бӯҳрони маънавӣ қарор доранду дорои мушкилоти зиёд гардидаанд, ки мо дар ҷаҳони имрӯз шоҳиди чунин воқеаҳову ҳодисаҳо ҳастем ва онро ба чашми худ дида истодаем. Барои миллати мо лозим аст, то мо чунин шахсиятҳои нодири миллати хешро ба таври бояду шояд омӯзем ва аз андешаҳои созандаи онҳоро барои насли наврас пешкаш намоем, то аз чунин бӯҳронҳои ҷаҳони имрӯза наҷот ёбем.

Аз ин рӯ, ақидаҳои каломии Абулмуини Насафӣ метавонад, то андозае ба тарбияи ҷавонон мусоидат намояд, то онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб нагароянд.

Хулоса омӯхтани андешаву каломи Абулмуини Насафӣ, ки дар асоси мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа поярезӣ шудааст, барои ҷомеаи имрӯзаи мо хеле ба маврид буда, миллати моро аз тафриқаву ҷудоӣ ва аз фарҳангу ақидаҳои бегона ҳифз менамояд. Чун ваҳдату амнияти кишвар яке аз неъматҳои бебаҳо буда, барои ҳар як фарди кишвар лозим аст то ин неъмати пурқиматро чун гавҳараки чашм ҳифз намояд. Бахусус ҷавонон, киояндаи кишвар ва нерӯи пешбарандаи миллат ҳастанд, аз андешаву ақидаи чунин шахсиятҳои бузурги гузаштаи ниёгони хеш истифода намоянд ва онро барои ҳифзи суботу якпорчагии миллату ҷомеаи хеш истифода баранд.

### Адабиёт:


1. Шамолов А.А. Каломи Мовароуннаҳр. – Душанбе:Дониш, 2013.
2. Абдулҳаййи Лакнавӣ. Ал-фавоид-л-баҳия фи тароҷими ҳанафия. Миср: Саодат, 1324 ҳ.
3. Зайниддин ибни Қосими Қутлубиғо. Тоҷу-т-тароҷим фи табақоти ҳанафия.
4. Муҳиддин Абӯмуҳаммади Қаршии Ҳанафӣ. Ҷавоҳир-ул-музия фи табақоти ҳанафия. Таҳқиқи доктор Абдулфаттоҳ Муҳаммад
5. Фатҳуллоҳ Халиф. Тавҳид
6. Муҳаммад ибни Мансури Самъонӣ. Ал-ансоб. Бейрут: Ҷинон, 1988.
7. Хайриддини Зириклӣ. Ал-аълом. – Бейрут: Малойин, 2002.
8. Исмоилпошшои Бағдодӣ. Ҳадят-ул-орифин. Истамбул, 1951.


**М.З. Эшонхонов**

### Жизнь и научная деятельность Абулмуина Насафи

В статье автор анализирует жизнь и научную деятельность одного из знаменитых мыслителей и богословов таджикского народа Абулмуина Насафи, который сыграл важную роль в развитии «матуридизма» - толерантной каламисткой школы. В результате научной деятельности Насафи перспективные и конструктивные идеи каламистской школы матуридия получили дальнейшие развитие.

**Ключевые слова:** калам, цивилизация, матуридизм, богослов, мутазилизм, хариджия.

M. Z. Eshonkhonov

## Life and scientific activity Abulmuina Nasafi

The author analyzes the life and work of one of the famous thinkers and theologians of the Tajik people Abulmuina Nasafi , who played an important role in the development of " maturidizma " - tolerant kalamistkoy school. As a result of scientific activity Nasafi healthy and constructive ideas kalamistskoy school Maturidi be further developed .

**Keywords**: Kalam , civilization, maturidizm , theologian , mutazilizm , Harwich

# МЕСТО И РОЛЬ ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ В НАУЧНОЙ И КУЛЬТУРНОЙ СРЕДЕ США

**Н.Ш. Дороншоева**[1]

В статье автор рассматривает вклад американских ученых в иследование жизни и творчества Руми. В большинстве университетов США традиционно читаются курсы по восточному мистицизму, где особое место занимает фигура Джалолуддина Руми. На сегодняшний день американские ученые не только переводят на английский язык его произведения, но сравнивают и сопоставляют его идеи с воззрениями Шекспира, Конфуция, Ральфа Вальдо Эмерсона и других.

**Ключевые слова:** Джалолуддин Руми, США, Маснави-и Ма'нави, Шамси Табрези, американские ученые, литературная среда, таджикско-персидская культура.

Интерес американских ученых к памятникам нашей культуры имеет продолжительную историю и начинается еще с Х1Х века с того момента, когда американские ученые обратились впервые к изучению и исследованию таджикской культуры, истории и литературы, а также начали переводить на английский язык памятники таджикско - персидской культуры и литературы. Благодаря этим переводам многие англоязычные народы узнали о таджикской философии, поэтах и писателей. Один из таких ярких примеров тому - обращение американских ученых и любителей философии к наследию и жизни видного таджикско-персидского мыслителя Мавлоно Джалолуддина Балхи Руми, произведения которого уже который год в США бьют рекорды самых читаемых и востребованных книг.

Американские ученые внесли большой вклад в исследование жизни и творчества Руми, перевели на английский его произведения. Особые заслуги в этом деле принадлежат Франклину Льюису, Уильяму Хармлессу, Уильяму Читтику, Шахраму Шива, М. Фахри, К. Эрнсту, Колеману Барксу, Ираджу Башири, Парвизу Мораведжу, Лее Бриссетти и другим. Исследования американских ученых, посвященные древнему и современному Таджикистану, пронизаны глубоким уважением к его истории, культуре, наследию и таджикскому народу.

По мнению американского ученого Франклина Льюиса, Джалолуддин Руми родом из Балха, родился в одном из селений Вахша, который находится примерно в 65 километрах к юго-востоку от Душанбе столицы современного Таджикистана[2]. Уильям Хармлесс также считает, что Руми родился в Вахше Республики Таджикистан[3].

"Он имеет высокий неотразимый имидж, и его фигура знакома всем культурам", - говорит Брэд Гуч, написавший биографию Руми, следовав его критикам книги Фрэнка О'Хара и Фланнери О'Коннор. "Карта жизни Руми охватывает территорию более 2500 км$^2$, - говорит Гуч, который путешествовал по местам, где побывал Руми - с места его рождения в Вахше, небольшой деревне на территории современного Таджикистана, в Самарканде в современном Узбекистане, в Иране и Сирии, где Руми учился в Дамаске и Алеппо. Его конечной остановкой был город Конья в Турции, где Руми провел 50 лет своей жизни. Сегодня могила Руми привлекает тысячи трепетных почитателей и последователей со всего света, а руководители современного турецкого государства каждый год на международном уровне отмечают «Шаби аруси» 17 декабря, день смерти Джалолуддина Руми, сопровождаемый церемонией «вертящихся дервишей»[4].

[1] Младший научный сотрудник Отдела политических проблем международных отношений Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН Республики Таджикистан.

[2] Franklin Lewis, Rumi Past and Present, East and West: The Life, Teachings, and Poetry of Jalâl al-Din Rumi, 2000, pp. 47–49.

[3] William Harmless, Mystics, (Oxford University Press, 2008), 167

[4]Jane Ciabattari. Why is Rumy the best-selling poet in the US. BBC Culture http://www.bbc.com/culture/story/20140414-americas-best-selling-poet

Следует отметить, что в большинстве университетов США традиционно читаются курсы по восточному мистицизму, где особое место занимает фигура Джалолуддина Руми. Указывая на эту традицию, Франклин Льюис пишет в своей книге: «Первое упоминание о Джалолуддине Руми на английском языке встречается у сэра Уильяма Джонса (1746-94), который в цикле своих лекций под названием "Мистическая поэзия персов и индусов", читаемых им в декабре 1791г., приводил перевод нескольких ранних двустиший (бейтов) Маснави-и Ма'нави"[1].

Ирадж Башири об исторических научных связях американских ученых с Востоком пишет: «Европейцы имели связи с творчеством Мавлави еще с середины 1422 г. и уже тогда были знакомы с творчеством поэта. Однако ученые записки в начале знакомства создали обратный резонанс,и некоторые факты в них были искажены. К счастью, позже ученые открыли истинного Руми и обосновали причины славы Мавлави. Ральф Уолдо Эмерсон (1803-82 г.г.)на основе немецких переводов, предоставленных Хаммером Пургсталлем и Герман Эвой (1844-1917 г.г.),в свою очередь, на основе переведенных на английский язык шедевров таджикской поэзии ознакомил американцев с персидской литературой. В свое время как во Франции, так и в Америке, Руми не был так популярен среди публики, как Шамсуддин Хафиз из Шираза. На самом деле, Руми не был хорошо известен в Соединенных Штатах до наступления Нового века. Затем его популярность постепенно стала расти. Сегодня он самый известный изцитируемых восточныхпоэтов в Соединенных Штатах»[2].

На сегодняшний день американские ученые не только переводят на английский язык его произведения, но сравнивают и сопоставляют его идеи с воззрениями Шекспира[3], Конфуция[4], Ральфа Вальдо Эмерсона[5] и других.

Руми жил в западной части Азии, где Восток сливался с Западом. Он стал своего рода мостом между Азией и Европой. Тем более, идеи Руми на протяжении веков показали глубокое влияние на мировоззрение персов, тюрков и арабов о природе человеческих отношений. На сегодняшний день Руми широко читается на Западе и считается величайшим мистиком своего времени. «PublisherWeeklymagazine» назвал его "Самым издаваемым поэтом в Америке». В списке Amazon.com (интернет магазин) имя Руми встречается более 6000 раз в книгах, записях, CD, и видео. (и все чаще устами персидских музыкантов, американских ученых и т.п.) Даже у Мадонны есть песня на стихотворение Руми[6].

"Руми и американский поэт Х1Х века Эмерсон (25.05.1803- 27.04.1882) имели одинаковые подходы к осмыслению проблемы религиозной терпимости, любви и заботы о душе, и способствовали преодолению постоянно растущей пропасти между Западом и мусульманским миром»- пишет в своей статье Крайг Консидайн[7]. Оба они рассматривают все религии как равные перед Богом. Если бы они были живы сегодня, то возможно у них не возникли бы вопросы об особенностях осуществления ритуалов в молельном доме в рамках различных религиозных традициях. Как мы указали, Руми и Эмерсон в своих произведениях побуждали людей искать собственную личную связь с Богом через экзистенциальные и чудесные пути. Их любовь ко всем и ко всему, независимо от характера объекта любви, показывает, что разница между немусульманами и

[1] Franklin Lewis pp. 565

[2] IrajBashiri. The Ishraqi-Philosophy of Jalal al-Din Rumi. Dushanbe, 2008. pp.22

[3] Wes Jamroz. Shakespeare's Sequel to Rumi's Teaching. https://books.google.com.tj/books?id=easYrgEACAAJ&dq=Rumi+and+Shakespeare&hl=ru&sa

[4] Ibrahim Ozdemir. Rumi and Confucius, Massages for a New Centure. Clifton, NJ 2013 https://books.google.com.tj/books?id=9UZsAwAAQBAJ&printsec=frontcover&dq=Rumi+And+Confucius+Ibrahim+Ozdemir&hl=ru&sa=X&ved=0CBsQ6AEwAGoVChMIiImok4DjxwI-VyQwsCh3BRAPB#v=onepage&q=Rumi%20And%20Confucius%20Ibrahim%20Ozdemir&f=false

[5] Craig Considine, Rumi and Emerson: A Bridge Between the West and the Muslim World http://www.huffing-tonpost. com/craig-considine/rumi-and-emerson_b_3748667.html

[6] См: Ibrahim Ozdemir.

[7] См: Craig Cinsidine

мусульманами не так значительна, как отмечается многими[1].

В своем введении к переводу трудов Румии Шамса Табрези, Колман Баркс писал: “Руми - один из великих духовных лучей, и один из великих духовных учителей. Он показывает нам наше величие. Он хочет, чтобы люди были более активными, чтобы они бодрствовали... Он хочет нас мотивировать на то, чтобы мы смогли видеть красоту, служили зеркалом друг для друга”[2].

В своем предисловии к английскому изданию духовных стихов, переводчик Алан Уильямс писал: “Руми является одновременно поэтом и мистиком, но, прежде всего, он является учителем, пытается донести до людей не только, что он знает, а то, что нужно его аудитории. Как все хорошие учителя, он надеется, что, в конечном итоге, когда не останется возможности идти дальше, и его подведут силы, а его голос замолкнет, то его ученики научатся постигать мир самостоятельно”[3].

21 октября 2014 года в Би-Би-Си вышла статья под названием «Почему Руми - самый читаемый поэт в США». В статье речь идет об экстатическом опыте в поэме «Маснавии маънави» Джалолуддина Мухаммада Руми, персидского поэта и суфийского мастера, который родился 807 лет назад в 1207 году, и о том, что в последние годы его книги уже проданы миллиоными тиражами, что делает его самым популярным поэтом в США[4].

С учетом времени и места стихи Руми отражали живое чувство, - говорит Лее Бриссетти, исполнительный директор Дома поэтов, спонсор Национальной Библиотеки в США,-“они помогают нам понять наши собственные поиски любви и экстатикам в водовороте повседневной жизни”. Она сравнивает произведения Руми с произведениями Шекспира по их “звонкости и красоте”[5].

[1]Там же

[2] Poet Jalal ad-Din Rumi. http:// www.poets. org/poetsorg/poet/jalal-al-din-rumi

[3]Там же

[4]См: Jane Ciabattari. Why is Rumy

[5] Там же

Переводчик Колман Баркс, чья работа вызвала Ренессанс американского интереса к Руми и сделала его самым читаемым поэтом в США, причину его популярности видит в: “его поразительной творческой свежести, а также в глубокой тоске, которую мы чувствуем в его работах; в его чувстве юмора и наличии игривости [смешанной] с мудростью”[6].

Ба таври куллӣ дар робита бо мазмун ва мундариҷаи низоъ ду дидгоҳи куллӣ вуҷуд дорад. Равоншиносон, зистшиносон, назарияпардозон бозиҳо ва тасмимгириро аз рафтори одамон оғоз намуда, решаҳои низоъро дар табиати инсон меҷӯянд. Дар муқобил, ҷомеашиносон, инсоншиносон, ҷуғрофиёдонон, назарияпардозони созмон ва иртибот, донишмандони илми сиёсат, таҳлилгарони равобити байналхалқӣ низоъро дар сатҳи гурӯҳҳо, иҷтимоиёт, ниҳодҳои иҷтимоӣ, ҷунбишҳои бузурги сиёсӣ, гурӯҳҳои мазҳабӣ ё қавмӣ, давлатҳои миллӣ ва низомҳои фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Вожаи «низоъ» (Conflict) маъмулан ба вазъияте ишора мекунад, ки дар он гурӯҳи муайяни одамон (хоҳ қабилаӣ, қавмӣ, забонӣ, мазҳабӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ё ғайри он) бо гурӯҳҳои дигар ба далели носозгории аҳдофашон бархурди огоҳона дошта бошанд. Луис Кавзер низоъро чунин таъриф мекунад: «Мубориза ба сари арзишҳо ва матлаби манзалат, қудрат ва манобеи нодир, ки дар он ҳадафи ҳар яке аз тарафайн дар фикри бекор кардан, зарар расонидан ва ё нобуд кардани рақибони хеш аст». Низоъ бархурди манфиати инсонҳо бо якдигар аст ва шомили мубориза афрод бо муҳити физикияшон намегардад. Низоъ бо рақобати

[1] Ямо Шароф – аспиранти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

маҳз яксон нест. Инсонҳо мумкин аст ба хотири дастёбӣ ба унсурҳои камёб дар рақобат бо якдигар бармехезанд. Ҳангоме низоъ ба рақобат табдил меёбад, ки тарафайн бикушанд мавқеияти худро бо таназзул додани мавқеияти дигарон тақвият дода, монеъ аз дастёбии дигарон ба ҳадафҳояшон гашта, рақибони худро «аз давра хориҷ» ва ҳатто нобуд месозанд.

Низоъҳо бо дарназардошти шароити мухталиф метавонанд хушуматомез ё ғайрихушуматомез, ошкор ё ниҳон, қобили назорат ва ё ғайриқобили назорат, ҳал шудани ва ё ҳал нашуданӣ бошанд. Бо таваҷҷуҳ ба решаҳо ва илати мавҷуда шароити мавқеиятҳои мухталифи низоъ мумкин аст дорои моҳияти хушунатомез ё мусолиматомез, ошкор ё ниҳон, назоратшаванда, қобили ҳал ва ё ғайри қобили ҳал бошанд. Бинобар ин, низоъ ба сурати хушунатомез таҷаллӣ ва зуҳур намекунад. Аз ин рӯ, имрӯзҳо бисёриҳо сиёсатро ҳунари коргардонии манофеи мутаззод таъриф мекунанд, ки заминаи асосии ҳаллу фасли мусоламатомези низоъҳои мухталиф аст. Бисёре аз донишмандони улуми иҷтимоӣ тасдиқ мекунанд, ки маҳви комили низоъ аз арсаи зиндагии инсон на танҳо ғайри мумкин, балки номатлуб низ ҳаст. Зеро порае аз шаклҳои низоъ барои дигаргунӣ ва пешрафти иҷтимоӣ зарурӣ аст. Мартин Липест ишора мекунад, ки ҳам Де Токвил ва ҳам Карл Маркс бар зарурати низоъ байни воҳидҳои сиёсӣ - иҷтимоӣ таъкид кардаанд.

Гарри Берман низоъро чунин шарҳ додааст: «Низоъ иборат аст аз вуҷуди ихтилоф ва носозгори миёни чанд гурӯҳ, ки дар натиҷаи он таҳдиде алайҳи ниёзҳо, алоқаҳо ва манофеи якдигар сурат мегирад».

Дар ин таърифи содда чаҳор мафҳум дар маркази диққати муҳаққиқ қарор дода шудааст, ки онҳоро ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст:

Мафҳуми аввал ихтилоф ва носозгорӣ аст. Ба таври куллӣ чандин сатҳҳои ихтилоф дар байни гурӯҳҳои мухталиф мушоҳида мешавад. Бо ин ҳол эҳтимол дорад, ки ихтилофи воқеӣ комилан бо ихтилофи зоҳирӣ мутафовит бошад. Низоъ вазъияте мебошад, ки дар он мардум як таҳдидро нисбат ба саодат ва хайру рафоҳи худ эҳсос мекунанд.

Мафҳуми дуввум гуруҳҳои даргир аст. Дар зеҳни аксари инсонҳо як навъ ихтилоф нисбат ба гурӯҳҳои дигар вуҷуд дорад. Ҳангоме, ки дар бархе шароит мардум мутаваҷҷеҳ мешаванд, ки онҳо низ яке аз тарафҳои низоъ ба шумор меравaнд, шигифтзада ва ғофилгир мешаванд. Дар бисёре аз мавқеиятҳо мардуме, ки ба унвони бахше аз низоми иҷтимоӣ ба шумор меравaнд барои ширкат дар муноқиша ва низоъ ташвиқ мешаванд, дар ҳоле, ки мумкин аст шахсан он мавқеияти пешомадаро таври дигар тафсир кунанд.

Мафҳуми саввум таҳдиди идрокӣ аст. Мардум маъмулан дар баробари таҳдиди идрокӣ вокуниш нишон медиҳанд то дар муқобили таҳдидоти воқеӣ, ки бо он мувоҷеҳ ҳастанд. Бинобар ин дар ҳоле, ки фаҳм ва идроки мардум ба худии худ воқеӣ нест, рафтор, эҳсосот ва вокунишҳои ҳамешагии мардум ба василаи дарк ва эҳсос доимо тағйир меёбад.

Мафҳуми чаҳорум ниёзҳо, алоқаҳо ва нигарониҳост. Маъмулан мушкилотеро, ки сабабгори низоъ гардидааст, ба унвони як мавзӯъ дар назар мегиранд.

Ҳамин тариқ, Имануил Кант муътақид буд, ки сулҳ дар миёни инсонҳо як ҳолати табиӣ набуда, балки он чи табиӣ ва фитрӣ аст, низоъ ва ҷанг аст. Як гуруҳ олимони дигар, аз қабили Карл Маркс, Зимел, Дарендорф, Луис Гувзер низоъро амре мусбат медонанд ва онро василаи муфид барои ҳалли ихтилофот дар дохил ва дар миёни кишварҳо муаррифӣ менамоянд.

Назарияҳои марбут ба низоъро метавон ба ду гуруҳи асосӣ: хурд ва калон тақсим кард. Назарияҳои хурд решаҳои низоъро дар табиати инсон ҷустуҷӯ мекунанд. Равоншиносон, зистшиносон, ва як гуруҳи дигари назарияпардозон аз ин ҷумлаанд. Назарияҳои калон решаҳои низоъро дар ниҳодҳои иҷтимоӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Ин назарияҳо решаҳои низоъро дар сатҳи гурӯҳҳо, ҷомеаҳо, ниҳодҳои иҷтимоӣ, табақаҳои иҷтимоӣ, ҷунбишҳои сиёсӣ, воҳидҳои мазҳабӣ ё қавмӣ, давлатҳои миллӣ ва ихтилофот мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Ҷомеашиносон, инсоншиносон,

ҷуғрофиядонон, назарияпардозони созмон ва иртиботҳо, донишмандони улуми сиёсӣ ва равобити байналхалқӣ дар ин гуруҳ шомиланд.

Кант Волтез дар китоби худ «Инсон, давлат ва ҷанг» сарчашмаи низоъро дар се мавриди табиат ва рафтори инсонҳо, сохтори дарунии давлатҳо ва набудани мурочиати байналмилалӣ медонанд. Бинобар ин башар табиатан дар ҷанг ва ситез зиндагӣ мекунад ва ба қавли Гобс падидаи «Ҷанги ҳама алайҳи ҳама» амре табиӣ аст. Гобс ақида дорад, ки дар саҳнаи сиёсати байналхалқӣ ва равобити хориҷии кишварҳо ҳанӯз «даврони табии низои доимӣ» ва «ҷанги ҳама алайҳи ҳама»- ро, ки қонун ва падидаи табиӣ аст – мегузаронанд. Давлатҳо барои таъмини амният ва осоиши худ дар саҳнаи байналмилалӣ то ба ҳол чорае наяндешидаанд, зеро ҳукумате ба монанди ҳукумати дохилӣ дар саҳнаи байналмилалӣ вуҷуд надорад, ки қудратталабӣ ва ситезаҷӯии табии давлатҳоро таҳти танзиму назорат даровард. Ҳол он ки ҳар давлате дар равобити хориҷии худ бо дигар давлатҳо тавре зиндагии сиёсии худро танзим мекунанд, ки беҳтар битавонад амният ва манфиатҳои миллии худро касб ва ҳифз кунад.

Яке аз омилҳое, ки сабаби пайдоиши низоъ байни давлатҳо мешавад, мавқеъҷӯӣ аст. Ба назари Ҳолистӣ кишварҳо дар сиёсати хориҷии худ мақсадҳои мушаххасеро дунбол мекунанд, ки яке аз онҳо мавқеъҷӯӣ аст. Баъзе давлатҳо ба сарзаминҳое ҳамҷавори (ҳамсояи) худ чашм доранд ва ин амр ба низоъ анҷом меёбад. Иеремия Бентам ақида дошт, ки мубориза барои ба даст овардани сарзамин, сарчашмаи тамоми низоъҳои байналмилалӣ аст. Голфред Макиндер муътақид буд, ки таърих чизе ҷуз мубориза барои ба даст овардани сарзаминҳо нест. Ба ақидаи ӯ ҷанг, ҳамеша кӯшише барои ба даст овардани ҳарчи бештари сарзаминҳост.

Таҳлилгарони хурднигар дар ҷустуҷӯи сабабҳои низоъ нигоҳи худро ба даруни ҳар як аъзо мутаваҷҷеҳ месозанд ва шак доранд, ки битавон барои низои иҷтимоӣ ва байналмилалӣ ангезаҳои огоҳона ёфт. Аз ин рӯ, онҳо муътақиданд, ки назарияҳои хурди системаи низоъ дорои чанд зерназария мебошанд, ки иборатанд аз:

а) назарияҳои зистшиносӣ ва равоншиносӣ: ин назарияҳо бо решаҳои рафтори инсонҳо асос ёфта, рақобат ва низоъҳои сиёсию иқтисодии фардӣ ва иҷтимоиро дар бар мегиранд. Талоши инсон барои дар амал татбиқ сохтани ниёзҳои зистӣ ва равонии худ моҳияти асосии назарияҳои мазкурро ташкил менамоянд.

б) назарияи иҷтимоӣ: назарияпардозони ин соҳа ба монанди Алберт Бондуро ба назарияҳои ғаризӣ ва зистшиносӣ ва инчунин назарияҳои равоншиносӣ бо шаку шубҳа менигаранд.

Дар баробари ин, реализм як назарияи бузурги равобити байналмилалист, ки барои тавзеҳи куллӣ ва умумии сиёсати байналмилалӣ нигаронида шудааст. Бояд гуфт, ки реалистон нисбат ба инсон нигоҳи бадбинона доранд ва низоъро асли ғолиб ва азалии зиндагии башар мешуморанд. Томас Гобс бо нигоҳи бадбинона ба ин савол, ки чаро одамон ва давлатҳо бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд, посух дод. Ба ақидаи ӯ, қабл аз ин ки ҳукуматҳо аз мавҷудияти худ дарак диҳанд, ҳолати табиӣ ҳоким буд, ки дар он одамони худхоҳ ва бераҳм бо якдигар рақобат мекарданд. Ӯ қайд менамояд, ки ҳамкорӣ наметавонад бидуни вуҷуди як ҳукумати марказӣ такомул ёбад. Бар ҳамин асос реалистҳо эътиқодманди онанд, ки шароити анархистии низоми байналмилалӣ рақобати миёни давлатҳоро рушд медиҳад ва монеи иродаи онҳо дар ҷиҳати ҳамкорӣ ва ҳатто ҳангоме мешавад, ки манофеи муштарак доранд.

Аз назари реалистон қудратталабӣ амри табиӣ аст ва дар асоси он инсон дар вазъияти табиӣ умр ба сар мебарад. Дар шароите, ки ҳар инсон гурги инсони дигар мебошад, ангезаи аслии тарс ишқ аст; тарс аз кушта шудан, ишқ ба зинда мондан. Пас барои зинда мондан ҳадди аксарро касб кард то дар амон бимонад. Ин андешаҳои бадбинонаи Гобс ва Макиавелӣ аст, ки илҳомбахши воқеъгароӣ будааст. Пас муҳимтарин манфиати кишварҳо низ монанди инсонҳо бақо ва идомаи ҳаёт аст.

Кишварҳо ҳатто аз одамон низ бештар эҳсоси ноамнӣ мекунанд. Дар чунин вазъият кишварҳо аз амният ва қудрат афзалияти болотаре надоранд. Бинобар ин низоъ ва ҷанг як ҷузъи таркибии равобити байналмилалӣ аст ва сулҳ як истисно мебошад.

Манфиатталабӣ ва қудратхоҳӣ на танҳо амре ғайри табиӣ нест, балки сад дар сад бо сиришт ва зоти инсон низ созгор аст. Реалистоне чун Моргентау бар ин ақидаанд, ки сиёсат кашмакаши хушунатомез аст. Қудратталабии инсон кишварҳоро бархилофи назари воқеъгароён наметавон бо арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аз арсаи сиёсат ва ҷомеа бекор кард. Дар чунин шароит реалистон танҳо роҳи сулҳу суботро мувозинаи қудрат дар сатҳи байналмилалӣ медонанд.

Дар баробари ин, неореализм як назарияи реалистие мебошад, ки бисёре аз арзишҳои реализми классикро, аз қабили кишвармеҳварӣ, қудратмеҳварӣ, якпорчагӣ ва оқил будани кишварҳоро қабул доранд. Аммо бар хилофи реализми классикӣ решаи низоъ ва сулҳро дар сохтори низоми байналмилалӣ медонад, на дар сиришти инсон ва моҳияти кишварҳо. Дар ҳоле, ки неореалистҳое чун Волтерз ба вазъияти анархистии низоми байналмилалӣ ишора доранд, реалистҳо чун Маргентау даъво доранд, ки қудратталабӣ реша дар табиати навъи башар дорад.

Ғайр аз ин, неолиберализм ҳамчун мактаби илмӣ муносибати байни ду мактаби фикрии либерал ва воқеъгаро аст. Аммо наздикии бештаре бо неореализм дорад. Неолиберализм як талоши назарее мебошад, ки барои созиши либерализм ва реализм кӯшиш менамояд. Ниҳодгароёни неолиберал низ ҳамонанди неореализм ба нақши кишварҳо ва қудрати онҳо дар низоми байналмилал сухан мегуянд. Ҳамчунин кишварҳоро бозигарони оқил медонанд, ки мақсади ба ҳади аксар расонидани манофеъи худро доранд.

Мактаби дигаре, ки қобили тазаккур аст, структурлизм мебошад. Структурализм яке аз ҷиддитарин мактабҳои маърифатшиносӣ аст, ки бар хилофи решаҳои фалсафии дерина дар нимаи дуюми даҳаи охири асри бистум ва нимаи аввали даҳаи нахустини асри бистуякум, мавриди таваҷҷуҳи файласуфон ва дигар андешамандон қарор гирифт. Структуралистон монанди дигар шохаҳои назарияи интиқодӣ (постмодернизм ва мактаби Франкфурт) мустақиман масъалаи ҷанг ва сулҳро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд. Бахусус ҳадафи онҳо ин аст, ки низоми байналмилалро ба як «ҷомеаи ҷаҳонӣ» табдил кунанд, ки дар он кишварҳо ба василаи роҳу қоидаҳои эътимоднок ва шарикӣ ҳидоят мешаванд. Онҳо умедворанд рақобат, низоъ ва ҷангро ба таърих супорида, як системаи сулҳи асил ва воқеиро эҷод кунанд. Бинобар ин, ҳамон тавре ки зикр шуд структуралистон бар андешаҳо, ақоид ва воситаҳои бисёр таъкид мекунанд. Ба ақидаи онҳо ҷангҷӯӣ ба тафаккур ва тасаввури кишварҳо таъсири амиқ мегузорад. Дар асл андешаҳо ва воситаҳо неруи ҳаракатдиҳандаи таърих ҳастанд. Бар асоси ончи гуфта шуд, структуралистон далелҳоеро пеш меоранд, ки мувофиқи онҳо барои барқарории сулҳ ва ҳамкории байналмилалӣ бояд воситаҳои муназзам ва танзимкунандаи низоми байналмилал ба гунае тағйир дода шавад, ки кишварҳо андеша ва амалкарди реалистиро мавқуф гузоранд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми низоъ дар ду навъи таҳлил, яъне таҳлили хурд ва калон мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба назар чунин мерасад, ки сайри таҳаввул ва такомули назарияҳои низоъ ва ҷанг аз сатҳи таҳлили хурд ба сӯи сатҳи таҳлили калон майл менамояд. Айни замон назарияҳои зистшиносӣ ва равоншиносӣ, ки низоъ ва ҷангро амри биологӣ ва ғаризии инсон медонанд, тақрибан мансух (бекор) шудаанд.

Дар сатҳи таҳлили калон мафҳуми низоъ аз дидгоҳи реализм, неореализм, неолиберализм ва структурализм ба унвони макотиби назарии муҳими равобити байналмилал баррасӣ мегардад. Яке аз мафҳумҳои матраҳ дар баҳсҳои назарияҳои равобити байналмилал мафҳуми низоъ ва кашмакаш миёни давлатҳо дар сатҳҳои мухталиф мебошад. Ҳар яке аз мактабҳои фалсафӣ ва фикрии равобити байналмилал бар пояи бунёдҳои назарии хос ва равиши

фарққунанда аз якдигар ба таҳлили мафҳуми низоъ мепардозанд.

Бо таваҷҷуҳ ба назарияҳои донишмандони равобити байналмилал ва улуми сиёсӣ дар робита бо омилҳое, ки боиси эҷоди низоъ ва кашмакаш мешаванд, ба ин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳеҷ кадом аз ин назарияҳо натавонистааст тамоми ҷиҳатҳои мухталифи мафҳуми низоъ ва ҷанги миёни кишварҳоро баён кунанд ва ҳар кадом аз онҳо танҳо ба баёни бахше аз унсурҳои эҷодкунандаи низоъ пардохтаанд.

## Адабиёт:


1. Александр Вунт. Назарияи иҷтимоии сиёсати байналмилал /Тарҷумаи Ҳумайро Маширзода. – Теҳрон, 1384.
2. Дуарти Ҷеймс ва Фолтзгроф Роберт. Назарияҳои мутаъориз дар равобити байналмилал / Тарҷумаи Али Ризо Тайиб ва Ваҳид Бузургӣ. Ҷилди 1. Чопи 2. Теҳрон, 1377.
3. Ричард Д. Структурализм ва омӯзиш / Тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайн. Нашрияи пажуҳиш ва санҷиш. Шумораи 33. Теҳрон, 1379.
4. Фирӯзободӣ Сайид Ҷалол, Ричард Д. Назарияи ниҳодгароии неолиберал ва ҳамкориҳои байналмилал. Шумораи 3. Теҳрон, 1377.
5. Маширзода Ҳумайро. Таҳаввул дар назарияҳои равобити байналмилалӣ. Теҳрон, 1384.
6. Axelord, Robert & Robert Keohane (1985), "Achieving Cooperation under Anarchy: Strategies & Institutions", World Politics, Vol.38, No.1.
7. Baldwin, David (1993), Neorealism & Neoliberalism: The Contemporary Debate, New York: Columbia University Press.
8. Baldwin, David (2008), Theories of International Relations, USA: Princeton University.
9. Behrman, Harry Webne (1998), The Practice of Facilitation: Managing Group Process and Solving Problems, Quorum Books, Greenwood Publishing.
10. Coser, Lewis A (1956), The Functions of Social Conflict, New York: The Free Press.
11. Christiabn, Reus-smit, op.cit 29christiabn, Reus-Smith. (1998). "The Promise of Constructivism in International Relations Theory", International Security, Vol. 23, No. (pp. 171-200.
12. Gurr, Robert.Keohane, Robert (1989), "International Institutions and state power", Essays in International Relations Theory, Boulder, Colo: Westview Press.
13. Lipest, Seymour Martin (1991), Political Man: The Social Bases of Politics, The Johns Hopkins University Press. (2009), Peace and Conflict, Wilkenfeld: Paradigm Publishers
14. Onuf, N. (1989). World of Our Marking. United State: University of South Carolina Press.Price, Richard and Christian Reus-Smith ( 1998 ). "Dangerous Liaisons? Critical International Theory and Constructivist", European Journal of International Relation, Vol. 4 no.3
15. Ringman, E. (1997). “Alexander Wendt: A social Scientist Struggling with History.” In Neuman and Waver (ed.)….269-289
16. Ruggie, John G. (1998). “ What make the world Hand together ? Neo – Utilitarianism and the Social Constructivist Challenge “, International Organization, 52 (4): 855 – 885.



**Ямо Шароф**


### Теоретические аспекты изучения конфликта


Автор в данной статье, уделяя особое внимание различным обяснениям понятия «конфликт», рассматривает разичные вопросы этой проблемы. Автор с целью правильного осмысления конфликта занимается анализом научных теорий и научных школ, на основе которых рассматривает различные теории политической науки и показывает основы изучения конфликта.



**Ключевые слова:** конфликт, политический конфликт, реализм, неореализм, неолиберализм, структурализм, международный конфликт, столкновение, противостояние.



Yama Sharaf


### The theoretical aspects of the study of conflict


The author in this article with emphasis on different explanation for the concept of "conflict", considers the questions razichnye this

problem. Author to correctly understanding the conflict engaged in the analysis of scientific theories and scientific schools, on the basis of which analyzes the different theories of political science and basis of the study shows the conflict.

**Keywords:** conflict, political conflict, realism, neo-realism, liberalism, structuralism, international conflict, confrontation, confrontation.

# СТОЛКНОВЕНИЕ ВНУТРЕННИХ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ И ОСОБЕННОСТИ ИХ ПРОЯВЛЕНИЯ (ОПЫТ ТАДЖИКИСТАНА)

**Ф. Акбаров**[1]

В данной статье автор, анализируя столкновение внутренних национальных интересов и особенности их проявления в Таджикистане, рассматривает угрозы национальным интересам республике и вопросы обеспечения национальной безопасности.

**Ключевые слова:** национальные интересы, безопасность, конфликты, внутренние угрозы, межтаджикский конфликт, вызовы, столкновение.

Столкновение внутренних национальных интересов происходит в обществе и государстве если не постоянно, то достаточно регулярно. Еще Аристотель в трактате «Политика» утверждал, что основным источником конфликтов и распрей между людьми и их общностями является «имущественное неравенство людей и неравенство получаемых ими почестей»[2]. Классы и иные социальные группы имеют свои отличные друг от друга интересы, которые выражают политические партии. Задачей политических партий является борьба за внедрение в жизнь интересов соответствующего электората. В борьбе за власть некоторые слои и группы в обществе используют все свои силы и возможности, включая террор, насилие, сепаратизм и др.

В конфликтных ситуациях, происходящих в современном мире по линии разлома цивилизаций, принципы установления мира отличаются от ранее используемых методов, т.е. с изменением глубинных корней возникновения конфликтов, соответственно и поиск условий их мирного урегулирования и разрешения стремиться на качественно другом уровне.

Как известно, многочисленные внутренние угрозы национальным интересам и безопасности Республики Таджикистан детерминированы именно конфликтом интересов социальных групп в обществе. Профессор А.Н.Махмадов в книге «Социология конфликта» отмечает, что «Конфликты определяются сознанием людей. В качестве их причин могут выступить несовпадение общественных и индивидуальных ценностей, разлад между ожиданиями и поступками людей, недоразумения, логические ошибки, некачественность информации. Это столкновение «конфликтующих сознаний» И по отношению к социальному конфликту эти причины первостепенны, ибо, по Козеру, любая социальная система предполагает определенное размещение власти, богатств и позиций статуса среди индивидов и общественных групп. При этом никогда нет полного согласия по поводу системы распределения. Конфликт вытекает из попыток групп и индивидов увеличить их собственную долю вознаграждения»[3].

Следует отметить, что указанные конфликты могут протекать в различных областях общественной жизни. Так, в экономической сфере конфликты связаны с функционированием институтов распределения материальных ресурсов, в политической сфере конфликты возникают в связи с вопросом о власти и способе политической организации общества; в духовной сфере источниками конфликтов являются принадлежность субъектов политики к различным типам культуры, особенностями их интерпретации высших духовных ценностей. Очень часто основой острых конфликтов являются экономические интересы социальных групп, неудовлетворенность их функционированием институтов и системой распределения материальных средств, что, в итоге, ведет к расколу общества. По этому поводу А. Г. Здравомыслов отмечает, что угроза раскола общества «возникает в случае его нелегитимной социальной дифференциации, которая основывается на дисфункциях распорядительных

---

[1] соискатель ТНУ

[2] Аристотель. Политика//Сочинения в 4-х т.-Т.4.-М.: Мысль, 1994.- С.421

[3] Махмадов А.Н. Социология конфликта (Учебное пособие). Куляб-1995 –С 8.

и политических институтов. Социальные интересы в этом случае становятся антагонистическими, взаимоисключающими. Собственно все социальные революции, радикальные преобразования порождаются глубинными конфликтами интересов»[1].

Одним словом, война не только истощила таджикское общество, но и привела к серьёзной трансформации его структуры, вызывала глубокие перемены в регионах, связанные с замещением одних элит другими на вершине пирамиды государственной власти.

Следовательно, можно показаться что определение национального интереса является простым .«Однако в политическом процессе определить его довольно сложно и из-за динамики изменяющейся ситуации, каменеем протекновения для политиков является дефицит времени и чисто отсутствие глубокой научной компетентности. Война всех против всех должна отделиться с одной стороны на внутреннюю борьбу в ведомствах ,а с другой –на выявление объекта противостоящих сил и действий».[2]

Уроки и опыт разрешения межтаджикского конфликта политико-правовым путем с помощью и при поддержке международного сообщества в лице ООН,ОБСЕ и ОИК и других международных организаций и с соблюдением положений международного права –консенсусная модель разрешения подобных конфликтов путем переговоров и сотрудничества – несомненно, полезны , следовательно, могут и должны быть использованы.[3]

Обеспокоенность Таджикистана в связи с возможностью конфликтных ситуаций вблизи его границ вполне оправдана, поскольку непосредственным образом затрагивает его национальные интересы и безопасность. В условиях тесных духовных, религиозных и этнических связей народов Средней Азии, отсутствия между ними границ в классическом понимании, пестроты и этнической перемешанности народов всякий конфликт в любой точке этого региона грозит вызвать серьезные последствия не только для него, но и для всего мира.

Несомненно, государство является важнейшим средством обеспечения национальных интересов и реализации внешнеполитических целей. Осуществляя свои национальные интересы при помощи силовой политики, государство начинает втягиваться в конфликты, так как реализация своих интересов и целей посредством силы входит в противоречие с целями и задачами других государств.

Как показывает международный опыт, общества, и государства сами не поступаются своими национальными интересами. Естественно, каждое государство прилагает все усилия для обеспечения своих национальных интересов и собственной безопасности. Национальные интересы каждого государства в какой –то степени эгоистичны, и проявляются, в основном, во время социальных кризисов, в стремлении экспансии своих интересов, в достижении успехов за счет ущемления интересов других государств. Все это является основой возникновения конфликта национальных интересов, который в дальнейшем становится вооруженным столкновением, и даже широкомасштабной войной.

Известный американский профессор С. Хантингон высказывает предположение, что грядущий мир XXI века будет эпохой столкновения и противоборства 7-8 ныне существующих цивилизаций. С его утверждением, что «в обозримом будущем не сложится единой универсальной цивилизации» и «мир будет состоять из непохожих друг на друга цивилизаций, каждой из которых придется учиться сосуществовать со всеми остальными»[4] нельзя не согласиться.

Во-первых, противоречия между цивилизациями очевидны и реальны. В настоящее время наблюдается активное возрастание цивилизационного и национального самосознания народов мира. После распада мировой коммунистической системы мир не стал унифицированным по западному цивилизационному шаблону, а напротив вступил в фазу полицентричного, многоцивилизационного развития, где наряду с западной су-

---

1 Здравомыслов А.Г. Социология конфликта. Россия на путях преодоления кризиса. -М.: Аспект Пресс, 1995.- С. 116

2 Махмадов А.Н. Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана(Методическое руководство).Душанбе.2009.- С.24.

3 Ашуров М.К. Мирное разрешение конфликтов: процесс и осмысление. Москва «РАГС» 2008.-С89.

4 Хантингтон С. Столкновение цивилизаций?//Полис.- 1994.-№ 1.- С.34

ществует исламская, конфуцианская, а также евразийская и другие цивилизации.

Во-вторых, на смену идеологическим интересам в международной политике вновь, как в прошлые века, на первый план выдвинулись сугубо национально-державные, этноконфессиональные и геополитические противоречия. При этом не исключаются и конфликты внутри цивилизаций, но наиболее крупные, затяжные и кровопролитные конфликты происходят между субъектами политики, относящимися к разным цивилизациям. В настоящее время явно проступает тенденция противостояния двух глобальных цивилизаций: Запада и исламского мира. Большинство вооруженных конфликтов сегодня разгорается на этноконфессиональной почве и наблюдается по дуге Балканы (Босния) – Кавказ и Центральная Азия.

Таким образом, рассмотрев систему угроз и столкновение внутренних национальных интересов как предмет политического анализа, мы пришли к следующим выводам:

1.Угрозы национальным интересам Таджикистана есть высшая степень эскалации внутри и внешнеполитической напряженности. Угрозы и опасности находятся в отношениях зависимости, которые выражаются в том, что возрастание опасности приводит к ее трансформации в угрозу и наоборот снижение уровня угрозы обусловливает ее переход в состояние опасности. При этом снижение уровня угрозы предполагает возрастание опасности.

2. Важнейшими национальными интересами Таджикистана являются интересы ее безопасности.

3.Как внутренние, так и внешние угрозы национальным интересам Таджикистана берут свое начало в конфликтах несовпадающих интересов. Столкновение интересов является попыткой разрешения противоречий между ними.

Таким образом, национальные интересы призваны обеспечить выживание, безопасность страны, ее устойчивое и прогрессивное развитие. Они направлены на решение жизненно важных внутренних и внешних задач, блокирование, нейтрализацию и предупреждение различных вызовов, рисков и угроз.

**F.Akbarov**

**Clash of the internal national interests and peculiarities of their appearance (experience of Tajikistan)**

In this article the author, analyzing the internal clash of national interests and peculiarities of their appearance in Tajikistan considers the threats to the national interests of the country and issues of ensuring national security.

**Keywords:** national interests, security, conflicts and internal threats, the inter-Tajik conflict, challenges, clash.

**Ф. Акбаров**

**Бархурди манфиатҳои дохилии миллӣ ва хусусиятҳои пайдоиши онҳо** (тачрибаи Точикистон)

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи бархурди масъалаҳои миллӣ ва хусусиятҳои пайдоиши онҳоро дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, таҳдидҳои манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар якҷоягӣ бо масъалаи таъмини амняти миллӣ мавриди муҳокима қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** манфиатҳои миллӣ, амният, низоҳо, таҳдидҳои дохилӣ, низои байни тоҷикон, чолишҳо, бархурд.

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР САМТИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ

**Н. Юнусова**[1]

Автор в данной статье рассматривает особенности обеспечения национальных интересов в области энергетической безопасности и раскрывает различные стороны обеспечения энергетических ресурсов в республике.

**Ключевые слова:** обеспечение национальных интересов, энергетическая безопасность, строительство ГЭС, электроэнергия Таджикистана, региональное значение

Имрӯз масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар самтҳои амнияти энергетикӣ яке аз проблемаҳои муҳим ба шумор рафта,таваҷҷуҳи таҳлилгаронро ба худ ҷалб менамояд. Хусусан, масъалаи энергетика муҳимтарин, соҳаи базавии ташакулёбии саноат, иҷтимоиёт, пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, беҳтар гардонидани некуаҳволии мардуми кишвар ба шумор рафта, танҳо зимни рушду тараққиёти он метавон ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ ноил гардид,ки ин дар маҷмуъ ба манфиатҳои ҳаётан муҳим дохил мешавад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги манбаҳои гидроэнергетикӣ хеле машҳур буда, аз рӯи бузургии ҳаҷми умумии онҳо дар ҷаҳон ҷои 8-ум ва аз рӯи ҳаҷми қиёсии захираҳо (ба ҳар сари аҳолӣ ва ба ҳар 1 км ҳудуд) ҷои аввалу дувумро ишғол мекунад. Мухтасар дар бораи сарчашмаи ин захираҳои оби хотиррасон менамоям.

Пиряхҳо сарчашмаи ҳамаи дарёҳои бузурги ҷумҳӯрӣ буда,оби онҳо дар хоҷагии халқи мамлакат пайваста истифода мешавад. Шумораи умумии пиряхҳо дар ҷумҳӯрӣ 9475-то буда масоҳати умумии майдони яхбандии онҳо 11ҳазор км$^2$ аст, ки ҳаҷми ниҳоиашон 460 км$^2$-ро ташкил медиҳанд. Дар Тоҷикистон адади дарёҳо ва рудҳои кухӣ беш аз 25 ҳазор –ро ташкил медиҳанд,ки дарозии умумии онҳо қариб 90ҳазор км аст.

Дар ҳавзу обанборҳои Тоҷикистон 46,3км$^3$ захираи об мавҷуд аст. Захираи оби ошомидании кишвари мо 19,3 км$^3$-ро ташкил дода, манбаҳои обҳои зеризаминӣ бошад 51,2 км$^3$-ро дар бар мегирад. Ҳамаи ин ба дараҳои баландкӯҳ аз баландиҳои азими зинадор босуръат ҷорӣ мешавад. Хотиррасон менамоям,ки 65% -оби ҳавзаи баҳри Арал аз дарёҳои кишвари мо ҷорӣ мешавад.

Ҳамаи инро ба инобат гирифта, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сол то сол соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Аз ҷумла, дар давраи истиқлолияти ҷумҳурӣ бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ як қатор лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар бахши энергетика оғоз ва амалӣ карда шуданд. Бо мақсади рушди босуботи соҳаи энергетика дар доираи, ин ҳадафҳо солҳои охир дар кишварамон бо ёрию дастгирии сармоягузарони хориҷиву дохилӣ иншоотҳои бузурги гидроэнергетикӣ, ба монанди сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», адади зиёди нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, хатҳои баландшиддати интиқоли барқи ва зеристгоҳҳои пуриқтидор сохта ба истифода дода шуда, татбиқи лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» оғоз гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2009 дар натиҷаи ҷудо намудани системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳалқаи ягонаи системаи энергетикии муттаҳидаи Осиёи Марказӣ, кори параллелии энергосистемаро ғайриимкон гардонидааст ва ин омил имконияти содирот намудани энергияи барқи изофагиро дар тобистон ва воридоти онро дар мавсими тирамоҳу зимистон аз хориҷи ҷумҳурӣ маҳдуд гардонидааст. Дар натиҷа, ШСХК «Барқи Тоҷик» маҷбур шуд, ки оби обанборҳои силсила нерӯгоҳҳои барқи обии дарёи Вахшро дар давраи тобистони солҳои 2010-2013 дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 67,5 млрд. метри кубӣ

[1] Унвонҷу

бидуни турбинаҳо бе коркард партояд, ки 15,6 млрд.кВт.соат нерӯи барқи истеҳсолнашударо ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати таъмин намудани эҳтиёҷоти соҳаҳои хоҷагии халқ ва аҳолии вилояти Суғд ҳар сол то 4,5 млрд.кВт.соат энергияи барқ масраф мешавад, ки ин 28%-и барқи умумии дар ҷумҳурӣ истифодашударо ташкил медиҳад. Солҳои пеш таъминоти истифодабарандагони вилояти Суғд қисман аз ҳисоби энергияи барқи дар нерӯгоҳи барқи обии "Қайроққум" истеҳсолшаванда (то 700 млн.кВт.соат дар як сол) ва боқимонда аз ҳисоби ворид намудани энергияи электрикӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳар сол дар ҳаҷми то 3,8 млрд.кВт.соат амалӣ мешуд.

Бо мақсади пайваст намудани шабакаҳои барқии Ҷанубӣ бо қисмати Шимолӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ соли 2009 хати интиқоли барқи 500 кВ "Ҷануб-Шимол" сохта ба истифода дода шуд. Новобаста аз он, ки соли 2009 системаи энергетикии Тоҷикистон аз Системаи энергетикии муттаҳидаи Осиёи Марказӣ ҷудо карда шуд ва воридоти энергияи барқ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ғайриимкон гардид, хати интиқоли барқи 500 кВ "Ҷануб-Шимол" ба мо имконият фароҳам овард, ки вилояти Суғдро пурра бо энергияи барқи ватанӣ таъмин намоем.

ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳамарӯза оиди беҳтар намудани таъмини соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолии ҷумҳуриро бо энергияи электрикӣ тамоми чораҳоро андешида истодааст. Мутаассифона маблағи энергияи барқи истифодашуда аз ҷониби истифодабарандагон саривақт ва пурра пардохт намегардад, ки ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ расонида, ба саривақт пурра гузаронидани корҳои таъмиру барқарорсозиро халалдор месозад.

Новобаста аз ин, ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳаматарафа кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки аз ҳисоби сари вақт гузаронидани корҳои барқароркунӣ ва таъмиру таҷдидкорӣ ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқро дар ҷумҳурӣ зиёд намояд.

Бо ин мақсад ШСХК «Барқи Тоҷик» модернизасияи НБО-и Норак, Бойғозӣ ва Сарбандро гузаронида истодааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва фонди иноватсионӣ лоиҳаи таҷдиди гидроагрегати №3 НБО-и Норак 22 январи соли 2009 оғоз шуда 17 июли соли 2009 ба анҷом расонида шуд.

Дар аввали соли 2010 мадернизатсияи гидроагрегати №8 оғоз шуда,моҳи июли соли 2010 корҳои васлсозӣ ба охир расид.

Соли 2012 дар НБО-и Сарбанд таҷдиди агрегати №4 ба итмом расонида шуд. Инчунин ҳамин сол дар НБО-и Варзоб-1 таҷҳизоти асосӣ ва ёридиҳанда таҷдид карда шуданд, иқтидори он аз 7,4 МВт то 9,5 МВт зиёд карда шуд.

Айни ҳол, бо назардошти иқтидорҳои НБО Сангтуда-1 (670 МВт),ки солҳои 2008-2009 агрегатҳои он ба истифода дода шуданд, Сангтуда-2 (220 Мвт), ки сохтмони он 20 феврали соли 2006 оғоз ёфта, гидроагрегати якӯмаш 4 сентябри соли 2011ба истифода дода шуд ва МБГД-2(400 МВт),ки агрегати якуми навбати аввали он бо тавоноии 50МВт рӯзи 10 январи соли равон бо иштироки бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд иқтидори муқарраргаштаи системаи энергетикии ҷумҳурӣ (бе нерӯгоҳҳои хурд) ба 5296,5 МВт баробар шуд. Ин нишондод нисбат ба соли 1991-ум 882,1 МВт зиёд мебошад (Дар соли 1991 иқтидори муқарраршудаи системаи энергетикии ҷумҳурӣ ба 4414,4 МВт баробар буд).

Дар солҳои 2012 -2013 бо дастгирии Бонки таҷдид ва рушди Аврупо коркард ва таҳияи Асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи «Азнавбарқарорсозии НБО-и Қайроққум» ба роҳ монда шуда буд. Бо ин мақсад 21 ноябри соли 2012 Созишномаи грантӣ байни ШСХК «Барқи Тоҷик» ва Бонки таҷдид ва рушди Аврупо оид ба ҷудо гардидани 569292 евро ба имзо расид. Айни замон Асосноккунии техникӣ-иқтисодии (ТЭО) лоиҳаи «Азнавбарқарорсозии НБО-и Қайроққум» аз тарафи пудратчӣ тайёр карда шуда, ба Ширкат барои баррасӣ пешниҳод гардидааст. Масъалаи маблағгузории лоиҳа аз тарафи Бонки таҷдид ва рушди Аврупо , Бонки сармоягузории Аврупо ва Бонки иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуда истодааст. Илова бар ин, ҳоло бо дастгирии ин бонкҳо корҳо вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Кам намудани талафоти нерӯи вилояти Суғд» оғоз гардида, бо ин

мақсад аз ҳисоби маблағҳои кредит ва грант дар ҳаҷми умумии 21 млн евро созишномаҳо ба имзо расонида шудааст.

Дар 20 соли охир (1994- 2013) бо мақсади беҳтар намудани сифати барқтаъминкунии соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ, дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ хатҳои интиқоли барқии 0,4-500 кВ ва хатҳои барқии кабелии 0,4-35 кВ ҳамагӣ бо дарозии 1550,65 км ва 48 адад зеристгоҳи барқии 35-220 кВ бо иқтидори умумии 3482 МВА сохта ба истифода дода шудааст.

Зеристгоҳҳо ва хатҳои баландшиддати интиқоли барқии дар давраи истиқлолият сохташуда моҳияти минтақавӣ ва умумиҷумҳуриявӣ доранд.

Дар энергосистемаи ҷумҳурӣ соли 1991-ум энергияи барқи истеҳсолшуда 17427 млн.кВт.соат ташкил дода, истифодабарии он ба 19013 млн.кВт.соат баробар шуда буд. Дар соли 2013 энергияи барқи истеҳсолшуда 16927 млн.кВт.с. ташкил дода истифодабарии он ба 15983 млн.кВт. расид. Сабаби асосии нисбатан кам шудани ҳаҷми истеҳсол ва истифодабарии энергияи барқ ин, дар соли 2009 ҷудо намудани системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Системаи энергетикии муттаҳидаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар натиҷа кори параллелии энергосистемаҳо ғайриимкон гардида, содирот намудани энергияи барқи изофагиро дар тобистон ва воридоти онро аз хориҷи ҷумҳурӣ маҳдуд намудааст.

Дар баробари ин, дар давраи соҳибистиқлолӣ чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ энергетикаи хурд дар низ дар ҷумҳурӣ тараққӣ намуд. Вобаста ба мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи оби қулай мебошанд. Барои сохтмони онҳо муддати тулонӣ ва маблағҳои зиёд лозим нест. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ аз ин имконият васеъ истифода мебаранд. Ин омилҳоро ба назар гирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ин соҳа диққати ҷиддӣ медиҳад. Бо ин мақсад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №73 аз 2 феврали соли 2009 «Барномаи дарозмуддати сохтмони силсила нерӯгоҳҳои хурд дар давраҳои солҳои 2009-2020» қабул карда шудааст. Тибқи ин Барнома дар ҳудуди вилояти Хатлон бояд 34 адад (Айни замон дар қаламравӣ вилоят 59 адад НБО-и хурд сохта шудаанд. Аз ин 48 адади он фаъолият намуда, 11 адади он ба сабабҳои гуногун фаъолият намекунад.), дар ҳудуди вилояти Суғд бояд 41 адад (Айни замон дар вилоят 71 адад НБО-и хурд сохта шудааст, аз ҷумла дар н. Кӯҳистони Мастчоҳ 12 адад, н. Айнӣ 15 адад ва н. Панҷакент 5 адад ва дигар ноҳияҳо) ва дар дигар минтақаҳо НОБ-и хурд бояд сохта ба истифода дода шаванд.

То соли 1991 зери назорати ШСХК «Барқи Тоҷик» НБО –и хурди «Питовкул-1» (н. Ҷиргатол) қарор дошт, ки соли 1964 сохта шуда буд. Иқтидори лоиҳавиаш 2 х 230 кВт буда, асосан маркази ноҳияи Ҷиргатол ва як қисми деҳоти Питовкулро бо қувваи барқ таъмин мекард.

Соли 2014 бо ҷалби сармояҳои ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ татбиқи як қатор лоиҳаҳои дигар низ идома ва оғоз хоҳанд ёфт.

Мувофиқи созишномаи баимзорасидаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Рушди Осиё лоиҳаи «Минтақавии интиқоли қувваи барқ» (тавассути гранти БРО-122 млн. доллари ИМА) аз 3 қисмати асосӣ ва 1 барнома иборат буда, дар доираи он иншоотҳои зерин сохта ва барқарор карда хоҳанд шуд:

-сохтмони хатҳои интиқоли барқи 220 кВ (Қайроққум- Ашт ва Геран- Румӣ) ва васеъсозии зеристгоҳҳои 220 кВ (Қайроққум, Ашт);

-барқарорсозии зеристгоҳҳои 500 кВ ва 220 кВ (Регар ва зеристгоҳҳои 220 кВ Қайроққум, Геран, Бойғозӣ) ва сохтмони зеристгоҳи нави 220 кВ «Геран-2»;

-созмон додани системаи «SKADA» ва «Маркази танзимии ШСХК «Барқи Тоҷик»»;

-барномаи «Беҳбуди даровардан ба сохтори идоравии соҳаи электроэнергетикаи Тоҷикистон».

Дар соли 2014 ҳамчунин амалӣ намудани тадбиқи лоиҳаи «Таҷдиди зеристгоҳи«Регар-500 кВ»» (қарзи ЭксИмБонк-36,9 млн. доллари ИМА) идома хоҳад ёфт.

Бо мақсади иҷрои банди 8-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.марти соли 2013 №122 «Дар бораи сари

вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2013-2014» ҷиҳати ба кор даровардани дегхонаҳои «Шарқӣ», «Ғарбӣ» ва ба кор омода намудани МБГ ш.Душанбе бо иқтидори 60 МВт, дар давраи тирамоҳу зимистон аз рӯи нақша то саршавии мавсими тирамоҳу зимистон (то 1 октябр) таъмири ҷорӣ ва асосии таҷҳизотҳо ба итмом расонида шудааст.

Энергия гармӣ аз МБГ ба муштариён бо воситаи хатҳои интиқоли энергияи гармии «Чапи-1»(дарозиаш 20,04 км), «Чапи-2»(дарозиаш 19,93км), «Рости-1»(дарозиаш 17,64 км) ва «Рости-2» (дарозиаш 17,22 км) интиқол дода мешаванд, ки дар солҳои охир танҳо хати «Чапи-2» фаъолият мекунад. Хати интиқоли гармии «Чапи-1» дар холати садамавӣ қарор дорад.

Дар МБГ-и ш. Душабе дар мавсими гармидиҳӣ, бо сабаби қатъ гардидани гази табии ба ҷумҳурӣ, истеҳсоли энергияи барқ бо иқтидори 42 МВт (ё 21,2% аз иқтидори воқеии 198 мВт) ва энергияи гармӣ бо иқтидори 48,56 Гкал/соат (ё 13,6% аз иқтидори воқеии 357 Гкал/соат) ба нақша гирифта шуда, бо ин мақсад тибқи муқарарроти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2013 №122 то 1 октябри соли равон захира намудани 35 ҳазор тонна мазути камсулфур пешбинӣ гардида буд.

Дар давраи аз моҳи июни соли 2013 то 2 январи соли 2014 ба МБГ-и шаҳри Душанбе 12565, 408 тонна мазут ворид карда шудаст, ки дар маҷмӯъ бо назардошти 1587,363 тонна мазути пештар дар бақияи буда, захираи мазут ба мавсими зимистонгузаронӣ 14152,771 тоннаро, ё худ 40,4%-и нақшаро ташкил дод. Хароҷоти мазут барои истеҳсолот дар ин давра (июн-то 2 январи 2014 сол) 5135,914 тоннаро ташкил дода, ба санаи 2 январи соли 2014 бақияи мазут дар МБГ - 9016,857 тоннаро ташкил медиҳад.

Умуман, ШСХК «Барқи Тоҷик» вобаста ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.марти соли 2013 №122 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2013-2014», 313 номгӯи чорабиниҳо ба нақша гирифт. Аз ин миқдор чорабинҳо то 31 декабри соли 2013 264 адади онҳо, ё худ 84 фоизи онҳо бо пурраги ва 35 адади онҳо қисман иҷро гардидаанд. Асосан барои иҷро намудани дигар чорабиниҳои боқимонда боз 38,4 тонна равғани трансформаторӣ, 66 тонна равғани турбинӣ ва захира намудани мазуту ангишти боқимонда лозим мебошад.

Дар фарҷоми сухан гуфтаниям , ки ҳамаи мо дар ояндаи наздик бо татбиқ ва амалӣ гардонидани лоиҳаҳои аҳамияти байналхалқӣ дошта, сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ва хатҳои баландшиддати барқии 500 кВ дар доираи лоиҳаи «CASA-1000» умед дорем. Он рузҳо барои мардуми азизи Тоҷикистон дур нестанд, ки камчинии нерӯи барқ аз ёдҳо зудуда гашта некӯаҳволии шарҳвандони ҷумҳурӣ рӯз то рӯз беҳтар мегардад.

Н. Юнусова

**Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ дар самти амнияти энергетикӣ.**

Муаллиф дар маколаи мазкур масъалахои таъмини амнияти милиро дар сохаи амнияти энергетики мавриди тахкик карор дода,пахлухои мухталифи таъмини ресурсхои энергетикиро дида баромадааст.

**Вожаҳои калидӣ:** таъмини манфиатҳои миллӣ, амнияти энергетикӣ, сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ, барқи тоҷик, моҳияти минтақавӣ.

N. Unusova

**National interest's issues in the field of energy security**

The author of this article considers the peculiarities of the national interests in the field of energy security and reveals different aspects of ensuring security of energy resources in the RT.

**Keywords:** ensuring national interests, energy security, the construction of hydroelectric power stations, electricity Tajikistan's regional significance

# ВОПРОСЫ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ ПОСЛЕ ОБРЕТЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ

Д.С. Джумаев

В данной статье автор, анализируя состояние экологической безопасности в республике после обретения независимости, отмечает, что, несмотря на принятые меры, она вызывает серьезное беспокойство, так как усиливаются тенденции деградации земель и горных экосистем, сокращаются биоразнообразия, увеличивается объем образования твердых промышленных и бытовых отходов, в неудовлетворительном состоянии находятся хвостохранилища радиоактивных отходов, расточительно используются природные ресурсы, что приводит к их необратимому истощению. В создавшейся ситуации автор ставит вопрос о том, что предотвращение вышеназванных экологических угроз, устранение вызывающих ее факторов должно составлять сегодня смысл деятельности не только государства в целом и соответствующих государственных природоохранных структур, но и других институциональных субъектов политической системы.

**Ключевые слова**: экологическая безопасность, охрана природы, экологическая политика, окружающая среда, природные ресурсы, ухудшение экологии, изменение климата, государственная независимость.

После обретения государственной независимости социально-экономическое развитие Республики Таджикистан, как и все страны СНГ, в основном было ориентировано на быстрые темпы подъема народного хозяйства, экономическую самостоятельность и решению существующих экологических проблем как национального, регионального, так и глобального характера. По этому поводу, профессор Махмадов А.Н. отмечает, что « ухудшение экологии долгие годы в Таджикистане традиционно не рассматривалась в качестве угрозы национальной безопасности, однако сегодня многие экологические проблемы заставляют рассматривать охрану окружающей среды в качестве угрозы национальной безопасности не только для Таджикистана, но и безопасности Центральноазиатских республик… Несмотря на это некоторые государства считают данную проблему второстепенной, и свои важные жизненные интересы ищут в других странах мира»[1]. Следовательно, вопросы экологической безопасности в Таджикистане имеют важное значение для поиска механизмов воздействия на динамику феномена безопасности.

Таким образом, за период государственной независимости в республике начала активно формироваться новая экологическая политика переходного периода, ориентированная на укрепление нормативно-правовой базы, совершенствование национальных систем управления. Изменилось отношение предприятий к планированию своей деятельности, начал формироваться механизм экономического стимулирования природоохранной деятельности.

Активизировалась работа Правительства страны в международном сотрудничестве, в участии в международных и региональных экологических программах, как одного из путей эффективного решения экологических проблем. Успех социально-экономических преобразований во многом зависит от проводимой экологической политики, что нашло отражение в Конституции страны, в статье 13 «Земля, ее недра, вода, воздушное пространство, животный и растительный мир и другие природные ресурсы являются исключительной собственностью государства, и государство гарантирует эффективное их использование в интересах народа». Дополнительно к этому, охрана природы является конституционной обязанностью каждого гражданина.

За годы своей независимости для создания правовой основы в целях достижения устойчивого развития Правительством Республики Таджикистан и Парламентом страны принят ряд при-

[1] Махмадов А.Н., Раджабов Ш.А. Безопасность как феномен социальной системы. (Опыт социально-политического анализа). - Душанбе, 2007. - С. 98-99.

родоохранных и природоресурсных законодательных актов. Среди них Законы «Об охране природы» (1993г.), «О недрах» (1994г.), «Об охране и использовании животного мира» (1994г.), «Об охране атмосферного воздуха» (1996г.), «Об охране и использования растительного мира» (2004г.), «О биологической безопасности» (2005г.), «Об охране окружающей среды» (2011г.), «Об охране особо охраняемых природных территориях» (2011г.), Водный кодекс (1993), Лесной кодекс (1993),Земельный кодекс (1996), и др.

Стоить отметить, что здесь ключевое место занимает Закон Республики Таджикистан «Об охране природы». Этот закон в качестве ведущих принципов в области охраны окружающей среды закрепил приоритет охраны жизни и здоровья человека, определил природоохранную политику государства с целью обеспечения охраны природной среды, а также оказал содействие в создании необходимой правовой базы для развития природоохранного законодательства, регулирующего отношения по охране и использованию отдельных видов природных объектов.

В целях реализации экологической политики за последние годы реализовывался целый ряд государственных и отраслевых программ в области обеспечения экологической безопасности. В частности, успешно выполнены Государственная экологическая программа на период 1998-2008 гг. и Государственная программа по экологическому образованию и воспитанию населения Республики Таджикистан на период до 2010 года.

В принятых государственных программах определены основные направления работ государственных органов, всей общественности на длительный период.

Указанные основополагающие документы способствовали сохранности и приумножении природных ресурсов, повышению ответственности каждого руководителя в принятии решений, вовлечению всех слоев населения в активную деятельность в деле охраны окружающей среды.

Проведение в жизнь указанных программ и планов в рамках реализации экологической политики государства, несмотря на трудности их своевременной реализации, способствовало в Таджикистане сохранению крупнейшего в Центральной Азии массива естественных экосистем. В настоящее время около 70% территории Таджикистана относится к неподвергшимся существенным хозяйственным воздействиям и относительно сохранившимися ненарушенным экосистемам, который служит резервом устойчивости биосферы.

За последние несколько лет Таджикистан активно включился в реализацию Международных конвенций ООН. Парламентом страны ратифицированы природоохранные конвенции, что регулирует правовые отношения на международном уровне и приводит к определенным правовым обязательствам государства. Среди них:

- Конвенция по борьбе с опустыниванием;
- Рамочная Конвенция по изменению климата;
- Конвенция по охране озонового слоя. Протокол по веществам, разрушающим озоновый слой (Монреаль);
- Конвенция о биологическом разнообразии;
- Конвенция о водно-болотных угодьях, имеющих международное значение, особенно в качестве мест обитания водоплавающих птиц (Рамсарская Конвенция);
- Конвенция об охране мигрирующих видов диких животных (Бонская Конвенция);
- Конвенция о доступе к информации, участии общественности в процессе принятии решений и доступе к правосудию по вопросам, касающимся окружающей среды (Орхусская Конвенция);
- Конвенция об оценке воздействия на окружающую среду (ОВОС) в трансграничном контексте;
- Киотский Протокол по сокращению выбросов парниковых газов в атмосферу;
- Конвенция по стойким органическим загрязнениям (СОЗ);
- Картахенский Протокол по Биобезопасности.

августа 2008 года «Об обеспечении защиты прав ребенка». До этого момента функции по защите прав детей выполняла Комиссия по делам несовершеннолетних, которая была образована Указом Президента Республики Таджикистан от 23 февраля 1995 года. Данное Постановление упразднило Комиссию по делам несовершеннолетних, передав ее функции и полномочии Комиссии по правам ребенка. На начало 2014 года только в районе Фирдавси г.Душанбе функционирует орган опеки и попечительства в отделе образования хукуматов района, в остальных районах города созданы комиссии по прав ребенка. Также Комиссии по правам ребенка располагает широкими полномочиями, но главное из них обеспечение защиты прав ребенка и в отношениях граждан Республики Таджикистан в рамках своей компетенции зачастую оказывает защиту прав детей за пределами Таджикистана.

Сегодня важным вопросом государственной политики в сфере защиты прав детей является частичная деинституционализация института опеки и попечительства. В этой связи не менее важной для государства было привлечение общественности и их активное участие в деле воспитания и устройства детей сирот.

Модель указанной формы взаимодействия между государством и общественными организациями уже разработаны. Однако в силу отсутствия нормативно-правового акта о механизме участия и содействия общественных объединений в решении проблем устройства детей, лишенных родительской опеки, данная позиция соответственно требует корректировки и уточнения. При этом надежная реализация последнего во многом зависят проблемы обеспечения неотъемлемых прав ребенка на достойную жизнь и воспитание в семье.

## Литература


1. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2001. – №7. –Ст.508.
2. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2002. – №4. –Ч.1. – Ст.170.
3. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2005. – №3. –Ст.125.
4. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2006. – №4. –Ст.196.
5. Из выступления Президента Эмомали Рахмон от 26.04.2013 года [Электронный ресурс] /Послание к Маджлиси Оли. – Режим доступа: www.president.tj (дата обращения: 01.09.2014).
6. Куропатская Е.Г. Опека и попечительство как способ защиты прав детей, утративших родительское попечение: дис… канд, юрид.наук:12.00.03 / Куропатская Елена Григоревна. –М., 2011.
7. Мягдесян Г.А. Теоретические аспекты гражданско-правового регулирования опеки и попечительства в Российской Федерации: дис… канд. юрид. наук: 12.00.03 / Мягдесян Галина Андреевна. – М., 2009.
8. Отчет Республики Таджикистан по реализации Конвенции Организации Объединенных Наций «О защите прав ребенка за период с 2000 по 2006 гг.». – Душанбе,, 2007.
9. Таблица «Основные демографические показатели.xls». URL: http://www.stat.tj/russian/database.htm (дата обращения: 11.10.2014).
10. Урумова Т.О. Опека и попечительство над несовершеннолетними детьми: актуальные проблемы правового регулирования: дис… канд. юрид. наук:12.00.03 / Урумова Татьяна Олеговна. – М., 2003.


**М.М. Холинова**

## Баъзе масоили падидаҳои васояту парасторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур баъзе аз паҳлуҳои муҳими институти васояту парасторӣ, ки ба сифати воситаи ягонаи таъмини кудакони бепарастор, ятим, кудаконе, ки волидайнашон аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум гаштаанд, баромад мекунад, мавриди таҳлил ва омузиш қарор гирифтааст.

**Вожаҳои калидӣ:** васоят, парасторӣ, кудакон, шахсони аз ҳуқуқи волидайни маҳрумгашта, стандарти байналхалқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кудак, деинститутсионализатсияи институти васояту парасторӣ.

M.M.Kholinova

## Current condition guardianship and trusteeship institution in Tajikistan

The article highlights some aspects of the current state of institutions of guardianship and trusteeship, as the only means and forms of children deprived of parental care in Tajikistan.

Keywords: guardianship, trusteeship, children deprived of parental care, international standards for the protection of children's rights, de-institutionalization of the institute of guardianship and trusteeship.

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИ АВРУПО

**Ф.Ф. Идиев**[1]

Дар мақолаи мазкур таърих ва асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

**Вожаҳои калидӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо, Ҷомеаи Аврупо, Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр соли 1924 ба ҳайси Ҷумҳурии мухтор дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфт. Соли 1929 Тоҷикистон ба ҳайси Ҷумҳурии Иттифоқӣ дар ҳайати ИҶШС шомил гардид. Солҳои 90-уми асри XX ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар дохили ИҶШС пайдо гардида, 15 ҷумҳурии ҳайати онро фаро гирифт. Аз лаҳзаи таъсиси ИҶШС меъёрҳои ҳуқуқи Шӯравӣ аз рӯи консепсияи соҳибихтиёрии маҳдуд дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ амал менамуданд. Конститутсияи соли 1977 - и ИҶШС гарчанде соҳибихтиёрии ҷумҳуриҳои иттифоқиро мустаҳкам намуда бошад ҳам, он хислати эъломиявӣ дошта, дар амал татбиқ намудани соҳибихтиёрӣ ғайриимкон буд. Конститутсияи соли 1977 ба ҳайси нишонаи асосии соҳибихтиёрӣ - баромадан аз ҳайати ИҶШС-ро дарҷ намуда буд.

Заминаи ҳуқуқиву сиёсии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Эъломияи соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб меравад, ки 24-уми августи соли 1990 аз тарафи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул гардид. Дар эъломияи мазкур оид ба баромадан аз ҳайати ИҶШС қайд нагардида, танҳо гуфта мешуд, ки ҷумҳурӣ роҷеъ ба даст овардани ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ, ки Конститутсияи соли 1977 –и ИҶШС ва Конститутсияи соли 1978 – и ҶШС Тоҷикистон кафолат додааст, талошҳо менамояд. Дар эъломия қайд карда мешавад, ки санадҳои ИҶШС, ки ба ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии ҶШС Тоҷикистон мухолифат мекунанд, аз тарафи Шӯрои Олии Тоҷикистон боздошта мешаванд. Тоҷикистон ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои Иттифоқиро эҳтиром намуда, муносибати худро бо онҳо дар асоси шартнома аз рӯи принсипи баробарии соҳибихтиёрӣ барпо менамояд (м.6).

Ба ҷараёни соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ кӯшиши табаддулоти давлатии моҳи августи соли 1991, ки дар шаҳри Маскав рух дод, вусъат бахшид. Моҳи сентябри соли 1991 ба Эъломияи соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ як қатор тағйиротҳо ворид карда шуда, тибқи ин тағйиротҳо амали санадҳои ИҶШС дар қаламрваи ҶШС Тоҷикистон қатъ гардид. ҶШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ эълон гардид.

9 сентябри соли 1991 бо қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ҳайси субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намудани он эълон гардид. Зикр кардан бомаврид аст, ки барои дар муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иштирок намудан эътирофи давлат аз ҷониби дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, инчунин узвият ба ин гуна созмонҳо ногузир мебошад. Бо ҳамин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шӯрои Амнияти СММ оид ба узвияти ин созмон қабул гардидан ариза навишт. Шӯрои Амният дар ҷаласаи 3044-уми худ аризаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба узвияти СММ қабул гардидан ба Ассамблеяи Генералӣ тавсия пешниҳод намуд. Ассамблеяи Генералӣ дар ҷаласаи

[1] Ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ.

82-юми худ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба узвияти СММ қабул намуд[1].

Ба ғайр аз ин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомҳои мушаххас оид ба узвияти созмонҳои байналмилалии дигар шомил гардидан андешида шуд. Чунончи, Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботҳои пешниҳоднамудаи Кумитаи мансабдорони воломақоми Машварати амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро (МАҲА, ҳозира САҲА) оид ба қабули Санади хотимавии Хелсинки, Хартияи Париж барои Аврупои нав ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои МАҲА, инчунин аз рӯи онҳо амал намуданро пазируфта, 26 феврали соли 1992 ба узвияти ин созмон қабул гардид.

Ба ғайр аз ин, 13 январи соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4 Муоҳидаи Женева аз соли 1949 ва ду Протоколи иловагӣ ба онҳо ҳамроҳ гардид.

Иттиҳоди Аврупо то ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои эътирофнамоиро ба ҷумҳури-ҳои собиқ Шӯравӣ пешниҳод намуд, ки инҳо риояи Оинномаи СММ, ӯҳдадори-ҳо дар доираи Санади хотимавии МАҲА (ҳозира САҲА) оид ба волоияти қонун, демократия ва ҳуқуқи инсон мебошанд. Пас аз он, ки ҶТ ҳамаи талабҳои аз ҷониби Ҷомеаҳои Аврупо пешниҳодгардидаро пазируфт, 16 декабри соли 1991 аз ҷониби Ҷомеаи Аврупо ба ҳайси давлати соҳибистиқлол эътироф гардида, ба муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии онҳо замина гузошт.

Дар замони муосир ҳамкорӣ яке аз воситаҳои асосии аз ҷониби давлатҳо амалигардонии мақсадҳои худ мебошад, зеро ягон давлат дар шароити муҳосираи иқтисодӣ ва сиёсӣ фаъолият карда наметавонад. Дар амалӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҳуқуқи байналмилалӣ нақши муҳимеро мебозад.

Ба роҳ мондани механизми ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз давраҳои гуногун иборат мебошад. Аввалин қадамҳо оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар оғози солҳои 90-ум бо пароканда шудани ИҶШС пайдо шуд. Қайд кардан бомаврид аст, ки то пароканда шудани ИҶШС 18 декабри соли 1989 Созишнома байни ИҶШС ва Ҷомеаи Аврупо оид ба тиҷорат ва ҳамкориҳои иқтисодӣ баста шуда буд. Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС созишномаи мазкур бо табодули мактубҳои тарафайн аз соли 1994 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо баромад кард.

Чи хеле, ки дар боло зикр гардид ба ҳамкории ҶТ бо ИА асосан 16 декабри соли 1991 замина гузошта шудааст. Дар ин рӯз Ҷомеаи Аврупо ва давлатҳои он дар изҳороти якҷояи худ соҳибихтиёрии давлатҳои собиқ Шӯравиро эътироф намуданд. Дар аввал ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷомеаи Аврупо дар доираи Офиси барномаи комиссияи Аврупоӣ оид ба ҳолатҳои фавқуллода (ECHO) сурат гирифта, ёриҳои башардӯстона ба ҷумҳурӣ расонида мешуд. 9 январи соли 1992 Комиссияи ИА ба Шӯрои Ҷомеаи Аврупо таклиф оид ба вусъат додани ҳамкориҳоро бо ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ пешниҳод намуд.Дар таклиф қайд гардида буд, ки Созишномаи савдо ва ҳамкорӣ бо ИҶШС бояд ба созишномаҳои нав бо давлатҳои тозаистиқлол иваз карда шавад.Бо ин мақсад Комиссия пешниҳод намуд, ки бо ҳукумати давлатҳои тозаистиқлоли собиқ шӯравӣ оид ба мазмуни ояндаи созишномаи савдо ва ҳамкорӣ гуфтушунидҳо оғоз гардад. 2 марти соли 1992 Шӯро дар асоси пешниҳоди комиссия оид ба иваз намудани Созишномаи савдо ва ҳамкорӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар шакли нав қарор қабул намуд.Тибқи қарори мазкур бо роҳи пешниҳоди табодули мактубҳо оид ба идомаи амали шартнома бо ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ иҷозат дода шуд. Соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷомеаи Аврупо оид ба идомаи амали Созишнома дар бораи савдо ва ҳамкориҳои иқтисодӣ мактуб ирсол намуд, ки ин мактуб аз ҷониби созмони мазкур дастгирӣ ёфт.

Санади байналмилалӣ-ҳуқуқии дигар, ки ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро ба танзим медарорад, ин Созишнома дар бораи тиҷорати молҳои нассоҷӣ байни Ҷомеаи Аврупо ва ИҶШС аз соли 1989 мебошад

[1] Ниг.: ба ҳуҷҷати СММ A/RES/46/228 аз 2 марти соли 1992. URL:www.un.org (санаи муроҷиат: 09.03.2015).

ва муҳлати амали созишномаи мазкур то 31 декабри соли 1992 муқаррар гардида буд. Бинобар ба охир расидани муҳлати Созишнома дар бораи тиҷорати молҳои нассоҷӣ, Шӯрои ИА 18.03. с. 1993 ҷиҳати идомаи созишномаи мазкур бо ҷумҳуриҳои Россия, Қазоқистон, Украина, Белорус, Гурҷистон, Молдавия, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон қарор қабул намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Созишнома дар асоси ҳуқуққабулкунӣ ҳамроҳ гардид[1].

Бояд зикр кард, ки аз ҷониби Ҷомеаи Аврупо як зумра қарорҳои яктарафа баҳри инкишоф додани ҳамкориҳо бо ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ қабул гардида буд, ки мақсади асосиашон вусъат бахшидани гузариши ин ҷумҳуриҳо ба иқтисоди бозоргонӣ, инкишофи демократия ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб мерафт.

Дар ҷаласаи Шӯрои ҶА 14-15 марти соли 1990 қарор оид ба ёрии молиявии ҶА ба ислоҳоти иқтисодии ҷумҳуриҳои ИҶШС қабул гардид, ки барои амалӣ намудани он барномаи ТАСИС кушода шуд[2]. Ҳадафи барномаи мазкур аз ёрии техникӣ, иқтисодӣ, инчунин шарикиву ҳамкорӣ бо ҷумҳуриҳои ИҶШС ба ҳисоб рафта, барои амалӣ гаштани он байни Комиссияи Аврупоӣ ва хукумати давлатҳои иштирокчӣ бастани созишнома пешбинӣ гардида буд. Дар соли 1993 дар асоси созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷомеаи Аврупо барномаи ТАСИС ба фаъолият шуруъ намуда, пасон зербарномаҳои он низ ифтитоҳ ёфтанд. Барномаи ТАСИС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 ба фаъолият шуруъ намуда, дар самти барқарорсозии сулҳу субот дар кишвар саҳмгузор мебошад.

Соли 1995 аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо таклиф оиди дар доираи барномаи ТАСИС кушодани барномаи ТРАСЕКА[3] пешниҳод карда шуд, ки баъдан Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он гардид. Мақсади барномаи ТРАСЕКА ба беҳтар гардидани шабакаи нақлиётӣ, ки Аврупоро ба воситаи Қафқоз ба Осиёи Марказӣ ва Чин мепайвандад, ба ҳисоб мерафт. Ба ғайр аз ин мусоидат намудан ҷиҳати пайвастан ба шабакаи байналмилалии нақлиёти автомобилӣ, нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан, баланд бардоштани шумора ва сифати мусофиркашонӣ, инчунин мутобиқ гардонидани сиёсати тиҷоратии давлатҳои аъзо ҳадафҳои барнома ба ҳисоб мерафт.

Барномаи дигар ТЕМПУС[4] мебошад, ки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маориф ба танзим медарорад. Қарор оид ба ифтитоҳи барномаи ТЕМПУС 7 майи соли 1990 аз ҷониби Шӯрои ИА қабул гардида, мақсади он расонидани ёрӣ ба ҷумҳуриҳои ИҶШС дар низоми маълумоти олӣ бо роҳи ҳавасмандгар-донии донишҷӯёну устодон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, замонавӣ гардонидани зерсохторҳои таълимӣ ва ғ. ба ҳисоб мерафт[5].

Марҳилаи нав дар ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз соли 2000-ум сарчашма мегирад. Соли 2001-ум ҷаласаи якуми кумитаи муштараки Тоҷикистону Итти-ҳоди Аврупо дар доираи Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорат ва иқтисо-диёт баргузор гардид, ки дар он масъ-алаҳои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, шомил гардидани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, тиҷорати молҳои нассоҷӣ ба ИА, сармоягузории ИА ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва расонидани ёриҳои башардӯстона мавриди баррасӣ қарор гирифтанд[6].

Бо мақсади инкишоф ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳо соли 2001 дар шаҳри Брюссели давлати Белгия намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ифтитоҳ ёфт. Соли 2004

---

1 Маҷаллаи расмии Итттиҳоди Аврупо (Official Journal of the European Union – OJ) OJ C 110.204.1993.P.8.

2 Назиров Б.Т. Международно - правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Европейского Союза. Дисс... канд. юрид. наук. - М., 2011. - С.72.

3 ТРАСЕКА- Барномаи мусоидати техникии «Роҳрави нақлиётии Европа- Қафқоз- Осиё».

4 ТЕМПУС - Нақшаи фароаврупоии ҳамкорӣ дар самти маълумоти олӣ.

5 Европейский Союз — Таджикистан. Техническое и финансовое сотрудничество.// Представительство в Республике Таджикистан. URL: http://www.tajik-gateway.org/wp/?page_id=26058 ( санаи мурочиат 20.09.15)

6 Идиев Ф.Ф. Ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо. Душанбе 2014. С.171.

Комиссияи Аврупоӣ қарор оид ба ифтитоҳи намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуд[1].

Ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар марҳилаи нав сафари намояндаи Комиссияи Аврупоӣ бо роҳбарии директор оид ба робитаҳои берунӣ Курт Йулла дар моҳи декабри соли 2002 вусъати тоза бахшид. Зимни вохӯрии Курт Йулла бо Президенти мамлакат Э. Раҳмон самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои тарафайн мавриди баррасӣ қарор дода шуд[2].

Шӯрои ИА бо қарори худ №15078/01 аз 10 декабри соли 2001 Комиссияи Аврупоро ваколатдор намуд, ки гуфтушунидҳоро бо Ҳукумати ҶТ оид ба иваз намудани Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорат ва иқтисодиёт аз соли 1989 –ро шуруъ намоянд.

Дар ҷаласаи сеюми Кумитаи муштараки Тоҷикистону ИА, ки 15 декабри соли 2003 баргузор гардид, тарафҳо оид ба матни охирини лоиҳаи созишномаи шарикиву ҳамкорӣ ба мувофиқа расиданд. 11 октябри соли 2004 зимни сафари Президенти ҶТ Э.Раҳмон ба шаҳри Люксембург Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ (минбаъд СШҲ) бо раиси Комиссияи Аврупоӣ ва роҳбарияти давлатҳои аъзои ИА ба имзо расид[3].

Созишномаи мазкур аз 101 модда, 11 фасл ва 4 протоколи замимагардида иборат мебошад. Самтҳои асосии ҳамкорӣ тибқи созишномаи мазкур чунин мебошанд: ҳамкорӣ дар соҳаи қонунгузорӣ, дар соҳаи савдои молҳо ва хизматрасонӣ, ҳамкории саноатӣ, дастгирӣ ва ҳимояи сармоягузорӣ, харидҳои давлатӣ, стандартикунонӣ ва баҳогузорӣ тибқи стандартҳо, саноати маъданҳои кӯҳӣ, илм ва технология, маориф ва тайёрии касбӣ, хоҷагии қишлоқ ва саноати кишоварзӣ, энергетика, муҳити зист, нақлиёт, телекоммуникатсия ва хизмати почтавӣ, хизматрасонии молиявӣ ва институтҳои андозӣ, хусусигардонии корхонаҳо, тараққиёти минтақавӣ, самти иҷтимоӣ, туризм, корхонаҳои хурд ва миёна, иттилоот ва алоқа, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, масъалаҳои гумрукӣ, ҳамкорӣ дар бахши омор, илм, иқтисодиёт, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва мубориза бо терроризм[4].

Мутобиқи фасли 2-юми Созишнома механизми мунтазами муколамаи сиёсиву ҳамкорӣ таъсис дода мешавад, ки мақсади он мустаҳкам гардонидани ҳамкорӣ дар байни онҳо мебошад. Тибқи моддаи 77-и Созишнома муколамаи сиёсӣ дар сатҳи вазирон дар доираи Шӯрои ҳамкорӣ гузаронида мешавад. Барои амалӣ гардонидани банди мазкур Шӯрои ҳамкорӣ ва комиссияи парлумонӣ оид ба ҳамкорӣ таъсис дода шудааст, ки он аз аъзоёни Ҳукумати ҶТ, намояндагони Шӯрои ИА ва Комиссияи ИА иборат мебошанд. Шӯрои ҳамкорӣ салоҳияти зерин дорад:

1) Баррасии масъалаҳои назорати иҷроиши СШҲ;
2) Омӯзиши проблемаҳои асосии дар доираи СШҲ пайдошаванда ва дигар масъалаҳое, ки манфиати тарафайн дар он зоҳир мегардад;
3) Тавсияҳо медиҳад;
4) Баҳси тарафҳоро вобаста ба маънидокунии созишномаи мазкур баррасӣ менамояд[5].

Аввалин ҷаласаи Шӯрои ҳамкорӣ 13 декабр соли 2010 дар шаҳри Брюселл баргузор гардида, дар натиҷа тарафҳо бо мақсади иҷроиши қарорҳои Шӯро, Кумитаи ҳамкориро таъсис доданд. Тибқи моддаи 79-и Созишнома, Кумита аз намояндагони Комиссияи ИА ва Ҳукумати ҶТ иборат мебошад.

Ба ғайр аз Шӯро комиссияи ҳамкории парлумонӣ таъсис дода шудааст, ки форуми аъзоёни Парлумони ҶТ ва ИА ба ҳисоб рафта, тавсияҳо кабул менамояд.

Созишномаи мазкур бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 3 октябри соли 2005 таҳти №119 ба

---

[1] Ниг. ба сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Точикистон - www.mfa.tj
[2] Ниг. ба: Сайидзода З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004 гг.). Душанбе: Авасто, 2009. - С. 302.
[3] Ниг. ба сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.mfa.tj
[4] Назиров Б.Т. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Европейского Союза. Дисс... канд. юрид. наук. - М., 2011. - С.77.
[5] Созишномаи шарикиву ҳамкории байни Ҷумхурии Тоҷикистон ва Ҷомеаи Аврупо аз 11 октябрисоли 2004.// Бойгонии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

тасвиб расида, тартиботи мазкур аз ҷониби ИА муддати тулонӣ кашол ёфт. Тасвиби Созишнома бо он сабаб аз ҷониби ИА кашол ёфт, ки он бояд аз ҷониби ҳамаи давлатҳои аъзо дар маҷмуъ ба тасвиб мерасид. Пас аз тасвиби Созишнома аз ҷониби ҳамаи давлатҳои ИА 1- уми январи соли 2010 мавриди амал қарор гирифт.

То ба тасвиб расидани Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ 11 октябри соли 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо «Созишномаи муваққатӣ оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ байни Ҷомеаи Аврупо, Ҷомеаи Аврупоии энергияи атомӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд созишномаи муввақатӣ)» ба имзо расонида шуд. Мақсади асосии созишномаи муввақатӣ ин таъмини амалишавии Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт.

Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо як қатор ҳуҷҷатҳои дигар қабул гардидаанд, ки ҳамкории ин созмонро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Инҳо стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2002-2006 ва 2007-2013 мебошад.

Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ дар аввал баҳри инкишофи самтҳои зерин равона гардида буданд:

- муътадил сохтани вазъи дохилии сиёсӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ;

- расонидани ёрии иқтисодӣ ба ҷумҳуриҳои нави демократӣ дар ҷараёни дохилшавӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ ва пайвастани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ[1].

Соли 2007 Иттиҳоди Аврупо Стратегияи Иттиҳоди Аврупоро барои шарикии нав бо Осиёи Марказӣ қабул намуд.Ҳадафи асосии стратегияи мазкур ин таъмини манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои амният, идоракунии манбаҳои электрикӣ ва ғ. ба ҳисоб мерафт.

Тибқи стратегия мазкур самтҳои асосии ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар соҳаи ҳуқуқи инсон;
2. Идоракунӣ ва ҳифзи сарҳад, инчунин мубориза бар зидди хариду фуруши маводи мухаддир;
3. Азхудкунии манбаъҳои энергия;
4. Ҳифзи муҳити зист ва идоракунии захираҳои обӣ;
5. Соҳаи иҷтимоиёт (ҳифзи саломатӣ);
6. Тараққӣ додани иқтисодиёт;
7. Тиҷорат ва ҳамкории сармоягузорӣ (Мусоидати Иттиҳоди Аврупо оид ба шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо);
8. Соҳаи энергетика;
9. Безараргардонии сарҳади байни Тоҷикистону Ӯзбекистон аз минаҳо;
10. Дар соҳаи волоияти қонун.[2]

Ҳамин тариқ, пайдоиши асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад. Дар марҳилаи аввал Созишномаи ҳамкорӣ дар бахши тиҷорат ва иқтисодиёт байни ИҶШС ва Ҷомеаи Аврупо аз соли 1989 баромад мекард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо ин созмони байналмилалӣ ҳамкорӣ мекард.

Марҳилаи дуюм ин барқарор намудани ҳамкориҳо, ки аз эълон намудани соҳибихтиёрии кишвар сарчашма мегирад. Дар ин марҳила Ҷомеаи Аврупо шартҳои эътирофнамоии ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли собиқ шӯравӣ, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, пас аз иҷро гардидани шартҳо соҳибистиқлолии охиринро эътироф намуд.

Марҳилаи сеюм Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бастани Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ аз 11 октябри соли 2004 самтҳои муштараки ҳамкориро дар соҳаи қонунгузорӣ, савдои молҳо ва хизматрасонӣ, ҳамкории саноатӣ, дастгирӣ ва ҳимояи сармоягузорӣ, харидҳои давлатӣ, стандартизатсия ва баҳогузорӣ тибқи стандартҳо, саноати маъданҳои кӯҳӣ, илм ва технология,

---

[1] Ниг. ба: Муносибати байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.mfa.tj (санаи муроҷиат 10.09.2015)

[2] Идиев Ф.Ф. Ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо. Душанбе, 2014. С.174.

маориф ва тайёрии касбӣ, хоҷагии қишлоқ ва саноати кишоварзӣ, энергетика, муҳити зист, нақлиёт, телекоммуникатсия ва хизмати почтавӣ, хизматрасонии молиявӣ ва институтҳои андозӣ, хусусигардонии корхонаҳо, тараққиёти минтақавӣ, самти иҷтимоӣ,туризм, корхонаҳои хурд ва миёна, иттилоот ва алоқа, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, масъалаҳои гумрукӣ, ҳамкорӣ дар бахши омор ва илм, иқтисод, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва мубориза бо терроризм муайян карда, айни ҳол ҳамкорӣ карда истодаанд.

## Адабиёт:


1. Кашкин С.Ю. Права Европейского Союза: Учебник. - М.: Издательство Юрайт, 2012. - 1119 с.
2. Назиров Б.Т. Международно - правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Европейского Союза. Дисс... канд. юрид. наук. - М., 2011. - 216 с.
3. Сайидзода З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004 гг.). Душанбе: Авасто, 2009 . – 416 с.
4. Идиев Ф.Ф. Ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо. Душанбе, нашриёти “Дақиқӣ”, 2014. 178 с.
5. Умеров Д. А. Сотрудничество Европейского Союза и Республики Таджикистан по обеспечению центрально-азиатской безопасности // Молодой ученый. — 2014. — №6. — С. 625-627.
6. Маҷаллаи расмии Итттиҳоди Аврупо (Official Journal of the European Union – OJ) OJ C 110.204.1993.



**Ф.Ф. Идиев**


## Исторические и международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистана и Европейского Союза


В статье анализируются история и международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с Европейским Союзом.



**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Европейский Союз, Европейское Сообщество, Соглашение о сотрудничестве и партнерстве.



**F.F. Idiev**


## The historical and international legal framework for cooperation of the Republic of Tajikistan and the European Union


In the article analyzed the history and the international legal framework for cooperation of the Republic of Tajikistan with the European Union.



**Key words:** Republic of Tajikistan, the European Union, the European Community, the Agreement on cooperation and partnership.

## Порядок рецензирования статей, представляемых в журнал "Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан"

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статьей приводятся в "Правилах для авторов", публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

## Правила для авторов

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимой в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана на компьютере с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный ) интервала. Слева от текста следует оставлять поля (4 см.). Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста, аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении список использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилия и инициалы автора, полное названия, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, они должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.

## ТАРТИБИ
### тақриздиҳӣ ба мақолаҳое, ки ба "Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод шудаанд

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони "Қоидаҳо барои муаллифон" дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳоро оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз зуд ислоҳ намуд.

Сипас мақолаҳо бо тартиби муайян аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешаванд.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дармасъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, кор бурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои ҷойдоштаро фарогирад. Дар хулосаи тақриз баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан, бояд қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти лозимиро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати тахририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷ шударо надоранд.

## REVIEWING ORDER
## ARTICLES PRESENTED TO "THE NEWS OF THE INSTITUTE PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN"

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

## Қоидаҳо барои муаллифон

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ боназардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот и ирсол намоянд.

Дар Маҷаллаи академии ҳуқуқи мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илми ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва вожаҳои калидию фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 16 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дарфайли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хосси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаимарбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашудабошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

## Правила для авторов

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимой в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана на компьютере с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный ) интервала. Слева от текста следует оставлять поля (4 см.). Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста, аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении список использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилия и инициалы автора, полное названия, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, они должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.

## RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board asks authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 16 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.